Ҳофизи Ӯбаҳӣ

# Тӯҳфат-ул-аҳбоб



ҲОФИЗИ УБАҲИ

# „ТӮҲФАТ-УЛ-АҲБОБ“

*(дар муқоиса бо «Луғати фурс» ва фарҳангҳои дигар)*

Ҳозиркунандаи нашр ва муаллифи муқаддима, тавзеҳот, илова ва феҳристҳо номзади илми филология

*Ҳафиз Рауфзода*

ДУШАНБЕ, «ИРФОН», 1992

Об. 8К3

Государственная республ. библ. Тадж. ССР им. А. Фирдоуси

1874754

4И(форс) 5 4 тоҷикӣ

ББК 81.2 форс

**Убаҳӣ Ҳофиз.**

У 12 «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» ё «Фарҳанги Ҳофизи Убаҳӣ» — Душанбе, Ирфон, 1992.— 288 саҳ.

Яке аз фарҳангҳои қадимаи забони форсии тоҷикӣ аст, ки дар охири асри XV ва аввали асри XVI дар Осиёи Миёна тартиб шудааст. Тақрибан 2600 луғати нодир ва камистеъмоли [illegible] асрҳои X—XI-ро ба маънидод шарҳу эзоҳ медиҳад.

Фарҳанг ба хатти имрӯза ва ба тартиби алифбои имрӯза баргардонида шудааст. Маҷмуи [illegible] забону адабиёти тоҷик мегардад.

ISBN 5—667—00412—7

$$\text{У}\ \frac{4202030000-46}{501(12)-92}\ -92$$

ББК 81.2 форс

*ХОФИЗИ УБАХИ*

«ТУХФАТ-УЛ-АХБОБ

(на тадж. языке)

Муҳаррир Хушвахт Рауфзода
Муҳаррири ороиш В. Нелюбов
Муҳаррири техникӣ Л. Шашкова
Мусаҳҳеҳ И. Ҳамраев

ИБ № 2419

Ба матбаа 20.06.91 супурда шуд. Ба чопаш 14.10.92. имзо шуд. Формати 60×84¹/₁₆. Коғази типографии № 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 16,74. Ҷузъи рангаи шартӣ 16,972. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 18,83. Адади нашр 10000. Супориши № 765. Цена: 65-00

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Вазорати матбуот ва ахбории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

© Нашриёти «Ирфон», 1992.

## МУҚАДДИМА

Маълум аст, ки дар сарзамини хеле васеъ, ки аз қадим боз дар он забони тоҷикӣ интишор меёфт, бо мурури замон ва бо хости рӯзгор хеле луғатҳои қиматбаҳо тартиб дода шудаанд. Ин луғатҳо барои донистани бойгарии таркиби луғавӣ, омӯхтани тағйиротҳои лексикӣ ва умуман таърихи инкишофи забони тоҷикӣ ба аҳмияти бузурги илмӣ соҳибанд.

Мутаассифона, дар мактабҳои олии республика, дар шӯъбаҳои забоншиносӣ, махсусан дар курси омӯзиши таърихи забони тоҷикӣ аз ин асарҳои гаронбаҳо хеле кам истифода мебаранд, ё намебаранд.

Аз тарафи дигар аз шумораи хеле зиёди ин гуна луғатҳо ғайр аз «Ғиёс-ул-луғот» дигар асаре ба табъ расонида нашудааст.

Яке аз ин гуна луғатҳо, ки дар бораи лексикаи қадимаи забони тоҷикӣ баҳс мекунад, «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» машҳур ба Фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳист.

Муаллифони фарҳангҳои минбаъда, аз ҷумла муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ки барои тартиб додани асари худ шумораи зиёди луғатҳои қадимаро истифода кардаанд, дар муқаддима дар қатори сарчашмаҳои луғавӣ номи ин луғатро низ қайд менамоянд.

Соли 1928 дар маҷаллаи № 1 — 2 «Роҳбари дониш» проф. Фитрат мақолае чоп кунонида дар бораи таърихи таълиф ва аҳамияти ин асар сухан меронад. Ва ин асарро маҳсули даврани ҳукмронии Абдулатиф — писари Улугбек медонад. Фитрат хусусияти байтҳои ба тариқи мисол овардашударо қайд намуда, аз ҷумла аз рӯи вазни байтҳои дар луғат ҷогирифтаи устод Рӯдакӣ ба хулосае меояд, ки сардафтари назми классикии тоҷик устод Рӯдакӣ соҳиби чанд маснавии гуногун будааст. Фитрат аҳамияти ин луғатро барои тадқиқи соҳаи забон ва адабиёти тоҷик қайд мекунад ва изҳори орзу менамояд, ки ин асар аз чоп бароварда шавад.

Дар ҳамон сол профессор Евгений Эдуардович Бертельс низ ба муносибати дар Самарқанд ёфт шудани нусхаи ин луғат мақолае навишта будааст.

Соли 1954 А. К. Арендс дар бораи луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо мақолаи нисбатан калоне баромад мекунад. Вай дар натиҷаи кофтуков дар китобхонаҳои гуногун мавҷуд будани якчанд нусхаҳои ин луғатро муқаррар кардааст. Қисми зиёди мақолаи А. К. Арендс дар бораи замони зиндагии соҳиби асар ва муайян намудани соли таълифи ин луғат баҳс мекунад. А. К. Арендс ба маълумотҳои «Тазкират-ул-аҳбоб» ё «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисорӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ ва тарҷумони «Маҷолис-ун-нафоис» такя карда ба хулосае меояд, ки Ҳофизи Ӯбаҳӣ асарашро ба Абдуллатифи Шайбонӣ, ки солҳои 1530—1556 дар Мовароуннаҳр ҳукмронӣ мекард, бахшидааст.

Ба фикри А. К. Арендс қимати асар дар шарҳи калимаҳои қадимаи ашъори шоирон набуда, балки дар он материалҳои лексикие мебошад, ки

муаллиф аз лаҳча ва забонҳои зиндаи замонаш ҷамъ намуда, дар асараш ҷо додааст.

Дар вокеъ хеле калимаҳои шеваги, ки дар луғатҳои дигар, аз ҷумла дар «Луғати Фурс» дида намешаванд, дар луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ ҷо дода шудаанд. Илова бар ин бисёр калимаҳо, ки ба «Луғати Фурс» дохиланд, дар луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ шаклан ва баъзан аз ҷиҳати маъни фарқ доранд. Ин пеш аз ҳама агар аз як тараф натиҷаи тағйири таърихии шакл ва маънои калимаҳо бошад, аз тарафи дигар таъсири ҳамон нусхаҳои гуногуни «Луғати фурс» мебошад, ки бо кӯшиши ин ё он котиб ва ё шахсони алоҳида дар вақти кӯчонидан ва илова намудани калимаҳои дигар ба миён омадаст.

Луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар нимаи аввали асри XVI навишта шудааст. Муаллиф мақсади худро дар муқаддимаи асар чунин баён кардааст: «Бар забоноварони суханcоз ва дақиқашиносони нуктапардоз пӯшида ва махфӣ нест, ки бинои муаллафоти салаф бар луғоти қадимаи фурс аст, ки ба сабаби мурури айём ва тағйири алсинаи хос ва авом мастур ва маҳҷуб монда ва лиҳозо абнои рӯзгор ва суханварони фазилатшиор аз мутолиаи он чандон ҳаззу насибе надоранд. Лоҷарам назари илтифотро ба саҳафоти он таълифот намегуморанд ва онҳоро аз ҷумлаи мансухот ва матрукот мешуморанд. Бинобар он бандаи раҳӣ Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар боби тасҳеҳ ва тавзеҳи он рисолаи мухтасаре тартиб дод ва уқдаҳои онро ба банони баён кушод...».

Чи тавре ки дида мешавад, муаллиф луғатҳоеро шарҳ додан хостааст, ки дар даврам ӯ «абнои рӯзгор мансуху матрук» ҳисоб мекарданд. Вале чи тавре, ки аз таҳлили матни фарҳанг дида мешавад, на ҳамаи калимаҳои забони форсии онвақта, аз ҷумла маводди луғавии луғат мансуху матрукаид.

Дар луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ зиёда аз 2600 калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ баъзан бо мисол ва баъзан бе мисол, шарҳ дода шудаанд.

Қисми зиёди лексикаи ин фарҳанг дар нусхаҳои гуногуни «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ дида мешавад.

Бинобар он бо муқоисаи ин ду фарҳанг сохт, принципҳои тафсир, мавкеъ ва мақоми асари Ҳофизи Ӯбаҳиро муайян кардан мумкин аст.

Мутаассифона, соҳиби луғат аз сарчашмаҳои луғавии худ ҳарфе намезанад, ҳатто ягон фарҳанги каму беш маълум ё аз назар пинҳонмондаро, ки барои асари ӯ мавриди истифода қарор гирифта бошад, номбар намекунад. Дар муқаддимаи луғат ба сабаби таълифи асар, ки ҳамчун анъана муаллифон одатан аз он ёдовар мешуданд, ишорае ба назар намерасад. Ин ҳол аз муносибати ҷиддӣ ва каму беш интиқодии муаллиф, яъне соҳиби фарҳанг гувоҳӣ намедиҳад, балки амали ӯро шуғли як нафар ҳаваскоре падидор месозад, ки дар байни корҳои дигари касбии худ ба ин гуна як кори пурмашаққати масъулиятталаб даст задааст.

Чи тавре ки мушоҳида мешавад, асрҳои XII ва XIII дар фарҳангнависӣ гӯё як фосилаест, ки дар ин давра ягон асари луғавии каму беш назаррасе барои аҳли илм манзур нашудааст. Дар ин замон баъзе фарҳангҳои арабӣ ба форсӣ тавлид мёбанд, ки ба навъе ин холигиро пурра месозанд.

Ба ҳар ҳол то замони Ҳофизи Ӯбаҳӣ аз асарҳои луғавӣ чанд фарҳангро аз қабили «Луғати фурс», «Сиҳоҳ-ул-фурс», «Меъёри Ҷамолӣ» ва ғайра ёддошт намудан мумкин аст. Ба таври қатъӣ гуфтан метавон, ки дар дасти Ҳофизи Ӯбаҳӣ аз ин қабил асарҳои луғавӣ чанд нусхае мавҷуд буда, ки барои сохт ва тарзу усули фарҳанги ӯ ҳамчун намуна хидмати сазоворе ба ҷо овардааст.

Инак, худи муқоиса имконият медиҳад, ки ҳусну қубҳи асари Ҳофизи Ӯбаҳӣ ва инчунин «Луғати фурс», ки барои фарҳангҳои минбаъда ба таври гуногун истифода шудаанд, айдаке муфассалтар зоҳир гардад.

Пеш аз ҳама луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо ҷобаҷогузории маводи луғавӣ

фарқ мекунад. Агар «Луғати фурс» мувофиқи тартиби алифбо аз рӯи ҳарфи охирини калимаҳо тартиб ёфта бошад, луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бо тартиби ҳарфҳои аввалу охир сохта шудааст. Фарҳанги Ӯбаҳӣ аз бист боб иборат аст.

Дар сохт, тарзҳои тафсири маъно, додани мисолҳо ва ғайра принципҳои анъанавии луғатсозӣ риоя шудааст.

Тарзи талаффузи калимаҳои тафсиршаванда дар луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ на бо шарҳи муфассали сохти калимаҳо ва на бо андозаи калимаҳои ҳамвазн, балки бо гузоштани ҳаракатҳои ҳарфҳо (аломатҳои диакритикӣ) муайян карда мешавад.

Баъзан тарзи талаффуз бо номбар кардани ҳаракати ҳарф таъкид мешавад, масалан, **Туғрил** — ба касри«ро» — номи подшоҳест, **туғрул** — ба замми«ро» — номи мурғест шикорӣ. Агар калима сермаъно бошад, миқдори маънои калима низ таъкид мешавад: **тир** — ҳашт маънӣ дорад; **хуш** — ба се маънӣ аст.

Аз муқоиса маълум мешавад, ки дар таълифи фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ чанд нусхаи «Луғати фурс» мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар бисёр мавридҳо шакли калимаҳо, тарзи ифодаи маънои онҳо ва мисолҳои додашуда дар ҳар ду луғат якхелаанд. Масалан: **зиръ** — гӯшаи кишт бувад ва **заръ** ба тозӣ киштро гӯянд.

Рӯдакӣ гӯяд:

Зиръу заръ аз баҳор шуд чу биҳишт,
Заръ кишт асту зиръ гӯшаи кишт.

**Тороҷ** ғорат бошад. Дақиқӣ гӯяд:

Донӣ, ки дили ман ки фикандаст ба тороҷ,
Он ду хати мушкин, ки падид омадаш аз оҷ.

**Тӯфон** дӯсти Вомиқ буд, ки бо ӯ бигрехт. Унсурӣ гӯяд:

Яке дӯсташ буд Тӯфон ба ном,
Басе озмуда ба нокому ком.

Бояд хотиррасон кунем, ки ба чоп тайёркунандаи «Луғати фурс» Аббос Иқбол чанд нусхаи «Луғати фурс»-ро шартан «айн», «син», «нун», «чим» номида, ба сифати нусхаи асос «айн»-ро гирифтааст ва бо овардани маводди нусхаҳои дигар нусхаи асосро пурратар гардонидааст. Аз муқоисаи ин ду луғат ҳамин чиз зоҳир мегардад, ки маводди луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ бештар ба материали нусхаи «син», «чим» ва хусусан ба нусхаи «нун»-и Луғати фурс» бештар шабоҳат пайдо мекунад. Масалан:

**Чук** мурғакест, ки хештанро аз дарахт овезад аз сари минқор ва бонг занад чандон, ки аз бинии ӯ хун ояд.

Дар «Луғати фурс» ин калима чунин аст: **чук** мурғест, ки хештан аз дарахт биёвезад (мисол аз Баҳромӣ ва Манучеҳрӣ). Дар поварақи китоб аз нусхаи «нун»: **чук** мурғест, ки хештанро аз дарахт овезад аз сари минқор ва бонг занад чандон, ки хун аз бинӣ резад.

**Ғоб**-сухани беҳуда ва ёва бошад ва бозмондан эташро низ «ғоб» гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Мардумон аз хирад сухан гӯянд,
Ту ҳаво зи ҳадиси ғоб кунӣ.

Дар «Луғати фурс» мехонем: **ғоб**-чун беҳуда ва ёфа бувад. (Мисоли дигар аз Рӯдакӣ). Аз нусхаи «нун» (дар поварақи китоб): **ғоб** беҳуда бувад ва монанди он (мисоли боло аз Рӯдакӣ).

Дар «Фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ» баъзе калимаҳое шарҳ меёбанд, ки дар «Луғати фурс» эзоҳоти равшан надоранд. Масалан: **чорчала** (дар «Луғати фурс» чочала) — поафзор бувад. Шеър:

Гирифтам, ки ҷое расидӣ ба мол,
Ки заррин кунӣ сандалу чочала.

Дар «Луғати фурс» ин мисол зери калимаи «сандал» омадааст.
**Чапира** ҷамъ гаштани мардум бошад аз барои коре. Фирдавсӣ гӯяд

Пазира шуданро чапира шуданд,
Сипоҳу сипаҳбад пазира шуданд.

Дар «Луғати фурс» омадааст: **Чапира** ҷамъ гаштан бувад қавмеро. Повараки китоб: нусхаи «нун»: **чабира** ҷамъ шудани қавме бошад (бидуни мисол), сойри нусах ин луғатро надоранд.

Мисоли боло дар ҳошияи «Луғати фурс»-и чопи Аббос Икбол, чи таврe ки қайд шудааст, аз «Луғати Шоҳнома»-и Абулқодири Бағдодӣ бардошта шудааст.

Дар «Фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ» барои мисол баъзе намунаҳои назмӣ ба назар мерасанд, ки дар «Луғати фурс» дида намешаванд. Масалан: Пайхаста дармонда ва оҷиз бошад. Дақиқии шоир гӯяд:

Дилхаставу маҳруму пайхаставу гумроҳ,
Нолон ба сафедадаму гирён ба саҳаргоҳ.

Дар «Луғати фурс» ба ҷои ин мисол мисоли дигар аз Кисой омадааст:
**Пошгуна** мақлуб бувад ва он бозгардонидан бошад. Кисоии шоир гӯяд:

Тез будему кундгуна шудем,
Рост будему пошгуна шудем.

Дар «Луғати фурс» мисолҳои дигар аз Хисравӣ ва Шаҳид омадаанд.

Муаллифи фарҳанги «Тӯҳфат-ул-аҳбоб» дар зери баъзе воҳидҳои луғавӣ на танҳо як байт, балки 2—3 байт меоварад, ки ин ба пуррагиву ҳартарафа фаҳмида шудани маънои калима ёрӣ мерасонад. Масалан:

**Сарпос** гурз ва дахт аст, ки олати ҷанг аст ва он силоҳе бошад, ки сарҳангон ва қалъадорон ба даст гиранд. Фардавсӣ гӯяд:

Дили саркашон пур аз васвос буд,
Ҳама кӯй пурбонги сарпос буд.

Унсурӣ низ гӯяд:

Ту чӣ гуна раҳӣ, ки дасти аҷал,
Бар сари ту занад ҳаме сарпос.

Дар «Луғати фурс» фақат байти Унсурӣ дида мешавад. **Чома** чом ва суруд ва шеър бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Яке чомагӯю яке чангзан,
Яке пой кӯбад шакан бар шакан.

* * *

Бизад дасту танбӯр дарбар гирифт,
Саройидани чома андар гирифт.

Дар «Луғати фурс» фақат байти якум омадааст.

Дар луғати Ҳофизи Ўбаҳӣ бисёр калимаҳои бо мисол шарҳ додашуда вомехўранд, ки дар «Луғати фурс» худи ҳамон калимаҳо бе мисол омадаанд. Масалан:

**Пора** ришват бувад. Унсурӣ гўяд:

Ҳар ҷо ки пора шуд аз дар даруи,
Шавад устуворӣ зи равзан буруи.

**Сароб** замини шўристон бувад, ки дар миёни рўз аз дур ҳамчуи об намояд. Унсурӣ гўяд:

Аз паи об агар шавӣ ба сароб,
Гум кунӣ ҷону з-ў наёбӣ об.

Ҳофизи Ўбаҳӣ бисёр луғатҳоро нисбат ба «Луғати фурс» кушодтар ва муфассалтар шарҳ медиҳад. Илова бар ин тарзи талаффузи вилоятӣ ва ё шеваги ин луғатҳо оварда мешаванд. Масалан: **девча** ду навъ аст, яке кирмакест ба гунаи ҷонваре ва дар пашмина ва ҷомаҳои абрешимин афтад ва ба зиён диҳад ва онро чинсӣ хонанд ва дар баъзе ҷо **хўра** гўяндаш; ва дигар **золу** бошад ва он он аст, ки дар ғалла афтад ва ғалларо табоҳ кунад ва онро **чинсӣ** ва **сўс** ва **шира** гўянд.

Шарҳи ин калима дар «Луғати фурс» чунин аст: кирмгунае бувад, ки дар пашминаҳо афтад. **Харанд** гиёҳест монанди ушнон ва баъзе ҷо дар Хуросон онро **шахор** хонанд ва баъзе **харохор** гўянд, ки шахор аз ў кунанд. (байт):

Тазарв то ҳаме андар харанд хоя ниҳад,
Гавазн то ҳаме аз шир пур кунад пистон.

«Луғати фурс»: Гиёҳест бар шабеҳи ушнон ва ба забони дигар шахор хонандаш (мисоли боло аз Бўшакур).

Барои луғатсозӣ ҳар чӣ бештар пурратар инъикос ёфтани аньанаҳои калимаҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад. Масалан, бисёр калимаҳо дар «Луғати фурс» бо як маъно дода шудаанд. Дар луғати Ҳофизи Ўбаҳӣ худи ҳамин калимаҳо бо маъноҳои иловагӣ эзоҳ ёфтаанд. Масалан; **Парвона** чароғвора бошад... худро ба чароғ ва шамъ занад ва бисўзад ва ўро **магаси чароғ** хонанд. Фаррухӣ гўяд:

Биёмўзу некӣ кун, эй некрўз,
Чу парвона мар хештанро масўз.

Ва фармонрасонандаро низ гўянд. Маънои дуюм дар «Луғати фурс» дида намешавад.

**Дарой** ду маъно дорад, яке занге бошад, ки бар гардани шутур банданд ва дигар путки оҳангаронро гўянд. Фирдавсӣ гўяд:

Аз он путк ки оҳангарон пушти пой,
Бипўшанд ҳангоми захми дарой.

«Луғати фурс»: **Дарой** путки оҳангарон бувад (байти боло аз Фирдавсӣ).

**Ғунҷ** суриии мардум ва ҳайвонот бошад ва чуволро низ гўянд. «Луғати фурс»: **ғанҷ** чувол бувад. Мисол аз Лабибӣ.

**Паҳнона** кулича ва нони сафед бошад ва бузинаро низ гўянд. «Луғати фурс»: **«Паҳнона** бузина бувад. (Мисол аз Кисоӣ).

Баъзе луғатҳо дар ин ду фарҳанг гарчанде маъноҳои ба ҳам наздик

дошта бошанд ҳам, айни як мафҳумро ифода намекунанд. Баъзе луғатҳо шаклан як хел буда, маънои гуногун доранд. Масалан:

**Хунба** хуме бошад бузург ва дароз аз гил сохта, ки ғалла дар он ҷо кунанд. «Луғати фурс»: **хунба** анборхонаи баққолон бувад ҷудо-ҷудо, ки чизе ниҳанд.

**Сур** арӯсӣ ва хатнаро гӯянд. «Луғати фурс»: **сур** меҳмонӣ бошад ба анбӯҳӣ.

**фарғанд** гандбинӣ ва чизе гандида ва палид бувад. Шоир гӯяд:

> Маъзур аст, агар бо ту насозад зан-т, эй физ,
> З-он ганддаҳони туву з-он бинии фарғанд.

«Луғати фурс»: **фарғанд** чизе бошад, ки бар дарахт печад то шохаҳоро хушк кунад, чун лубоб. (Мисоли дигар аз Абулаббос ва Рӯдакӣ).

Бисёр калимаҳои эзохшавандаи ин ду луғат як маъноро ифода кунанд ҳам, вале шаклан фарқ мекунанд. Бояд гӯем, ки фарқияти шаклии онҳо бештар дар натиҷаи дар чоп ё худ кор нафармудани нуқтаҳои ҳарфҳои алифбои араб ва ҳаракатҳо рӯй додааст.

Масалан, **тунбак** табанак (қолиб), **зав — жав** (дарё), **субук — сабук** (чобук), **суғ — шағ** (суру, шохи гов), **синмор — синнамор** (номи шахс), **Самандур — Сандур** (номи шаҳр), **сутанхез — ситхоз** (растахез, қиёмат), **шудкис — садкис** (кавси кузах), **баста — пуста** (ҳарир), **чӯла — хула** (тирдон) ва ғайра.

Масъалаи баҳснок, ки дар ҳар ду луғат вомехӯрад, ба шоирони гуногун нисбат додани байтҳои мухталиф мебошад.

Чизи барои луғатшиносӣ муҳимми фарҳанги Ҳофизи Ӯбаҳӣ маводди нави он мебошад, ки дар «Луғати фурс» ба назар намерасад. Баъзе аз ин мавод дар «Луғати фурс» шаклан фарқ доранд.

Қисми зиёди захираи луғавии фарҳанг иборат аз калимаҳоест, ки асосан номҳои предметҳои табиӣ (наботот, ҳайвонот) ва предметҳои ба фаъолияти меҳнатии одамон вобаста бударо ифода мекунад.

Захираи луғавии мавҷударо метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кард:

**1. Луғатҳое, ки номҳои шахс, касб, макон ва ғайраро ифода мекунанд.** Маслан: *Туғрил*, *Сиёвуш*, *Завора*, *Хусрав*, *Туҳамтан*, *Бижан*, *Занд*, *Сото*, *Ӯш*, *Озарбарзин*, *Эйкилун* (китоби тарсоён), *Омӯй*, *Танҷа*, *Ҷайҳун*, *Буховраҳо*, *Афшаргар*, *шабон*, *сарҳанг*, *шаҳриёр*, *реҳа*, подшоҳ), *ромишгар*, *хунёгар* ва ғайра. Баъзе аз ин луғатҳо бо мисол зоҳ ёфтаанд: масалан, **Иснаситтон** падари зани Вомиқ буд ва оқибат ӯро бикушт. Унсурӣ гӯяд:

> Бифармуд то Иснаситтон ба гоҳ,
> Биёмад ба наздики рахшанда моҳ.

2. **Калимаҳое, ки предметҳои хонагӣ, навъи таом, пӯшок, ашёҳои зебу зинат, асбобҳои ҳунармандӣ, деҳқонӣ ва ғайраро ифода мекунанд.** Масалан: *субӯй* (зарф), *зукинҷ* (зарф), *хайин* (табақ), *табанга* (табли нон), *тарбон* (табақи аз шохи дарахт бофта), *таҳанбан* (сари дег), занбил, афрох *(таом)*, *ҷрмағонӣ* (роҳовард), *басоҷ* (хироҷ), *полуда*, *ғармаг* (таом), *уксун*, *бебод*, *пер*, *буқаламун*, *парза*, *хатрон*, *той*, *дазак*, *сахи*, *шора* (навъҳои пӯшок), *афсар*, *аважанг*, *сирмон*, *силқ*, *баёзакӣ*, *ҳамоҳан*, (предметҳои зинат), *тулук*, *тафоғ* (қадаҳ), *сукофира*, *родбӣ*, *соз*, *охлакаҷду* (номҳои асбобҳои мусиқӣ), *симёза*, *ранда*, *шифоҳанҷ* (асбобҳои касбӣ).

3. **Ҷирмҳо ва ҳодисаҳои табиӣ:** *боҳу* (манзили Уторуд), *анталисун*, *сирир*,

*тарса, тавқи бухор* (тиру, камон, яъне номҳои қавси кузах), *шиҳкоса, пасангак, тағарак*, (жола), *дурахш, бахш*. Мисол: **Бахш** моҳӣ бувад ва бурҷро низ гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Қ-офтоб ояд ба бахшаш зӣ Бара,
Рӯи гетӣ сабз гардад яксара.

4. **Калимаҳое, ки анвои ҳайвонот, парранда ва ғайраро ифода мекунанд:** *бадром, бур, полоза, ҳарун* (навъи аспҳо), *ҷазд, тиҳу, чукук, чирк, залзал, сангхор, зандарон, сагорӣ, шихнишор, шағона, сихул, тошӣ* (навъи паррандаҳо), *бодома, пила, бухла* (кирмак ва кирмҳо).

Мисол барои ин навъи калимаҳо: **роваро** хорпушт бошад, ки ӯро жӯжӯ хонанд. Шеър:

Рафтам ба назди хоча Абдулфазли Тайямӣ,
Бар таъми он ки ёбам аз ӯ ваҷҳи зарру сим.
Рӯзи дигар чу шеъри тақозои ман шунид,
Сар дар кашид ҳамчу кашад роваро зи бим.

5. **Калимаҳое, ки навъи набототро ифода мекунанд**: *ханҷак, сутранг, сарви саҳӣ, тӯж, шелон, шалер, арар, бағинҷ, бағич, соруна* (дарахтҳои бемева ва меводор), *шубуй, озарюн, озаргун* (номи гулҳо), *чина, тартоҷ, хаядес, ғурушна* (номи гиёҳҳо) ва ғайра. Мисол барои ин гуна луғат:

**Хинкбед** хор бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Тани хинкбед арчӣ бошад сафед,
Ба тезиву нармӣ набошад чу бед.

6. **Луғатҳои узви бадани инсон ва ҳодисаҳои ба одам вобаста бударо ифодакунанда**: *сурун, омос* (чон хунукзада), *арас* (оби чашм), *буҷ* (даруни даҳон), *дарра* (шикам, шиканба), *патфуз* (перомани даҳон), *пунҳа* (пешонӣ), *ғабғаб, ғаф* (мӯи ҷаъд), *чиҷ*, дог ва ғайра, баъзе аз ин калимаҳо ҳиссиёт ва ҳолати рӯҳии инсонро ифода мекунанд.

7. **Калимаҳои абстракт, ки ҳиссиёт, хислат ва ҳолати рӯҳии инсонро ифода мекунанд:** *оҳанг* (савт ва ничунин қасд, нийт). Унсурӣ:

Зи ишқи банда(и) румию ҳодими зангӣ,
Суи анову бало ҳамекунӣ оҳанг.

Гурӯҳи дигари калимаҳо аз ҳамин қабиланд: *ожарм* (бахт), *даж* (хашм), *вазанча* (риёзат ва сахтӣ), *чанд, фанд* (бими сахт), *шеван* (мотам), *сос* (лутф), *рег* (кина), *дастон* (ҳилат), *хитол* (дурӯғ), *шакран* (бадномӣ), *ситова* (макр), *фарҳо* (сахтӣ ва ранҷ), *оз* (ҳирс), *андарз* (васият), *овор* (ситам), *ҷаър, озмун*, (имтиҳон), *абрамон* (пушаймонӣ), подошт (ҷазои некӣ), *бадруд* (видоъ), ва ғайра. **Пос** ҳарос, нигоҳ доштанро низ гӯянд ва посбонро аз ин ҷиҳат ҳорис гӯянд. Унсурӣ гӯяд:

Эй, ки бар мол посбон дорӣ,
Бар сари гӯри ту кӣ дорад пос.

8. **Шакли масдарии феъл:** *Пужуҳидан* (пурсидан ба ?из), *бишхудан* (фушурдан), *анбӯидан* (бӯидан), *сонидан* (судан), *супухтан* (дарфушурдан), *ситеҳидан* (ситеза кардан), *чамидан* (ғам хӯрдан), *часпидан* (лағзидан), *чухидан* (кӯшидан), *тумидан* (барг баровардани дарахт), *тобидан* (ларзидан), *ғунудан* (хоб рафтан), *торобидан* (чакидани об), *пошидан* (иnёз

кардан), *боидан* (афзун шудан), *бароҳеҷидан* (баркашидан), *ғуридан* (хиромидан), *дурафшидан — дурахшидан, шамидан* ва ғайра.

9. **Калима ва ибораҳои маҷозӣ:** Киноявӣ, ки бо як калима ё ибораҳо ифода гаштаанд: *хаспӯшӣ* (нифоқ), *сиёҳкоса* (бахил), *ду чаҳор задан* (якдигарро пеш омадан), *даст шуст* (навмед шуд), *пӯстин кардан* (айб кардан), *пунба кардан* (дафъ кардан), *сипар бар об афгандан* (тарки ҷангу ор гуфтан), *бар об биғӯӣ* (холӣ бигӯӣ), *дар хат шуд* (муттағайир гашт), *паҳлӯ кардан* (эътироз кардан), аз фалон фуқоъ мекушояд яъне ба вай менозад ва аз вай лоф мезанад.

Чӣ тавре ки мушоҳида мегардад, мундариҷаи ин фарҳанг танҳо аз луғатҳои матрук ва қадима иборат нест, балки шумораи хеле зиёди калимаҳои забони адабии тоҷик ва инчунин забони гуфтугӯии халқӣ ва шеваҳоро низ дарбар кардааст. Миқдори зиёди ин калимаҳо бо мурури замон аз таркиби луғавии забон хориҷ шудаанд, тағйир ёфтаанд ва ё хусусияти маъногии худро дигар кардаанд. Қисми афзуни маводи луғавии луғати Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар забони имрӯзаи адабӣ мавҷуд аст. Шумораи зиёди он луғатҳоро дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ низ пайдо кардан мумкин аст.

10. **Маводи луғавии хоси фарҳанг.** Як ҳиссаи муҳимми захираи луғавии фарҳангро нисбат ба мӯҳтавои захираи луғавии фарҳангҳои пешина маводди луғавии махсуси ин луғат номидан мумкин аст. Ин қисми захираи луғавӣ ҳиссаи хоси маводди ин луғат аст, ки дар он гирдоварӣ шуда, бо услуби хоси муаллифи фарҳанг тавзеҳу тафсир меёбад. Ин қисми маводди луғавӣ чӣ тавре ки дар муқоиса маълум гашт, дар «Луғати фурс» ва нусхаҳои мухталифи он ба назар намерасад. Онро маводди хоси луғавии ин фарҳанг шуморидан мумкин аст, ки манзури назари муаллифони фарҳангҳои нисбатан мукаммалтари минбаъда шуда, ба асарҳои калонҳаҷми луғавӣ, аз ҷумлаи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Маҷмаъ-ул-Фурс»-и Сурурӣ ва ғайра роҳ пайдо кардааст.

Ба ин гурӯҳи калимаҳо маводди луғавии зеринро мансуб донистан мумкин аст: *боидан*-афзун шудан; *ганҷур*-хазинадор, *гард*-ба маънии гардун; *ғӯл*-аҳмақ, аблаҳ, нодон; *дазак*-дасторча (Лаброба сари дазак бикун пок аз май., *(Рӯдакӣ)*: *дастур*-вазир; *дӯстгон*-маъшуқа; *дӯстгонӣ*-шаробе, ки бо маъшуқа хӯранд; *қарозидан*-хиромидан; *кирифт*-чарм, *ланкок*-сухани дурушти нохуш; *кашаф*-сангпушт; *кашкин*-нони ҷавин; *меҳина* ва *меҳ* — меҳтар, бузургтар; *лом* — зевар; *шилк* — гили сиёҳранг; *ғарас* — хашм ва тундӣ; *шамар* — обгин; *мӯлидан* — пондан ва дер мондан; *мӯя* — гиристан; *овор* — ситам ва ҷавр; *оворa* — девони ҳукм; (дар «Ҷаҳонгирӣ»-ҳисоб); *руҳайно* — зиндуда; *фарҳо* — сахтӣ ва ранҷ; *фарог* — огушта ва ғайра.

Аз ҷумлаи маводи хоси фарҳанг воҳидҳои луғавие ба назар мерасанд, ки дар «Луғати Фурс» ва инчунин дар фарҳангҳои дигар ҳанӯз мавриди назари луғатшиносон қарор нагирифта буданд. Масалан, *фардара* — васса; *фукз* — бинии пахн; *шакриш* — бадномӣ; *ҳавозиӣ* — ногоҳ; *хазина* — харҷ; *ҳамхунд* — зид ва ғайра.

11. **Маводди луғавии архаистӣ.** Ҳамон навъе, ки мебинем, дар байни гурӯҳҳои луғавии фарҳанг бештар калимаҳое вомехӯранд; ки на фақат аз назари имрӯза, балки ҳанӯз дар замонҳои қадимтари инкишофи забони тоҷикӣ низ барои ҳама ба як андоза фаҳмо буданд. Ин қабил маводди луғавӣ пеш аз ҳама мӯҳтоҷ ба шарҳу тафсир қарор гирифтаанд ва боиси дар луғатҳои тафсирӣ гирд оварда шудани онҳо низ ҳамоно барои аксари мардум номаълум ва нофаҳмо будани маъноияшон мебошад. Ба ин гурӯҳи калимаҳо, ки нисбат ба замони истеъмолашон дар худ осори кӯҳнагӣ доранд, луғатҳои зайлро мансуб донистан мумкин аст: *вешида* — густарда; *вижа (вежа)* — пок ва хосса; *канах* — кашк, яъне курут; *кандо (гундо)* — файласуф, муҳандис, доно; *каппӣ* — бузина, маймун; *кар* — тавон, қувват ва мурод; *мунҷ* — занбӯри асал; *охшеҷ* — зид, мухолиф ва ҷамъи он *охшеҷон* — ба маънии чор унсур; *батфуз* — фуз, пуз, фук, тумшук.

Ва калимахое, ки дар як маънои алохида калимаи архаистӣ мебошанд, аз қабили калимаи *озодӣ*, ки баробари маънои хуррият, рахоӣ, халосӣ ба шодиву хуррамӣ маънои шукру сипосро хам доштааст: калимаи *ойин*, ки баробари маънои расму адаб маънои олати шкрзана, яъне гуппиро хам ифода мекардааст.

Ва аз ин гурӯхи калимахои архаистӣ калимаи *амор* ба маънии хисоб ва калимаи *вижа* ба маънии хосса имрӯз дар забон аз нав ба истеъмол даровара шудаанд: *омор* ба маънии статистика, эхсобия ва *вижа* дар шакли *ба вижа* ба маънии хусусан ва махсусан. Ва ин ходисаи нодир аст дар забон, ки калима дар натиҷаи аз нав истеъмол шудан аз доираи архаистӣ мебароянд ва аз аломати кӯхнагӣ тадриҷан халос мешавад.

12. **Маводди луғавии маъмул ва маъруф.** Як қисми захираи луғавии фарханг калимахоеанд, ки маъноишон ба тафсиру эзох эхтиёҷ надоранд ва худи мусаннифи луғат низ дар қайд кардани ҷунин калимахо бо ишораи «маъруф аст», яъне ба шарх эхтиёҷ надорад, қаноат кардааст. Масалан, *кафш* — маъруф аст; *кулух* — маъруф аст; *мох* — маъруф аст ва ғайра.

Баробари ин гуна калимахои маъноишон маъруф дар фарханг гурӯхи калони захираи луғавӣ гирд оварда шуда, бо мисолхо шарху эзох дода мешаванд, ки ба гӯрӯхи калимахои муқаррарии умумиистеъмолӣ мансубанд. Масалан, *ғунча* — шукуфаи гул; *ғӯза* — ҷаве бувад, ки пунба дар он бошад; *шол* — гилеме бошад кӯчак; *фиғон* — фарёди зорӣ; *ашк* — қатрахои оби ҷашм ва ғайра. Калимахои *ҷаман, ҷарх, ҷуст, хошок, хурӯш, ҷарм, шудгор, шӯр, фона, фош, дашт, дос, ёро, зебо, мӯрӣ, мусича, ёвар, лой, марҷон маска* ва ғайра низ аз хамин гуна калимахои умумиистеъмолии умумихалқӣ ба шумор мераванд. Ин қисми захираи луғавӣ, ки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ асоси луғавии забонро ташкил медиханд, ва дар фарханг низ сахми асоси луғатанд, дар сохаи луғатсозӣ ва луғатшиносӣ хам мавқеъ ва ахамияти асари луғавиро муайян месозанд. Доираи ин гурӯхи асосии таркиби луғавӣ харчанд бештар васеъ бошад имконияти луғавии забон хам хамон андоза пахновар мегардад.

13. **Шавохиди шеърӣ дар фарханг.** Луғати Хафизи Ӯбахӣ на танхо сарчашмаи луғавист, балки инчунин ба манобеи адабӣ низ мавқеъ ва ахамияти шоиста дорад. Дар ин луғат зиёда аз 700 намунаи шеърӣ барои таъкиди маънои калимахо оварда шудааст. Мисолхо, асосан аз шоирони асри X — XI интихоб шудаанд. Як байти гӯё ба таври истисно зери калимаи «боз» аз Қамоли Исмоил оварда мешавад, ки ин аст:

Касе ки дасти ҷап аз дасти рост донад боз,
Ба ихтиёр зи мақсуди худ намонад боз.

Ҷои дигар барои тафсири маънои луғати «муста» (тӯъмаи ҷонварони шикорӣ) як байт аз Авхадуддини Анварӣ истифода шудааст:

Гар муштарӣ ҷаве зи хаво ту кам кунад,
Насрини ҷархро ҷигари ҷадӣ муста боз.

Тарзи ба воситаи мисоли шеърӣ равшан кардани маънои калимахо дар аксари маврид риоя шудааст. Мисолхо асосан аз як байт, ба нудрат аз як мисраъ, дар холатхои ҷудогона аз ду ё се байт иборатанд. Барои таъкиди хар як маъно одатан як мисол, баъзан ду мисол истифода мешавад. Вале ин усули матлуби луғатсозии анъанавӣ дар тамоми матни фарханг муттасил давом намекунад, дар бисёр мавридхо мисли ин ки шавохиде пайдо нашуда, тафсири маъно бидуни мисол воқеъ гаштааст.

Бо вуҷуди ин «Тӯхфат-ул-ахбоб» дар иртибот бо фархангхои пеш ва баъди худ хамчун манбаи ашъори парокандаи шуарои мутақаддим, хусусан шоирони асрхои X ва XI, арзиши сазовори адабӣ дорад. Ашъори парокан-

да ва мутафаррикаи бисёр шоирони замони пеш, аз кабили устод Рӯдакӣ ва ҳамасронаш, аз садамоти ногувори рӯзгор маҳв дар ин гуна фарҳангҳо эмин ва маҳфуз мондаанд. Масалан, дар ин фарҳанг кариб дар ҳаштод мавриd аз ашъори устод Рӯдакӣ ва бештар аз сӣ маврид аз ашъори Дакикӣ истифода шудааст, ки барои муайян кардани хусусиятҳои мухталифи забон ва бадеияти эҷоди ин шоирон хеле ҷолиб ва пураҳамиятанд.

14. **Камбудиҳои нусхаи луғат.** Барои нишон додани ҷиҳатҳои мусбати ин луғат, баъзе камбудиҳои онро қайд накарда гузаштан мумкин нест. Дар ин асар низ ба монанди дигар луғатҳои тафсирӣ, чӣ дар шакл, чӣ дар эзоҳ ва чӣ дар намунаҳои ашъорӣ истифодашуда нокисиву норасоиҳои бисёр дида мешаванд, ки қисме аз онро ба сифати камбудии нусхаи истифодашуда ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Масалан дар саҳифаи 10а шарҳи се луғат мавҷуд буда, аммо ҷои худи луғат холӣ гузошта шудаанд ва аз шарҳи калимаи «арҷ» чизе фаҳмидан мумкин нест. Чунин ҳолат дар саҳифаи 97а ва 57а низ мушоҳида мешавад. Дар саҳ. 57а шакл ва маънои калимаи «чабғут» равшан нест ва ин аз луғатҳои дигар, аз ҷумла аз «Луғати фурс» муайян карда шуд. Зери калимаи «кеҷ» (аҳмақ) саҳ. 137а, баъд аз шарҳи луғат «шеър» навишта шуда, аммо оварда нашудааст. Калимаи «кунда» бо як шаклу тафсиру мисол ду бор такрор шудааст (саҳ. 136а ва 150а). Дар саҳ. 252 луғати «Полуш» — кофири мушавваш гӯён шарҳ меёбад. Ин луғат дар «Луғати фурс» дар шакли «болус», дар «Бурҳони қотеъ» «болушболус» буда, маъноаш кофури мағшуш аст. Дар саҳ. 109а аз байте калимаи «шамар» партофта шудааст.

Дар байтҳои ба тариқи мисол овардашуда вайронии вазн ва шакли калимаҳои мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар байти зери луғати «ғаданг» (аблаҳ) иштибоҳи бисёр роҳ ёфтааст, ки бидуни муқоиса бо маводди фарҳангҳои дигар шакли саҳеҳи онро барқарор кардан мумкин нест. Масалан шакли дурусттари ин байти Қареъуддаҳр дар «Луғати Фурс» чунин аст:

Ҳама чун ғӯли биёбон ҳама чун мори салиб,
Ҳама бадзаҳра ба хӯю ҳама чун коки ғаданг.

15. **Кӯшиши рафъи иштибоҳот.** Ҳеҷ як асари луғатшиносӣ билкул дур аз камбудӣ ва орӣ аз иштибоҳот нест. Аз ин ҷост, ки назари танқидӣ дар худи фарҳангнависон хеле барвақт пайдо шуд ва ин қазоват оҳиста-оҳиста ба қувват гирифтани тамоюли интиқодии баъзе аз муаллифони фарҳангҳо оварда расонд. Барҳе аз назари интиқодиро дар кори муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу низ дидан мумкин аст. Танқидан истифода шудани маводди луғавӣ ва шавоҳиди шеърии «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (1608) ва хусусан «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ (1600) сабаби ба як тамоюли интиқодии мустақим табдил ёфтани назари танқидии соҳиби «Фарҳанги Рашидӣ» — Рашидаддини Аттатавӣ (1654) гардид ва ин тамоюл дар кори луғатсозони минбаъда низ каму беш давом кард.

Ривоҷ гирифтани кори нашри интиқодии фарҳангҳо марҳалаи нави васъатёбии назари танқидӣ ба матни фарҳангҳои қадима мебошад, ки пеш аз ҳама ба ташаббуси луғатшиносони эронӣ вобаста аст.

Ба тарзи муқоиса истифода кардани ду нашри «Луғати фурс»-яке нашри Аббоси Иқбол (1940) ва дигар нашри Дабири Сиёқӣ (1957) ба мо имконият дод, ки матни пурраи «Тӯҳфат-ул-аҳбоб»-ро ба ҳуруфоти ҳозира бигардонем. Дар ин амал кӯшише ба кор рафт, ки ҳар он тафрикае, ки дар матни нусхаҳои ин фарҳангҳо ба миён омад, дар ҳошия пурра сабт гардад.

Илова бар ин барои барқарор кардани равобити шаклӣ (вариант) ва маънои калимаҳо ва инчунин қайди иштиҳоботи воқеии матни «Тӯҳфат-улаҳбоб» дар матни худи фарҳанг, дар ҷойҳои зарурӣ усули ҳаволаҳо дар

қавсайн (*ниг. муқ.* — яъне нигаред, муқоиса кунед) ба кор бурда шуд. Масалан, *аданг* — мардуми аблаҳ ва номатбӯъ (*ниг. муқ.* — гаданг); *суг* — сурӯи гов бувад, ки дар ӯ сикӣ хӯранд (*Ниг.* шуг, ҳамин маънӣ ва мисол), *Шуг* — шохи гов бувад (мисол аз Фирдавсӣ); *тезфуз* — перомуни даҳон бувад аз они одамӣ ва чаҳорпой ва даду дом (*муқ.* батфуз); *нафог* — кифх бувад ба тозӣ; *тафог* қадаҳе бошад, ки аз он шароб хӯранд (*ниг.* нафог); *куса* — қавси кузаҳ бувад, яъне камони Рустам, ки дар баҳорон намояд (мисол аз Хусравонӣ); *кус* — қавси кузаҳро гӯянд, шеър (ҳамон мисол аз Хусравонӣ), *тарса* — қавси кузаҳ бувад (*ниг.* куса, кус); *кура* — замине бувад, ки селоб онро канда бошад ва кашидаву гил дар ӯ монда бувад (мисол аз Унсурӣ), дар луғатҳо ин калима ба шакли лура омадааст); *таҳанбан* — сари дег (*ниг.* наҳанбан); *такук* — зарфе бошад бар сурати шер, (мисол аз Рӯдакӣ), *тулук* — сурате бувад аз сим... (*ниг. муқ.* такук).

Тавре ки аз мисолҳо мушоҳида мекунем, *аданг* таҳриф аз гаданг, *тезфуз* аз татфуз, *тарса* аз туса, *лура* аз кура, *тулук* аз такук буда, *суг* ва *шуг*, *нафог* ва *тафог*, *таҳанбан* ва *наҳанбан* шаклҳои мухталифи якдигаранд ва метавонанд ҳамчун вариант ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҳамин ин қайду ишораҳо, ки дар натиҷаи муқоиса ба миён омадаанд, барои дуруст дарк кардани матни асар ёрӣ мерасонанд.

Ба ҳамин тариқ матни ин фарҳанг, ки ба тартиби алифбои имрӯза баргардонида шудааст, ва ба ин шакл манзури хонандагони гиромӣ мегардад, натиҷаи ҷустуҷӯ, мулоҳизаву мушоҳидаҳои тӯлонист, ки солиёни дароз дар заминаи нусхаҳои дастнавис ва нашри чанде аз фарҳангҳо давом кардааст.

Алҳол буду шуди матни фарҳанг, бе он ки сараро аз носара, аслро аз сақат ҷудо кунем, ба рӯи коғаз омадааст. Вобаста ба ин камбудиву норасоӣ иштибоҳу шубҳа дар матни фарҳанг ҳанӯз зиёд аст. Ҳамаи инро метавонем бо савобдид ва маслиҳатҳои муфиди хонандагони арҷманд, хусусан аҳли калом бартараф намоем. Умедворем ин кори якҷояи мо баъд аз ин барои нашри фарҳангҳои сершумори забони тоҷикӣ, ки бояд рӯи нашрро бинанд ,мададе хоҳад расонд.

*Ҳафиз Рауфзода.*

## ИХТИСОРАҲО

**«Бурҳон»** — «Бурҳони қотеъ».
**в. г.** — ва ғайра.
**Л. Ф.** — «Луғати фурс».
**муқ.** — муқоиса кунед.
**муқоб.** — муқобили.
**ниг.** — нигаред.
**ниг. муқ.**— нигаред, муқоиса кунед.
**с.**— саҳифаи.
**«Ҷаҳонгирӣ»** — «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ».

## ФАРҲАНГҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1. **«Бурҳони қотеъ»**-и Муҳаммади Ҳусайни Табрезӣ, нашри интиқодии доктор Муҳаммади Муин, дар чор ҷилд, Теҳрон, 1330—1333б ҳиҷрии шамсӣ.
2. **«Луғати фурс»**-и Асадии Тусӣ, нашри Аббоси Иқбол, Теҳрон, 1940.
3. **«Луғати фурс»**-и Асадии Тусӣ, нашри Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1957.
4. **«Тухфат-ул-аҳбоб»**-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, фотонусха, аз рӯи дастнависи китобхонаи Институти Шарқшиносии АИ РСС Ӯзбекистон.
5. **«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»**-и Ҳусайни Инҷу (ибтидои асри XVII), нусхаи дастнависи № 931 Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон.

## МАҶОЗ ВА ТАЪБИРОТ

Аз фалон фуқоъ мекушояд яъне вай менозад ва аз лоф мезанад. 187а.
**Бар об бигӯй** ҳолӣ бигӯй. 187а.
**Боракор** шӯх. 187а.
**Гиронҷон** коҳил. 187а.
**Дар хат шуд** мутағайир гашт. 187а.
**Дастбурд** молиш. 187а.
**Даст шуст** навмед шуд. 187а.
**Ду чаҳор задан** якдигарро пеш омадан. 187а.
**Пахлу кардан** эҳтироз кардан. 187а.
**Пунба кардан** дафъ кардан. 187а.
**Пӯстин кардан** айб кардан. 187а.
**Сапедкор** таррор. 187а.
**Сари кӯй дид** (?) низол кард. 187а.
**Саросема** саргардон. 187а.
**Сипар бар об афканад** тарки ҷангу ор гуфтан. 187а.
**Сияҳкоса** бахил. 187а.
**Такопӯй** даводавӣ. 187а.
**Тардоман** олудаи маъсият. 187а.
**Турктоз** тохт кардан. 187а.
**Хаспӯшӣ** нифоқ. 187а.
**Хушкриш** баҳона. 187а.
**Шергир** химмаст. 187а.

# „ТЎҲФАТ-УЛ-АҲБОБ“

Фузалои фасеҳзабон ва фусаҳои балеғбаён афзали калимот ва афсаҳи луғоти ҳамду санои мутакаллимиро доданд, ки рутбаи фасоҳат ва дарачаи балоғат арабро ба мартабаи аълои алаййин расонид ва зоиқаи ачамро аз латофат ва ҳаловати назму насри форсӣ мултаз ва маҳзуз гардонид ва роёти мӯъчази набавиро салаллоҳи алайҳи ва ало олиҳи ва асҳобиҳи аз интиҳои сидрат-ул-мунтаҳӣ гузаронид.

Бар забоноварони сухансоз ва дақиқашиносони нуктапардоз пӯшида ва махфӣ нест, ки бинои муаллафоти салаф бар луғоти қадимаи фурс аст, ки ба сабаби мурури айём ва тағйири алсинаи хоссу ом мастур ва маҳчуб мондаву лиҳозо абнои рӯзгор ва суханварони фазилатшиор аз мутолааи он чандон ҳаззу насибе надоранд, лочарам назари илтифотро бар сафаҳоти он таълифот намегуморанд ва онҳоро аз чумлаи мансухоту матрукот мешуморанд. Бинобар он бандаи раҳӣ Ҳофизи Ӯбаҳӣ дар боби тасҳеҳу тавзеҳи он рисолаи мухтасаре тартиб дод ва укдаҳои онро ба банони баён кушод. Ӯмед, ки фароиди фавоиди он ба шарафи анзори саодатосори олиҳазрати чамшедҳашаммати сулаймонмукнат, подшоҳи динпаноҳи адолатдастгоҳи анчумсипоҳ:

Шаҳаншоҳе, ки бувад дар чаҳони чоҳу чалол
Фазои олами бурун зи ваҳму хаёл.
Ҳумои авчи саодат зи ошёни шараф
Ба тавфи каъбаи иқболи ӯ занад пару бол.
Фариштақадри қадарқудрати қазофармон,
Малаксифоти фалакрафъати адиммисол.
Фурӯғи нур бувад дар замири ӯ музмар
Чу акси машъали маҳ дар миёни оби зулол.
Варой мартабаи чоҳу давлаташ ҳолест.
Ки дарки он накунад ақли ҳеч соҳибҳол.
Мунаввар аст чу чашми сипеҳр дидаи мулк,
Зи гарди мавкиби фархунданоми фаррухфол.
Сипеҳри кавкаба **Абдуллатифхони** замон,
Ки теғи ӯ фиканад шери чархро чангол.
Шаҳе, ки сояи гурзаш агар фитад бар кӯҳ,



187454

Зи бори он камари кӯҳ бишканад дарҳол.
Таҳамтане ки ба ҳар ҷо гузашта дастонаш,
Бишуста даст зи ҷон аз ниҳеб Рустами Зол.
Ба азми разм агар Рахши кин барангезад,
Ба хоки роҳ шавад пайкари адӯ помол.
Ба рӯзи арбада найза бар замин задаст,
Нишаста гови заминро санон дар кӯпол.
Хаёли ханҷари мардафганаш ба хотири хасм,
Агар хутур кунад, ҷисми ӯ шавад чу хилол.
Зи нуктаву алифи захми тиру шамшераш,
Тани адӯ шуда монанди тахтаи раммол.
Агар нагашта ғизо хуни хасм тирашро,
Ҷаро ҳамеша даҳону лабаш ба хун шуда ол.
Зи мехи наъли сутуронн лашкараш гашта,
Адими рӯи замин чашма-чашма чун ғирбол.
Ситоралашкар, гардуншукӯҳ, кӯҳрикоб,
Замонақудрату дарёатои абрнавол.
Ба ҳар тараф ки ниҳад рӯй мавкиби азмаш,
Навиди фатҳу зафар оядаш ба истиқбол.
Магар ки рояти фатҳу зафари қарнашро
Китоба ояти фатҳ асту сураи «Анфол».
Ҳамеша нақши муродоти ӯ кунад тасвир,
Бар ин сипеҳри мунаққаш мусаввири ашкол.
Ба даври ҳокими адлаш замон чунон шуда амн,
Ки шир хӯрда зи пистони шери шарза ғазол.
Мудом лозими зоту сифоти ӯст карам,
Чунон ки лозими номи худост, ҷалли ҷалол.
Зи баски дасту дилаш ҳамчун баҳру кони дуру лаъл
Карам намуда ба арбоби фазлу аҳли камол,
Зи инфиол равон баҳр дар замин рафта,
Ба хок то камар аз шарми он нишаста ҷибол.
Касе, ки манбаи эҳсону ҳусни лутфаш дид,
Нишонд дар чамани орзу ҳазор ниҳол.
Зи лутфи ӯст, ки пистони меҳри дояи чарх
Ниҳода ҳар сари маҳ дар даҳони тифли ҳилол.
Шаҳаншаҳест, ки соил зи лутфи ӯ ёбад
Ҷавоби шофии худ пештар зи арзи савол.
Ситораест, ки дурҳо баҳри эҳсонаш
Намудаанд дар оинаи сипеҳр ҷамол.
Зиҳӣ камоли саховат, ки ҳаст бар ҳама кас
Наими ӯ мутволӣ таволи ӯ мутавол.

Саҳоби макраматаш мудда зиллаҳулолӣ,
Кашида бар сари аҳли замона чатри зулол.
Аён зи сурати ӯ шуд камол маъниву ҳаст
Ҷамоли сувари ӯ бар камоли маънӣ дол.
Камоли зоту сифоташ зи васф берун аст,
Зиҳӣ камоли сифоту зиҳӣ сифоти камол.
Агар дабири фалакро шавад тасаввури он,
Ки васфи ҷоҳу ҷалолаш кунад ба килки хаёл,
Нидо зи олами ғайбаш ба гӯши ҳуш расад:
«Зиҳӣ тасаввури ботил, зиҳӣ хаёли муҳол.
Зиҳӣ фариштасириште, ки одамиву парӣ
Санову мидҳати ӯ гуфта бе калолу малол».
Манам ба шаккари шукри санои ӯ зинда,

Чуноики зинда ба ширанд дар чаҳон атфол.
Ҳазор шукр, ки дурҳои бахри фикрати ман,
Ки дошт чилва чу анчум дар осмони хаёл.
Фариштаи фалак фикри ман ба ришта кашид,
Зи бахри мадҳу саноаш чу донаҳои лаол.
Дар ин касида, ки покиза аз халал омад,
Гудохтам зи хаёли маонеш чу ҳилол.
Магӯ касида, ниҳолест бори он маъни
Касе ба даҳр чунин борвар надида ниҳол!
Касида нест, ки дар пардаи ҳуливу ҳарир
Мусаввар омда маъни ба сурати хату хол.
Маонеш ҳама чун шоҳидони бикр маро
Намуда аз ҳуҷуби ғайб бе ҳиҷоб ҷамол.
Чи шоҳидон, ки арӯсони пардаи ғайбанд,
Ки файзи рӯҳи қудс сӯи ман намуд ирсол.
Зиҳӣ шараф ба назми шикастабастаи ман
Зи роҳи лутф кунад табъи комилаш иқбол.
Ҳамин саодати ман бас, ки зад рақам мадҳаш,
Фариштаи амалам дар саҳифаи аъмол.
Ба хидматаш шабу рӯз мардукор хоҳад буд,
Агар аҷал диҳадам солҳо ба даҳр маҷол.
Забон ба мадҳу сано бил-ашӣ в-ал абкор,
Чунон ба зикру дуо бил-гудду вал-осол
Башири марҳаматаш донёни давлатро
Зи роҳи лутф чу хонад ба сӯи хони навол.
Умед аз карамаш он ки бандаи чонӣ
Туфайли шон бувад аз донёни саффи ниол.
Алаллавом дар офоқ то бувад шабу рӯз.
Зи меҳру моҳ нишон бар сипеҳри чатрмисол.
Чу соя давлати хасмаш бувад заволпазир
Чу офтоби чаҳонтоб давлаташ ба камол.

манзур ва малҳуз гардад. Оллоҳума халлиду билутфика-л-амим ва фазулика-л-азими маосири дафуаниҳи ки фуаллинаҳи ва маолима майиди китиҳи.

Бидон ки ҳуруфи луғати араб бисту ҳашт аст ва ҳашт ҳарф аз он ҷумла дар луғати фурс наёмада, илло нодирун ва онро чунин назм кардаанд:

Ҳашт ҳарф аст он, андар форсӣ н-оянд ҳаме,
То наёмӯзӣ, набошӣ андар ин маъни маоф.
Бишнав аз ман, то кадом аст он ҳуруфу ёд гир,
«Со»-ву «ҳо»-ву «то»-ву «зо»-ву «сод»-у «зод»-у, «айну» «қоф».

Ва дар луғати фурс чаҳор ҳарф аст, ки дар каломи араб наёмада ва он «пе»(پ) ва «чим» (چ) ва «ж» (ژ) ва «гоф» (گ ки ҳар якеро ҷиҳати имтиёз аз машокили он се нуқта мениҳанд. Пас бинои луғати фурс бар бисту чаҳор ҳарф бошад ва чун бист ҳарф муштарак аст миёни ҳар ду луғат, ин рисоларо муштамил бар бист боб гардонид ва ҳар як аз он чаҳор

ҳарфро, ки махсус аст ба луғати фурс, дар боби ҳарфе ки мушобеҳи вай аст, марқум сохт. Масалан, «пе» ( پ )-ро ки аз махсусоти луғоти фурс аст, дар боби «бо» ( ب ), ки муштарак аст, байнул-луғатайн эрод намуд ва ало-ҳазо-лкиёс.

**АБАЙБ//АБЯБ**[1] ихлол бошад аз халал (?). 9а.

**АБЕША**[2] ҷосус. 23а.

**АБНОХУН** ҳисор ва қалъа, 19а

**АБРАМОН** пушаймонӣ бошад. 20б.

**АВБОР**[3] чизе ба гулӯ фурӯ бурдан бошад ва гӯянд. «Биявборид».

Рӯдакӣ гӯяд:

Ба дашт ар ба шамшер бигзорадам,
Аз он беҳ ки моҳӣ биявборадам. 12 б.

**АВБОШ**[4] афканда ва оканда. 16а.

**АВЖАНГ** ба маъни афранг бувад, ки он тахт ва зебой аст. Шоир гӯяд:

Эй аз рухи ту ёфта зеби дигар авранг,
Афрӯхта аз талъати ту маснаду авжанг. 17 б.

**АВО*** овоз ва бонг бувад. Асадӣ гӯяд:

Фитода аво(и) табли тугро дар абр,
Гурез зи гарди саворон ҳузабр. 116 а.

**АВРАНД**[5] фарру зебой ва шукӯҳу зиндагонӣ бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Сиёвуш маро ҳамчу фарзанд буд,
Ки бо фарру бо зӯру авранд буд. 11 б.

**АВРАНГ**[6] бахт ва иззу шукӯҳ ва тахт бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба-ӯ гуфт бе ту нахоҳам ҷаҳон,
На аврангу на ганҷу тоҷи шаҳон, 37 б.

---

[1] Дар Л. Ф. тахти калимаи **ЯБ** (тир) дар байти Мунҷик бо **абяб** (дандонков) ҳамқофия омадааст.

[2] Л. Ф. **абеша,** мисол аз Шаҳид, с. 479.

[3] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол.

не пур кардан. Соҳиби «Фарҳанги манзум» ин ду маъниро ба назм оварда:

[4] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **авбоштан** 1. ба маънии афгандан. 2. огандан, яъне пур кардан, Соҳиби «Фарҳанги манзум» ин ду маъниро ба назм оварда.

Ҳаст авбоштан чу афгандан
Маънии дигар-аш чу огандан (537а).

* Ниг. Луғ. Арабӣ-русӣ: УВО — вой, завывание; лай, с. 706.

[5] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол. Дар«Ҷаҳонгирӣ» ин маънӣ ва мисол зери калимаи **арванд** низ қайд шудааст.

[6] Л. Ф. На аврангу на тоҷу тавқи шаҳон, с. 278.

**АВҶ** баланди-бувад. 10а.

**АДАНГ**[7] мардуми аблаҳ ва номатбӯъ. (*Ниг. муқ* **ғаданг**).

**АДОНӮШ**[8] номи марде буд, ки Мандорис ӯро ба Азро фиристод, ки пеши вай бош, Азро ба хашм рафт ва чашми ӯро биканд. Унсурӣ гӯяд:

Бар ӯ ҷаст Азро чу шери нажанд,
Бизад дасту аз пеш чашмаш биканд. 13 б.

**АДРАМ** адрамкашро гӯянд, яъне онро ки намадзинро ба ӯ дӯзанд, монанди дарафш. 18б.

**АЖДАҲО** ва **АЖДАРҲО** маъруф аст. Дақиқӣ гӯяд:

Яке Самсоми аъдокуш адӯхоре чу аждарҳо,
Ки ҳаргиз сер набвад вай аз мағзу в-аз дили аъдо 8 б.

**АЖДАҲОК**[9] Заҳҳокро гӯянд. 17б.

**АЖКАҲАН**[10] бекору коҳил ва ботил бошад. 19б.

**АЖКАҲАН//АЖҲОН//АЖКАҲОН** ҳар се лафз ба як маънӣ аст, яъне коҳил ва ботил ва бекор. 20а.

**АЙВОН**[11] токи баланд ва нишастгоҳи подшоҳон бувад, яъне равоқ. Бӯшакур гӯяд:

Агар назди он шоҳи пурдил шавӣ,
Сад айвон ба кайвон бароӣ туро. 18 б.

**АКОРИС** гиёҳест, ки онро ба тозӣ **кумоҳон** хонанд. 15а.

**АКРОЗ** беле бувад, ки барзгарон кор фармоянд. 14б.

**АЛАР**[12] сурин бошад ва **дукуна** низ гӯянд.

**АЛВАНД** номи кӯҳи азимест дар Ҳамадон. 12а.

**АЛОЛО**[13] бонг ва ташаннӯъ бувад.

**АЛФАНҶИДАН** ва **АЛФАҒДАН** ҳар ду ба маънии касб бувад. 20б.

**АЛФАХТ** чизе андӯхтан бошад, яъне молу захира ҷамъ овардан ва ҳар чи бад-ин монад. Рӯдакӣ гӯяд:

Бихӯру бидеҳ куҷо пушаймон набувад,
Ҳар ки бихӯрду бидод аз он ки биалфахт. 9 б.

**АЛФАХТА** андӯхта бошад. 21б.

**АЛФУНҶ**[14] андӯхтан бошад, шоир гӯяд:

---

[7] Л. Ф. Ғаданг — аблаҳ ва беандом бувад. (Мисол аз Қаръуддаҳр, с. 280).

[8] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 225.

[9] Л. Ф. мисол аз Дақиқӣ, с. 253.

[10] Л. Ф. коҳил ва бекор, мисол аз Шокири Бухорӣ, с. 378.

[11] Л. Ф. тоқ ва нишастгоҳи подшоҳон, мисол аз Дақиқӣ ва Фаррухӣ

[12] Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ дида нашуд.

[13] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Наҷибӣ, с. 18.

[14] Л. Ф. ин байт ба Бӯшакур тааллуқ дорад.

Манлфунҷ душман, ки душман яке
Фаровону дӯст аз ҳазор андаке.

**АЛФУҒДА**[15] низ ба маънии андӯхта бошад. Асҷадӣ гӯяд:

Биялфуғда бояд кунун чора нест,
Биялфанҷаму чораи ман якест.

**АЛҶАХТ**[16] тамаъ бошад. Кисой гӯяд:

Чуз ин роҳ доштам уммелу чуз ин доштам алҷахт.
Надонистам к-аз дур кавожа(гла) занадам бахт. 16а.

**АМНА**[17] тӯдаи ҳезуми шикофтаи пуда бувад.
**АМӢ** мондашуда бувад аз коре ё аз рафтан[18].
**АНБУДАН// АНБУЗАН**[19] офариниш бувад, ки аз чи падид омад? Шоир гӯяд:

Будвнат дар хок бошад, ё фато,
Ҳамчунин к-аз хок буд анбуданат. 20 а.

**АНБУР**[20] калбатайни саркаж бувад, яъне анбӯр. Шоир гӯяд:

Танат ба лиф фурӯ баста ҳоламат ҳама сол
Фушурда хоя ба анбӯр, бурида к... ба гоз. 13 б.

**АНБУИДАН** бӯидан бошад. 20а.
**АНБӮЙ**[21] бӯйгирифта. 23а.
**АНБӮҲ** бисёр бувад. 23а.
**АНГ** боиги харро гӯянд. 116а.
**АНГАШБА**[22] барзгаре бувад, ки ӯро сармояи нек бувад ва раҳиён ва коркунон басе бувадаш. 21б.
**АНГИЛА//АНГАЛА** кӯргиреҳ. 23а.
**АНГИШТ**[23] загол аст ва **загол** забони дарист ва ба тозӣ

Ҳар он гаҳ ки барзад ике боди сард,
Чу занге барангехт зи ангишт гард.

---

[15] Л. Ф. мисол инчунин аз Бӯшакур, с. 433.
[16] Л. Ф. ...«аз дур кавожа...» (сарзаниш).
[17] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос
[18] Дар луғатҳо ба ин маънӣ дида нашуд. Шояд ғамӣ (аз хуш рафтан) бошад.
[19] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Рӯдакӣ, с. 392.
[20] Л. Ф. ин байт ба Мунчик нисбат дорад.
[21] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 520.
[22] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Рӯдакӣ, с. 431. Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **ангашта** бузургеро гӯянд, ки пурмоя ву сарват бувад ва худдом ва тавобеъи бисёр дошта бошад (ва шаклҳои дигари ин калимаро низ қайд кардааст).
[23] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва ҳамин мисол.

**фаҳм** хонанд ва ба озорбойҷонӣ **завол** ва ҳоло ба ангишт машҳур аст. Фирдавсӣ гӯяд:

Ҳар он гаҳ ки барзад яке боди сард,
Чу занге барангехт зи ангишт гард.

**АНГОРА**[24] ҷаридашумор (?) ва ангоришро гӯянд, яъне афсона ва саргузашт ва **касе ки чизҳо пур** гӯяд аз гузашта, гӯянд: «Ангора мекунад». 22а.

**АНГУШТА**[25] олате бувад, ки барзгарон хирман бад-он ба бод диҳанд ва онро **чак** мегӯянд. 22а.

**АНД** *Ниг.* **иданд.**

**АНДАМА**[26] ёд овардани ғами гузашта бувад. 23а.

**АНДАРЗ** васият бошад. 14б.

**АНДАРОБ**[27] шаҳрест дар замини Хуросон. Фирдавсӣ гӯяд:

Зи Ғазнӣ сӯи Андароб омадам,
Аз осонии раҳ шитоб омадам. 9-а.

**АНДАРУС**[28] марде буд, ки зане доштӣ **Ҳору** ном ва ҷазираи Ҳору дар миёни дарё буд ва ҳар шабе ин Ҳору оташе баркардӣ, то Андарус ба фурӯғи он оташ шино кардӣ ва ба наздики ӯ рафтӣ. Як шаб бод баромад ва ин оташро бикушт ва Андарус дар миёни об саргашта гашт ва гум шуд ва мурд дар он об. Унсурӣ гӯяд:

На ман камтар аз Андарусам **ба меҳр,**
На Ҳоруву на низ Уэро ба чеҳр. 15 а.

**АНДОМ**[29] коре ба низом ва рост бошад, чунонки гӯянд: фалон кор ба андом аст, яъне ба низом аст. 18 б.

**АНДӢ**[30] хосса бувад. 23б.

**АНДӮХТА** сохта бувад. 21б.

**АНИСОН**[31] сухани дурӯғ ва беҳуда бошад. 19а.

**АНТАЛИСУН** қавси кузаҳ бувад. 20б.

**АНФИШТ**[32] пардаи анкабутро гӯянд. 9б.

**АНЧУХ**[33] **пӯсти рӯй ва тан, ки чин гирифта бошад,** яъне фароҳам омада, ва пажмурда шудани меваро низ гӯянд. 11а.

---

[24] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 459.
[25] Л. Ф. низ ҳамин маънӣ, мисол аз Кисоӣ, с. 491.
[26] Л. Ф. ҳамин маънӣ, шеъри Рӯдакӣ, с. 495.
[27] Л. Ф. ҳамин маънӣ. с. 32.
[28] Л. Ф. Ҳору — **баҳору** аст ва мисраи дуюм ба тариқи зайл аст,

Набошад Баҳору чу Уэро ба чеҳр. с. 202.

[29] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 347.
[30] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Имора, с. 527. Ин калима дар «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.
[31] Л. Ф. Мухолафат, мисол аз Бӯшакур.
[32] Л. Ф. **анфаст,** мисол аз Хисравӣ.
[33] Л. Ф. **анҷӯх,** мисол аз Рӯдакӣ.

**АНҶОМ**[34] поён ва охири корҳо бувад ва охири умрро низ гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Бикӯшему фарҷоми кор он бувад
Ки фармону рои ҷаҳонбон бувад. 18 б.

**АПЮН**[35] маҳотул (?) бувад. Шоир гӯяд:

..Бурида хуши ҷаҳон ҳайбати ту чун **апюн**. 20б.

**АР-АР** дарахти сафедор. 14а.

**АРАС**[36] оби чашмро гӯянд. 14б.

**АРАҒДА** ҳарис бувад. 23а.

**АРВАНД**[37] ба ду маънӣ аст, яке рӯди Даҷларо гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Агар паҳлавиро надонӣ забон,
Ба тозӣ ту Арвандро Диҷла хон.

Ва дигар, ба маънии таҷриба аст, ҳам Фирдавсӣ гӯяд:

Ба армону арванд марди ҳунар,
Фароз оварад гунагун симу зар. 11 б.

**АРЖАНГ** номи девон аст. 7б.

**АРЗ** қимат бошад. 14б.

**АРМАҒОНӢ** роҳовард бошад, чунонки гуфтаанд: «Аз он роҳам чӣ орад армағонӣ». 23б.

**АРМОН** пушаймонӣ ва ҳасрат. 20а.

**АРСАНГ**[38] нигорхонаи Монӣ, ки наққоши Чин буда. Шоир гӯяд:

Зи бас ҷодуиҳову фарҳанги ӯ
Бад-ӯ бигравидандӣ арсанги ӯ. 16 б.

**АРҒАВОН**[39] дарахтест, ки гулҳои сурх оварад ва ба кӯҳистони Хуросон бисёр бувад. Шоир гӯяд:

Он қатрае бар арғавон бар
Чун ҳай ки ба рӯи некувон бар. 19 б.

**АРҒАНД**[40] далери хасмафган.

---

[34] Л. Ф. **анҷом ва фарҷом** — охири кор, ҳамин байт.

[35] Л. Ф. **пуюн ва апюн** — афъюн, мисол аз Рӯдакӣ, с. 433.

[36] Дар «Ҷаҳонгирӣ» ба ин маънӣ **урс** (бо аввали мазмум, бо сонии зада).

[37] Дар Л. Ф. ин маънӣ ва мисол нест. Дар «Ҷаҳонгирӣ» ин мисол барои маънии ҳасрат ва орзу қайд шудааст.

[38] Дар Л. Ф. ашколи Монӣ, байти Фаррухӣ, с. 261.

[39] Ин байти Кисоӣ дар Л. Ф. чунин аст:
Он қатраи борон бар арғавон бар,
Чун хвай ба баногӯши некӯвон бар (ва инчунин **мисол аз Муваффарӣ, с. 365—366**).

[40] «Ҷаҳонгирӣ»: **арғанда** 1) хашмгин. 2) ҳарис.

**АРҶ**[41] 1) қадру қимат ва зебой бошад.

Ду бозуи зоғи сиёҳ арҷ кардам...

2) ... пурғурур бувад. 10а.

**АРҶМАНД** азизу гаронмоя ва бузургу пурбаҳо. 12б.

**АСИМА**[42] хирашуда. 23а.

**АФДАР**[43] бародарзода ва хоҳарзодаро гӯянд. 13б.

**АФДАСТО**[44] муракаб аст аз **афд**, ки он шигифт бошад ба забони паҳлавӣ. 8а.

**АФРАНГ**[45] ҳишмат ва зебой аст.

**АФРАНҶА** номи шаҳрест, ки модари Азро аз он ҷо буд. Унсурии шоир гӯяд:

Ба Афранҷа Афротиси номдор.
Яке болшое ба дил хушёр. 22 б.

**АФРОЗ** боло рафтан.14б.

**АФРОХТА** ба маънии афрошта аст, яъне бардошта, шоир гӯяд:

Афрохтааст риояти мулк муборизе. 21 б.

**АФРОҲ** таоме бошад, ки аз (барои) маҳбусон пазанд. 21а.

**АФРУТШОЛ**[46] шӯи Аннатиш буд, ки ӯро ба ҷанги Азро бикуштанд. 18б.

**АФРУҒ** партави тобиш аст, хоҳ аз офтоб ва хоҳ аз оташ. 16а.

**АФСАР** тоҷе бошад аз абрешим мукаллал ба ҷавоҳир. 13а.

**АФШАРГАР**[47] ассор бошад, яъне равғангар.

**АФҒОН** фарёду зорӣ бошад. 20б.

**АХ-АХ** ҳасрат ва пушаймонӣ бувад. Шеър:

Ба як вух-вух ки ман кардам,
Ба сад ах-ах намеарзад. 11 б.

**АХГАР**[48] ангишти афрӯхта бошад, ки ҳанӯз забонае боқӣ бошад ва шикор (?) ва нигорро низ гӯянд. Асҷадӣ гӯяд:

Ахгар ҳам оташ аст, валекин на чун чароғ,
Сӯзан ҳам оҳан аст, валекин на ҳамчу тир. 13 б.

---

[41] Аз саҳ. 10 а, ҳам аз тафсир, ҳам аз мисол, гӯё чизе афтидааст. Дар «Ҷаҳонгирӣ» мисол зери маънии дуюм (кунд) омада, ба Сӯзанӣ тааллуқ дорад.

[42] Л. Ф. **осима** мутаҳайййр ва мадҳуш, с. 496.

[43] Л. Ф. мисол аз Бӯшуайб.

[44] Л. Ф. **афдсито**, мисол аз Дақиқӣ.

[45] Л. Ф. чун зебой, мисол аз Дақиқӣ.

[46] Дар Л. Ф. ба шакли **АЛФАТИШ** ва ду байт аз Унсурӣ, с. 332.

[47] Дар Л. Ф. ин калима дида нашуд.

[48] Дар Л. Ф. маънии аввал ва мисол.

**АХЛАКАНДУ** чизе бошад аз мис ё чӯб сохта, сари гирд ва дастаи кӯчак дошта бошад ва сангрезаи бисёр дар андаруни он таъбия карда, чун онро ҷунбонанд, овозе диҳад, ба дасти тифлон диҳанд, то бад-он машғул шаванд. 21а.

**АХТАР**[49] толеъ ва ситора ва фол бошад.

**АХШ**[50] арз ва қимат бувад. 15б.

**АШАН**[51] ҷомаи посгуна бошад, ки дарпӯшанд ва дигар харбузаи наврасидаро низ гӯянд. 19б.

**АШК**[52] қатраҳои оби чашмро гӯянд, Фирдавсӣ гӯяд:

> Биборид Пирон аз мижгон чу ашк,
> Тани пилсум дар дашт (?) аз сиришк. 17 б.

**АҲРИМАН, АҲРИМАН**[53], **АҲРЕМАН** ҳар се ба як маъни аст, яъне дев ва иблисро низ гӯянд; чунон ки шоир гӯяд:

> Хадангҳои шаҳоб, андарон шаби шахбахгун (?)
> Равон чу нури хирад даруни Аҳриман. 20 а.

**АЧМО**[54] он ки дар ҳеҷ хайру шар нарасад. 116а.

## Б

**БАБРИ БАЁН**[1] ҷомае буд аз пӯсти паланг, ки Рустам дар вақти ҷанг пӯшида; ва баъзе гӯянд, ки пӯсти Аквони дев бувад ва баъзе гӯянд, ки онро аз биҳишт оварда буданд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Туҳамтан бипӯшид бабри баён,
> Ба гардан биёвард гурзи гарон. 38 б.

**БАВАН**[2] баҳра бувад. 39а.

**БАДВОЗ**[3] ҷои оромгоҳ ва нишеман ва қарор бошад ва чӯберо низ гӯянд, ки наҷҷорон дар миёни чӯб ниҳанд вақти шикофтани чӯб ва кафшгарон дар миёни колбад ниҳанд. 29а.

**БАДЕҲА** орзумандӣ бувад. 44а.

[49] Дар Л. Ф. мисол аз Унсурӣ.

[50] Дар Л. Ф. мисол аз Унсурӣ.

[51] Л. Ф. ҷомаи бошгуна, ки дарпӯшанд. (Мисол аз Рудакӣ) ва харбузаи наврасида (мисол аз Ғазоирӣ, с. 401).

[52] Дар Л. Ф. мисол аз Фаррухӣ, с. 289.

[53] Л. Ф. дев. Мисол аз Унсурӣ, с. 367.

[54] Л. Ф. низ ҳамин маъни, мисол аз Муҳаммади Усмон, с. 17.

[1] Л. Ф. пӯшиданиест аз салаби ҷангиён, каён доштандӣ ва гуфтандӣ Ҷабраил оварда аз биҳишт (мисраи дуюм: «Нишаст аз бари аждаҳои жиён», дар ҳошия аз нусхаи «нун», ҳамин байти Фирдавсӣ, с. 387).

[2] «Ҷаҳонгирӣ»: ҳисса ва баҳра бошад. (с. 562а).

[3] Л. Ф. палвоз нишемангоҳ, мисол аз Огоҷӣ, с. 185.

**БАДРОМ** тавсан бувад. 38б.

**БАДРОМ//БАЗРОМ**[4] маҷлисе бошад хуррам ва дилкушо ва некӯ чун боғу хона ва ҷои хуб ва ҳар чи бад-ин монад.37б.

**БАДРУД//ПАДРУД** видоъ бошад. 26а.

**БАЁЗАКӢ** номи лаъли сурхи кимате бувад. 47 б.

**БАЁСТУ**[5] ганддаҳонро гӯянд. 41б.

**БАЖАН** гиле сиёҳ, ки аз ҷӯй ё ҳавз ё чоҳ бароварда бошанд. 39б. (*Ниг. муқ.* **лачин, лажан**).

**БАЖАНД**[6] **навъе аз** барғаст бошад ва онро ба тозӣ **куннобарӣ** гӯянд. Асҷадии шоир гӯяд:

> На ҳамқимати дурр бошад булӯр,
> На ҳамранги гулнор бошад бажанд. 26 а.

**БАЗИЛ**[7] кӯҳест азим. 36 б.

**БАЗМ** маҷлиси шароб хӯрдан бувад. 38 а.

**БАЙЛАҒУШ//БЕЛҒӮШ**[8] савсани мунаққаш, яъне гулест аз ҷинси савсан, ки онро **савсани осмонранг ё осмонгун** хонанд ва бар канораи ӯ нуқтаҳои сиёҳ бошад, монанди холе ки ба рӯи хубон бошад ва рахнаҳои кӯчак дорад ва онро **нилгӯш** (?) низ гӯянд. 33а.

**БАҚУК//БАГУК** нишонаи тир бошад. 33б.

**БАЛАҚАН**[9] манчаниқ бошад. 39б.

**БАЛДАҚ** тонфае бувад. 33б.

**БАЛОДА**[10] муфсид ва нобакор бошад. 44а.

**БАЛОРАК**[11] навъест аз шамшер. 33б. (*Ниг. муқ.* **палолак**)

**БАЛОШ**[12] номи шаҳрест. 32б.

**БАЛОҶ** балоҳ бошад, ки ба порсӣ **дӯх ва дух** низ хонанд, яъне бӯх, ки дар масҷидҳо афганаид. 26а.

**БАНИЗ**[13] ба маънии **ҳаргиз** бошад. Бӯшакур гӯяд:

> На онро биёзурд рӯзе баниз,
> На ӯро аз ин андӯхе буд низ. 30 а.

---

[4] Л. Ф. **падром** хуррам бошад чун боғу маҷлис. (мисол аз Унсурӣ, с. 335).

[5] Л. Ф. даҳондара бошад. (*Мисол аз Маъруфӣ*, с. 414).

[6] Л. Ф. **пажанд** барғаст, ба тозӣ **куннобарӣ** хонанд. (мисол аз Асҷадӣ, с. 51).

[7] Л. Ф. **барел** — кӯҳе, мисол аз Рафеъӣ, с. 333.

[8] Л. Ф. **пилгӯш**, ба ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ ва Кисоӣ, с. 210.

[9] Л. Ф. **балкан**, мисол аз *Абулмасал*, с. 391.

[10] Л. Ф. **фосидкор**, мисол аз Рӯдакӣ, с. 455.

[11] Л. Ф. **балолак** охани чавҳардор, с. 269.

[12] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 224.

[13] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 182. Дар «Ҷаҳонгирӣ»: 1) ҳаргиз, мисол аз Азрақӣ, 2) низ, мисол аз Қатрон, 3) зуд, мисол аз Фирдавсӣ, с. 511 б.

**БАРАНҶИДА** яъне сахт баркашида. 44а (*Ниг. муқ.* **таранҷида**)

**БАРАШ** ва **БУШ**[14] ҳар ду, аспро гӯянд. 33а.

**БАРГАС**[15] ба маънии маозаллоҳ ва наузибиллоҳ бувад. 32а. (*Ниг. муқ.* **паргаст**).

**БАРД**[16] асли дарахт бошад. 26а. (*Ниг. муқ.* **нард**, маънии якум)

**БАРДА** аспр. 43б.

**БАРЗАН**[17] саркӯча ва маҳалла бошад. 39б.

**БАРЗИН**[18] яке аз аиммаи дини Иброҳим алайҳиссалом аст ва оташгоҳе, ки ба ӯ сохтааст, онро **Озарбарзин** хонанд 40 а.

**БАРМАХИДА** фарзанди окро гӯянд, ки фармони модар ва падар набарад. 43а.

**БАРМАҒОЗ** шогирдона. 30а.

**БАРОЗАД**[19] ба маънии зеб аст. 27а.

**БАРОН** яъне, барон ту. 39 б.

**БАРОНА** шаҳрест. 43б.

**БАРОҲ**[20] зебу некӯӣ бувад ба мардум **ва ғайра**. Унсурӣ гӯяд:

> Кори заргар ба зар шавад бароҳ,
> Зар ба заргар супору кор бихоҳ. 42 б.

**БАРТОИЛ**[21] номи ҷазираест дар Ҳиндустон, ки он ҷо аз дарахт бонги сахт ояд. 36б.

**БАРУФА**[22] дастор ва миёнбанд бувад. 43б.

**БАРФАНҶАК** кобусро гӯянд, ки шаб дар хоб ба мардум нишинад. 33б.

**БАР-ФУРУД** зеру боло бошад. 26б.

**БАРХ** баҳра ва ҳисса бувад ва моҳиро низ **барх** гӯянд. 26а.

**БАРХАФҶ** гаронӣ ва сиқлӣ бувад, ки дар хоб бар мардум афтад, ки бими ҳалокат бувад ва онро ба тозӣ **кобус** хонанд ва ба форсӣ **абдулҷанг** гӯянд. 25а.

**БАРХАШ**[23] пушти асп аст. 32б.

---

[14] Л. Ф. **буш** — мӯи гардани асп, дар ҳошия аз нусхаи «нуи»: **буш ва бараш** — асп, мӯи кафон асп, мисол аз Асҷадӣ, с. 218.

[15] Л. Ф. **паргас**, ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 198.

[16] Л. Ф. ба маънии «аз раҳ дур гард», мисол аз Огочӣ, с. 96.

[17] Л. Ф. маҳалла, мисол аз Рӯдакӣ, с. 359.

[18] Л. Ф. оташгоҳи габрон, мисол аз Бӯшакур, с. 373.

[19] Л. Ф. барозад, зебад — ҳар ду як маънӣ дорад, мисол аз Фаррухӣ, с. 108.

[20] Л. Ф. **бароҳ** зебу некӯӣ бувад, (ҳамин мисол, с. 426).

[21] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асадӣ, с. 333.

[22] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 507.

[23] Л. Ф. (дар ҳошия қайд шудааст).

**БАРХӮР**[24] баҳраманд бувад ва дигар деҳқон ва шарик ва анбозро гӯянд ва ба маънии пурхӯр низ омадааст. 28б.

**БАРҒАСТ**[25] гиёҳеро гӯянд, ки ба чаҳорпоён диҳанд ва бештар хӯриши хар бувад ва гуле зард дорад. 24б.

**БАРӮШАНОН** уммат бошад. Дақиқӣ гӯяд:

Шафеъ бош бари шаҳ маро бад-ин заллат,
Чу Мустафо бари додор барӯшанонро. 39а.

**БАРҲАМАН** донишманди ҳиндувон 40а.

**БАРХОС**/?/ нишонаи тир. 31а.

**БАСАЛ** говарс. 36б, (Донаест талхмаза).

**БАСАРА** киштзор бувад. 43а.

**БАСОВ**[26] совидан бувад, Фирдавсӣ гӯяд.

Ба чонам ки озаш ҳамон низ ҳаст,
Зи ҳар сӯ ба ёрову ба басови даст. 41 б.

**БАСОК**[27] чун точе бувад аз раёҳин ва азҳор ва анвор (?) ва испарғамҳо кунанд, ки дар рӯзҳои ишрат бар сар ниҳанд. 33б.

**БАСОРА** бомсуффа. 43б.

**БАСТА**[28] маъруф аст, ба Астаробод кунанд ва ба Гургон ва аслаш ҳарир аст, лекин тахтаҳои мушаббак дарбанданд ва ранг дар нақшҳо зананд бад-он, ончунон ки ранг бароваранд. 43б.

**БАСУДА**[29] ба даст зада ва сӯрохкарда ва молида бошад. 44б.

**БАСУҒДА** ва **БАСЕЧИДА**[30] ҳар ду, ба маънии сохта ва омода бувад ҳар чӣ бошад аз шуғлҳо ва корҳо. Шоир гӯяд:

Ба рӯд андарун бо басуғда шудан,
Набояд, ки натвон-ш боз омадан. 43 б.

---

[24] Л. Ф. ба маънии барх, мисол аз Фаррухӣ, с. 146. Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **Бархуз** ба маънии шарик ва анбоз омада. Устод Фаррухӣ фармояд.

Зи бас ато ки диҳад ҳар ки з-ӯ ато бистад,
Гумон барад, ки ман ӯро шарикаму бархуз (с. 222).

[25] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Кисоӣ, с. 36.

[26] Л. Ф. ҳамин маънӣ, ва мисол, с. 416.

[27] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Кисоӣ, с. 254.

[28] Л. Ф. пуста ҳарир бувад, ки атторон мушк дар ӯ банданд. (с. 460).

[29] Л. Ф. ба даст зада. Мисол аз Хисравонӣ. с. 461.

[30] Л. Ф. басағда яъне сохта, чун сози коре, байт аз Рӯдакӣ ва Абӯшакур:

Нашояд дарун нобасағда шудан,
Набояд ки натвонш боз омадан. с. 458.

**БАТ** оҳори ҷӯлоҳагон бошад ва ба тозӣ низ оҳорро **бат** гӯянд 24а.

**БАТКӮБ**[31] риҷолест, яъне мураббое, ки аз ғавзмағз ва ширу мост созанд ва турш бошад. 24а.

**БАТО**[32] яъне, бигзор, Унсурӣ гӯяд:

Бато рӯзгоре бароя̄д бар ин,
Кунам пеши ҳар кас туро офарин. 23 б.

**БАТФУЗ** мурғонро минқор бувад ва мардум ва чаҳорпойро беруни даҳан бошад, чандон ки даҳон бувад ва ба мурғон истиора гӯянд чун батфуз. Рӯдакӣ гӯяд:

Думи санг бинӣ або батфузи саг,
Хушк гашта к-аш наҷунбад ҳеҷ раг.*

**БАФХАМ**[33] бисёр бувад. 38б.

**БАҲЛАВ** ва **ПАҲЛАВ**[34] ҳар ду, ба маънии шермард ва далер бувад, паҳлавон ва мубориз ва ҷангҷӯй. Унсурӣ гӯяд:

Дили баҳлав басе ба соз овард,
Сози лавҳаш ҳама фароз овард. 42 а.

**БАХНУР**[35] раъд бувад. 28 б.

**БАХС**[36] ба арабӣ қимати андак бошад ва ба фурс пажмурда ва фароҳамшударо гӯянд аз захме ё аз ғаме ё аз сабабе дигар ва пӯсте ки баташ ба ӯ расад фароҳамояд, чин-чин гардад, гӯянд: «бахсид». 31. б.

**БАХСАЛУС**[37] номи он подшоҳ буд, ки Азроро ба қаҳр бибурд.

**БАХТУ**[38] раъд бошад. 42а.

---

[31] Л. Ф. **табкӯб** ва дар ҳошия шаклҳои дигари он зикр шуда, мисол аз Хуҷистаи Сарахсӣ.

[32] Л. Ф. раҳо кун, байти Бӯшакур.

* Дар Л. Ф. ба ҳамин маънӣ ва ҳамин мисол мансуб ба шоири номаълуме, с. 172.

[33] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Мунҷиқ, Унсурӣ, с. 349.

[34] Л. Ф. **паҳлав** — шермарди мардона бувад. Унсурӣ:

Дили паҳлавписар ба соз овард,
Сози меҳраш ҳама фароз овард. с. 409.

[35] Л. Ф. паҳну тундар ва раъд, мисол аз Рӯдакӣ, с. 415. Дар «Ҷаҳонгирӣ»: бухту, бухтур, бухтуҳ ҳар чизи ғуррандаро гӯянд, умуман, ва раъду баркро хонанд, хусусан. Устод Рӯдакӣ гуфта:

Оҷиз шавад зи ашки ду чашму ғиреви ман,
Абри баҳоргоҳиву бухтур дар матир. 201.

[36] Л. Ф. маънии якум, мисол аз Оғоҷӣ.

[37] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 203.

[38] Л. Ф. паҳну. Мисол аз Рӯдакӣ, с. 415.

**БАХУН**[39] **Баҳром** бошад, яъне ситораи **Миррих.** 39а.

**БАХШ** моҳӣ бувад ва бурҷро низ гӯянд, Рӯдакӣ гӯяд:

> К-офтоб ояд ба бахшаш зи Бара,
> Рӯи гетӣ саба гардад яксара. с: 32 б.

**БАХШОН**[40] фароҳам таранҷида ва ларзон бувад аз ғаму андӯҳ. 39а.

**БАШАЛ**[41] яъне, даровез. 36б.

**БАШҚ**[42] шабнам бувад ва ба Озарбойҷон гурӯҳе **зевол** гӯянд. 33а.

**БАШКӮЛ**[43] марде қавӣ ва ҳарис бар кор ва ранҷкаш бошад ба табъ. Унсурӣ гӯяд:

> Ҳар чӣ болӣ дар он фарқи маалӣ (мавло),
> Нашмуранд он зи ту ба башкулӣ 37а.

**БАШОР** нисор бошад. 27б.

**БАШУЛ** гузордани кор бувад. 36б.

**БАХШУДА** ба маънии пахну паҳнкарда ояд. 43а.

**БАҒО**[44] ҳез ва муханнас бувад. 23б.

**БАҒОЗ**[45] чӯбе бувад, ки дурудгарон чун чӯбро бишкофанд, дар миёни он чӯби шикофта ниҳанд ва кафшгарон миёни қолаб. 30а.

**БАҲАНД**[46] доми оҳу бувад. **26а.**

**БАҲИНА** нуҳуфт бошад. 44а.

**БАҲМАН**[47] моҳи охири зимистон. 39а.

**БАҲМАНЧАНА**[48] рӯзи дуюми баҳанмоҳро гӯянд ва мулуки фурс онро эътибор кардӣ ва муборак доштӣ ва ба айш машғул будӣ ва дар таоми баҳман сурху сафед кардӣ. 43а.

**БАҲОР**[49] бутхона бошад ва вақтеро низ гӯянд, ки ҷаҳон ва дарахтон аз сар ҷавон шаванд ва хонаи мунаққаш ва нигорро низ **баҳор** гӯянд. 27б.

---

[39] Л. Ф. **бухун**, ҳамин маънӣ, 404.

[40] Л. Ф. **бахсон**, мисол аз Рӯдакӣ, дар хошия аз нусхаи «нун»; фароҳам таранҷида бувад аз ғам, с. 371.

[41] Л. Ф. **бишил**, ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯшакур ва Абулқосими Муаззаб, с. 317.

[42] Л. Ф. шабнам, мисол аз Булаббос, с. 275.

[43] Л. Ф. **бишкул** марде бувад ҳарис ба табъ; ҳамин мисол бо баъзе тағйирот, с. 316.

[44] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 172, хошия.

[45] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос, с. 162.

[46] Л. Ф. **пахана**, ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 102.

[47] Л. Ф. зери калимаи **«бахманҷана** — номи ҷашне ки рӯзи дуюми ин моҳ мешудааст, **бахман** ҳамчун моҳ қайд шудааст. с. 472.

[48] Л. Ф. **баҳманҷана,** ҳамин маънӣ, мисол аз Манучеҳрӣ с. 472.

[49] Дар Л. Ф. танҳо ба маънии бутхона, мисол аз Фароловӣ ва Фаррухӣ, с. 124.

**БАҲРАМАН** буткада бошад, 40 б.

**БАҲРАМОН**[50] муасфар ва ёқути сурхи гароимоя ва ҳарири сурхро низ гӯянд. 39б.

**БАҲРОМ**[51] се маънӣ дорад: 1. номи ситораи Миррих 2. номи рӯзест аз рузҳои форсиён. 3. номи шоҳ Баҳроми Гӯр аст. Унсурӣ гӯяд:

Саховати ту надорад дар ин ҷаҳон дарё,
Муҷоати ту надорад ба осмон Баҳром. 37 б.

**БАҶ** полоиши об бувад ва захи обро низ гӯянд 29а. (*Нег. муқ.* **тиёб).**

**БЕБОД** ҷомаи сода. 25а

**БЕВАР**[52] даҳ ҳазор бувад ба забони паҳлавӣ. **Фирдавсӣ** гӯяд:

Сипаҳ бурд бевар сӯи корзор,
Ки бевар бувад дар адад даҳ ҳазор. 28 а.

**БЕВОР**[53] иҷобат бувад. 28а.

**БЕВОРА** ғариб ва танҳо бошад. 44а.

**БЕЛА** ки ҳоло **белак** гӯянд ва он тире бошад, ки пайкони он ба сурати сари бел бувад. 43а.

**БЕЛОРОМ**[55] номи ҳисоре азим аст. 38а.

**БЕМОРҒАНҶ**[56] беморнок бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Чу гашт он парирӯй беморғанҷ,
Бибуррид дил з-ин сарои сипанҷ. 26 а.

**БЕРУН**[57] яъне, берун. 39а.

**БЕХУШТ**[58] чӯб ва чизеро гӯянд, ки ба як бор аз бех барканда шуда бошад. 24б.

---

[50] Л. Ф. ёқути сурхи обдор, мисол аз Баҳромӣ, с. 372. **Баҳрамон**-и дигар — ҷомаи ҳарир бувад рангин, мисол аз Фаррухӣ, с. 375.

[51] Л. Ф. 1. номи рӯзи порсиён (Мисол аз Фирдавсӣ). 2. **иқлими Шом.** 3. ситораи Миррих (мисол аз Унсурӣ). 4. номи шоҳ Баҳром. (Дар ҳошия қайд шудааст, ки барои маънои якум дар ҳеҷ нусха мисол нест ва танҳо як мисолро аз «Ҷаҳонгирӣ» гирифтаанд ва ба маънои дуюм дар ҳеҷ ҷо наомадааст. с. 335).

[52] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол.

[53] Л. Ф. мисол аз Баҳромӣ, с. 158.

[54] Л. Ф. номи пайкон аст ва пайконро **белак** низ хонанд. с. 462.

[55] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 351.

[56] Л. Ф. ҳамин маънӣ, дар шеър ба ҷои «парирӯй»—«паричехра».

[57] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 402.

[58] Л. Ф. **пехушт** аз бун канда бувад ба якборагӣ, мисол аз Ғиёсӣ, с. 39.

**БЕҲУДА**[59] ноҳақ ва ботил бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Меҳр хоҳӣ зи ману бемеҳрӣ,
Ҳуда хоҳӣ зи ману беҳудаӣ. 44 а.

**БЕҶОД** каҳрабо бувад. 27а.

**БЕҶОДА** қаҳрабо бувад. 44а.

**БИБӢ**[61] зани некӯ бошад. 47б.

**БИЕРА** бало ва девро гӯянд ва ҳар сурати зишту нохуш, ки аз дидани он мардум мутанаффир шаванд ва онро душман доранд. 43а.

**БИЖАН//БЕЖАН** паҳлавони Қайковус буд. 40а

**БИКАМ** боздоштан бувад, 38а.

**БИЛ**[62] Ба маънии **биҳил** бувад, яъне **бигзор. 37а.**

**БИЛҚ**[63] шарори оташ бувад. 34а.

**БИРҶИС**[64] номи ситораи Муштарӣ аст. 32а.

**БИСМИЛ**[65] нимкуштаро гӯянд. 37а.

**БИФАМ(?)** дилтанг ва фурӯмонда бувад. 38 б.

**БИЧКАМ**[67] номи тири камон аст ба туркӣ, ва дигар хонаи тобистонӣ бошад ва гурӯҳе **ӯрбона** хонанд.

Шоир гӯяд:

Аз ту холӣ нигорхонаи чам,
Фаршҳ дебо кашида бар бичкам. 38 а.

**БИШҚАЛИД**[67] нишони рахнаи сарангушт аст ва нохун, ва ҷомае ки дар хор овезад ва бидаррад, онро гӯянд: «бишкалид», 26а.

**БИШҚАМ**[68] суффа бувад. 38а.

**БИШЛАНГ** номи қалъаест ба Ҳиндустон. Унсурӣ гӯяд:

Ба кӯҳу сода зи ту марг бар нахоҳад гашт,
Ҳаме дар ояду дидори ту аз ӯ ожанг.
Агар биххӣ, бар дашт сода шав биншин,
В-агар нахоҳӣ, дар шав ба қалъаи Бишланг. 34 б.

**БИШЛУК//БУШЛУҚ** он аст, ки тозияш **хулд** хонанд. 34а.

**БИЮС**[69] тамаъ доштан бувад ба чизе аз ҳар лавъ ки бошад ва интизорро низ гӯянд. 31б.

---

[59] Л. Ф. **беҳуда** ботил бошад ва ноҳақ, *зидди* **ҳуда.** (с. 459). Байти боло зери луғати ҳуда ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст. с. 434).

[60] Л. Ф. **беҷод, беҷода** бувад. Мисол аз Хусравӣ, с. 11.

[61] Л. Ф. **Бибихотунро** гӯянд. с. 528.

[62] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Огочӣ, с. 326.

[63] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шаҳид, аз нусхаи «нун», с. 294.

[64] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 195.

[65] Л. Ф. куштан, мисол аз Хаффоф, с. 324.

[66] Л. Ф. **бачкам..** гурӯхе **ғард** гӯянд. (Ҳамин мисол аз Рӯдакӣ ва як байти дигар аз Унсурӣ, с. 338.)

[67] Л. Ф. нишон ва рахнаи сарангушт ва нохун, мисол аз Қисоӣ, с. 203.

[68] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 351.

[69] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 195.

**БАХРАМАН** буткада бошад, 40 б.

**БАҲРАМОН**[50] муасфар ва ёқути сурхи гаронмоя ва ҳарири сурхро низ гӯянд. 39б.

**БАҲРОМ**[51] се маънӣ дорад: 1. номи ситораи Миррих 2. номи рӯзест аз рузҳои форсиён. 3. номи шоҳ Баҳроми Гӯр аст. Унсурӣ гӯяд:

Саховати ту надорад дар ин ҷаҳон дарё,
Муҷоати ту надорад ба осмон Баҳром. 37 б.

**БАҶ** полониши об бувад ва захи обро низ гӯянд 29а. (*Низ. муқ.* **тиёб**).

**БЕБОД** ҷоман сода. 25а

**БЕВАР**[52] даҳ ҳазор бувад ба забони паҳлавӣ. **Фирдавсӣ** гӯяд:

Сипаҳ бурд бевар сӯи корзор,
Ки бевар бувад дар адад даҳ ҳазор. 28 а.

**БЕВОР**[53] нҷобат бувад. 28а.

**БЕВОРА** ғариб ва танҳо бошад. 44а.

**БЕЛА** ки ҳоло **белак** гӯянд ва он тире бошад, ки пайкони он ба сурати сари бел бувад. 43а.

**БЕЛОРОМ**[55] номи ҳисоре азим аст. 38а.

**БЕМОРҒАНҶ**[56] беморнок бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Чу гашт он парирӯй беморғанҷ,
Бибуррид дил з-ин сарои сипанҷ. 26 а.

**БЕРУН**[57] яъне, берун. 39а.

**БЕХУШТ**[58] чӯб ва чизеро гӯянд, ки ба як бор аз бех барканда шуда бошад. 24б.

---

[50] Л. Ф. ёқути сурхи обдор, мисол аз Баҳромӣ, с. 372. **Баҳрамон-и** дигар — ҷомаи ҳарир бувад рангин, мисол аз Фаррухӣ, с. 375.

[51] Л. Ф. 1. номи рӯзи порсиён (Мисол аз Фирдавсӣ). 2. иқлими Шом. 3. ситораи Миррих (мисол аз Унсурӣ). 4. номи шоҳ Баҳром. (Дар ҳошия қайд шудааст, ки барои маънои якум дар ҳеҷ нусха мисол нест ва танҳо як мисолро аз «Ҷаҳонгирӣ» гирифтаанд ва ба маънои дуюм дар ҳеҷ ҷо наомадааст. с. 335).

[52] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол.

[53] Л. Ф. мисол аз Баҳромӣ, с. 158.

[54] Л. Ф. номи пайкон аст ва пайконро **белак** низ хонанд. с. 462.

[55] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 351.

[56] Л. Ф. ҳамин маънӣ, дар шеър ба ҷои «парирӯй»—«паричеҳра».

[57] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 402.

[58] Л. Ф. **пехушт** аз бун канда бувад ба якборагӣ, мисол аз Ғиёсӣ, с. 39.

**БЕҲУДА**[59] ноҳақ ва ботил бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

> Меҳр хоҳӣ зи ману бемеҳрӣ,
> Худа хоҳӣ зи ману беҳудаӣ. 44 а.

**БЕҶОД** каҳрабо бувад. 27а.

**БЕҶОДА** каҳрабо бувад. 44а.

**БИБӢ**[61] зани некӯ бошад. 47б.

**БИЁРА** бало ва девро гӯянд ва ҳар сурати зишту нохуш, ки аз дидани он мардум мутанаффир шаванд ва онро душман доранд. 43а.

**БИЖАН//БЕЖАН** паҳлавони Қайковус буд. 40а

**БИКАМ** боздоштан бувад, 38а.

**БИЛ**[62] Ба маънии **биҳил** бувад, яъне **бигзор. 37а.**

**БИЛК**[63] шарори оташ бувад. 34а.

**БИРҶИС**[64] номи ситораи Муштарӣ аст. 32а.

**БИСМИЛ**[65] нимкуштаро гӯянд. 37а.

**БИФАМ(?)** дилтанг ва фурӯмонда бувад. 38 б.

**БИЧКАМ**[66] номи тири камон аст ба туркӣ, ва дигар хонаи тобистонӣ бошад ва гурӯҳе **ӯрбона** хонанд.

Шоир гӯяд:

> Аз ту холӣ нигорхонаи чам,
> Фарши дебо кашида бар бичкам. 38 а.

**БИШКАЛИД**[67] нишони рахнаи сарангушт аст ва нохун, ва ҷомае ки дар хор овезад ва бидаррад, онро гӯянд: «бишкалид», 26а.

**БИШКАМ**[68] суффа бувад. 38а.

**БИШЛАНГ** номи қалъаест ба Ҳиндустон. Унсурӣ гӯяд:

> Ба кӯҳу сода зи ту марг бар наҳоҳад гашт,
> Ҳаме дар онду дидори ту аз ӯ ожанг.
> Агар биххӣ, бар дашт сода шав биншин,
> В-агар нахоҳӣ, дар шав ба қалъаи Бишланг. 34 б.

**БИШЛУК//БУШЛУҚ** он аст, ки тозияш **хулд** хонанд. 34а.

**БИЮС**[69] тамаъ доштан бувад ба чизе аз ҳар навъ ки бошад ва интизорро низ гӯянд. 31б.

---

[59] Л. Ф. **беҳуда** ботил бошад ва ноҳақ, *зидди* **худа.** (с. 459). Байти боло зери луғати худа ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст. с. 434).

[60] Л. Ф. **беҷод, беҷода** бувад. Мисол аз Хусравӣ, с. 11.

[61] Л. Ф. **Бибихотунро** гӯянд. с. 528.

[62] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Оғоҷӣ, с. 326.

[63] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шаҳид, аз нусхаи «оун», с. 294.

[64] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 195.

[65] Л. Ф. куштан, мисол аз Хаффоф, с. 324.

[66] Л. Ф. **бачкам...** гурӯҳе **гард** гӯянд. (Ҳамин мисол аз Рӯдакӣ ва як байти дигар аз Унсурӣ, с. 338.)

[67] Л. Ф. нишон ва рахнаи сарангушт ва нохун, мисол аз Қисоӣ, с. 203.

[68] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 351.

[69] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 195.

**БИЯНД** ба маънии «ҳастанд» бувад, 25б.

**БИҲӢ** оне бошад, ки онро ба тозӣ **сафарҷал** хонанд. 47б.

**БОБАК**[70] падар бувад ва шоҳи азимро низ гӯянд, ки Ардашер бад-он бозхондӣ. 33б.

**БОБЗАН**[71] сихи оҳанин бошад, ки бад-он кабоб гардонанд мурғ ва ғайри онро. 39б.

**БОВАР**[72] ростгӯӣ. 28б.

**БОДАФРОҲ** уқубат ва подоши мукофот бувад, яъне зидди бод афроҳ аст. 42б.

**БОДФАРОҲ** ва **БОДАФРАҲ**[73] **бодфара** низ гӯянд, шоир гӯяд:

> Ҳар чи воҷиб шавад зи бодафроҳ.
> Бикунеду чуз ин надонам роҳ. 42 б.

**БОДБЕЗАН**[74] **мирваҳа** бувад, ба тозӣ.40а.

**БОДИЗ**[75] чӯбе бошад, ки аз барои истеҳком дар пушти девори шикаста кашанд, то наяфтад. 27б.

**БОДОМА** кирме бувад, ки абрешим аз ӯ гиранд. 44а.

**БОДОХУН** ҷое бувад, ки бод бар ӯ гузоранда бувад, яъне бодгир. 39а.

**БОДРАМ**[76] беҳуда ва харза ва ҳазаён бошад. 38а.

**БОДРАНГ**[77] туруҷ бошад. 33б.

**БОДРЕСА**[78] он бошад, ки занон бар дӯк кунанд ва ба тозӣ онро **фалка** хонанд. 42б.

**БОДРӮЗА**[79] он бувад, ки мардум пайваста ҳар рӯз ба кор доранд. 42б.

**БОДСОР** сабуксар бошад. 27б.

**БОДФАРВАРДИН**[80] боди дабур бувад. 39б.

**БОДҒАР**[81] хонаи тобистонӣ бошад, ки онро **бодгир** гӯянд, ки пайваста дар он ҷо боди хунук ҷаҳад. 27б.

**БОДҒИС** бодгир бувад. 31б.

**БОЖ**[82] расади хироҷ бошад ва монанди вай ва он газитест,

---

[70] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асадӣ. с. 304.

[71] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Оғоҷӣ.

[72] Л. Ф. рост доштан бар гуфтори касе, мисол аз Унсурӣ, с. 148.

[73] Л. Ф. **бодафроҳ уқубат ва подош, ва байти боло аз Унсурӣ, с. 423.**

[74] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ, с. 401.

[75] Л. Ф. низ ҳамин мисол аз Рӯдакӣ, с. 189.

[76] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 342.

[77] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунҷик, с. 263.

[78] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 441.

[79] **Л. Ф. он бувад, ки мардум мудом чизеро ба кор доранд.** (Мисол аз Кисоӣ, с. 427).

[80] Л. Ф. **бодифурудин,** мисол аз Дақиқӣ, с. 365.

[81] Л. Ф. ҷое бувад, ки дар ӯ бод ҷаҳад, мисол аз Хисравӣ, с. 135.

[82] Л. Ф. расад ва саргазит, ҳамин мисол, с. 174. (*Ниг. муқ.* **боҷ**)

яъне чизъя, ки тарсоён бидиҳанд аз шоҳи мусулмонон. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба бечорагӣ божу сови гарон
Пазируфт бо ҳадяи бекарон. 31 а.

**БОЗ**[83] панҷ маънӣ дорад: 1. кушода, чунонки гӯянд: фалон дар **боз** аст. 2 бозу, ки дар тозӣ онро **боъ** гӯянд ва баъзе гӯянд: аз бунӣ бағал то сари ангушти даст бошад. 3 фарқ кардани миёни ду чиз ва фароҳӣ ки бинмоянд, онро **боз** гӯянд, чунон ки Камоли Исмоил гӯяд:

Касе ки дасти чап аз дасти рост донад боз,
Ба ихтиёр зи мақсуди худ намонад боз.

ба маънии **дигар** низ гӯянд, чунонки шоир гӯяд: Боз овардӣ ҳикояте пачо-пач. 5. номи мурғест, ки онро мулук доранд. 28б.

**БОЗ//БОЖ** газ ва араш бувад, ки онро **газ** хонанд ва бадон чизҳо ва ҷомаҳо паймоянд. 30а.

**БОЗА**[84] чӯбе бувад миёна, на дарозу на кӯтоҳ, онро **дудастӣ** гӯянд, шоир гӯяд:

Нишаста ба сад ҳашм дар козае
Гирифта ба чанг андарун бозае. 43 б,

**БОЗНЕҶ**[85] /?/ ресмоне бошад, ки рӯзи наврӯз ё дар айёми идайн кӯдакон аз бом ё аз дарахт даровезанд ва дар миёни он нишинанд ва дар ҳаво раванд ва оянд ва дар баъзе диёр онро **коз** хонанд ва дар Кирмон **кавоҷӯ** гӯянд ва дар Исфаҳон **ҷинҷил** хонанд ва ба тозӣ **урҷуха** ва ба порсӣ ҷанколус номанд ва дар Ҳиндустон **пайк** гӯянд. Шоир гӯяд:

Зи ток хӯша фурӯ ҳиштаву зи бод навон,
Чу зангиёне бар бознеҷ бозигар. 25а.

**БОЗРАНГ**[86] синабанд бошад. 36б.

**БОЗРУ** тарраест чун шоҳиспарғам, ки табибон **бодрӯя** нависанд ва онро аз адвияи тиббӣ номанд ва **бодранҷуя** низ гӯянд. 41б.

**БОЗХАМИД**[87] **касе бувад, ки касеро ба таъна боз** намояд ва ҳикоят кунад вайро бар ҳамон тартиб. 26б.

---

[83] Л. Ф. Дар с. 173 ба маънии **ораш** (кулоч), мисол аз Шокири Бухорой, дар с. 181 ба маънии **кушода** ва **фароз**, мисол аз Абӯшакур; дар хошия, нусхаи «син», ба маънии «боъ».

[84] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Хуҷаста, с. 514.

[85] Л. Ф. **бознеч** ва **чунбулуд** низ гӯянд, ба туркӣ **солунчоқ** гӯянд, (мисол, ҳамин байт, мансуб ба Булмасал, с. 57).

[86] Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ қайд шудааст. Мисол аз Ҳаким Валвалӣ, с. 71.

[87] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Тайён, с. 120.

**БОЗХАШИН**[88] **фохта** бувад. 39б.

**БОИДАН** афзун шудан бошад. 40б.

**БОК** тарс ва бим бувад. 33б.

**БОЛ**[89] аз одамӣ **бозу** ва аз мурғ **пар** ва ба туркӣ **асал** бошад. Фирдавсӣ гӯяд.

Кунун он барафрохта боли ман,
Ҳамон ваҳмкӯбанда кӯполи ман. 36б.

**БОЛ**[90] яъне бубол (бибол) бувад. Унсурӣ гӯяд:

Шоҳо, ҳазор сол ба мулк андарун бизӣ,
В-он гаҳ ҳазор сол ба мол андару бубол. 36б.

**БОЛИДА** дарахте ё марде бувад, ки ба боло баланд бувад. 44а.

**БОЛОД**[91] аспи полонӣ аст. 27а.

**БОЛОЙ**[92] аспи ҷанибат бошад, ки дар пеш баранд ё дар дунбол оваранд. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба болои размӣ дар овард пой,
Хурӯшону ҷӯшон биёмад зи ҷой. 47 б.

**БОЛОЛ** тири хона. 37а.

**БОЛОН** даҳлези қаср бошад. 38б.

**БОЛОР**[93] фарасбест, яъне чӯбе бошад, ки боми хона бад ӯ пӯшанд ва баъзе онро **фулӯра** гӯянд. 28б.

**БОН**[94] бонг бувад. 40а.

**БОНУ**[95] ишо (?) бувад, яъне **кадбону.** 42а.

**БОРА** ҳақ бошад. 43б.

**БОРА**[96] борӯи шаҳрро гӯянд ва қалъа ва аспи некро низ **бора** гӯянд. 43а.

**БОРАГӢ**[97] асп бувад. Унсурӣ гӯяд:

Борагӣ хост шоҳ баҳри пагоҳ,
Барнишасту бишуд ба дидани шоҳ. 47 б.

---

[88] Л. Ф. бозе бувад сафедфоми кабудгун, с. 371.

[89] Л. Ф. бозу бувад мардумро ва пар мурғонро, мисол аз Кисоӣ ва Кашфӣ, с. 325.

[90] Л. Ф. бибол ва боло каш! (дар шеър... «ба ӣз андарун», с. 325)

[91] Л. Ф. аспи ҷанибат, мисол аз Фароловӣ, с. 119.

[92] Л. Ф. ҷанибат бувад ва борагӣ. Фирдавсӣ:

Зи кин тунд гашту баромад зи ҷой,
Ба болои ҷангӣ даровард пой. с. 519.

[93] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 129.

[94] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Хисравӣ, с. 395.

[95] Л. Ф. **бонуӣ** кадбону, с. 528.

[96] Л. Ф. **бора** боруи шаҳр ва калъа, с. 434. **Бора-и дигар** — асп; **бора-и** дигар — ҳақ ва ҷониб **(дар борам фалон инъом кард. с. 435).**

[97] Л. Ф. асп бувад: Борагӣ хост шод баҳри шикор... с. 516.

**БОРВАР**[98] дарахте, ки бор дорад ва бордиҳанда. 28а.

**БАРОҲЕҶИДАН**[99] баркашидан бувад. 40б.

**БОС** тарс ва бим бувад. 31 а. (*Ниг. муқ.* яъс).

**БОСТОН** гузашта бувад. 39б.

**БОСТОР** ва **БЕСТОР**[100] ба маънии фалон ва баҳмон. 27а.

**БОФДУМ**[101] оқибати кор бошад аз ҳар шуғле ва коре. 38а.

**БОХТАР**[102] машриқ бошад ва пеш аксари шуаро ва ғайриҳум чун **ховар** гӯянд ғарази эшон машриқ бошад ва чун **бохтар** гӯянд ғарази мағриб дошта бошанд. 28а.

**БОШАНГ**[103] хӯшаи ангури хурди хушк бошад бар ток ва дигар, хиёре бузурге бошад, ки аз барои тухм биниҳанд ва **бодирингро** низ гӯянд. 33б.

**БОШТИН**[104] боре ки аз миёни дарахт берун ояд. 39б.

**БОҒ** бӯстон бошад. 33а.

**БОҒИНҶ** ангури нимрасида бувад. 25а.

**БОҒИ СИЁВУШОН**[105] номи навоест, ки онро низ мутрибон зананд. 40а.

**БОҒИҶ** низ ба маънии **боғинҷ**. 25а.

**БОҚУ** манзили Уторид ва номи мубориз ва манзили Баҳром ва исми мавзеъ. 42б.

**БОҲУ**[106] чӯбдасте бузург бувад, ки шубонон ё мусофирон, ки пиёда раванд, дар даст гиранд дар роҳҳо ва шутурбонон низ доранд ва ба Озорбойҷон **даволпушт** хонанд ва гурӯҳе **маҳа** гӯянд. 41б.

**БОҶ** расад ва хироҷ ва ҷизъят, ки ба ҳукком диҳанд. 25а. (*Ниг. муқ.* бож).

**БУБ**[107] бисот ва фарш бошад, ки хонаро бад-он биёроянд. Рӯдакӣ гӯянд:

> Шоҳ дигар рӯз балх орост хуб,
> Тахтҳо биниҳод баргустурд буб. 24 а.

---

98 Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 163.

99 Л. Ф. зери луғати **огеш** (с. 216), ки маънояш **биёҳанҷ** ва **дароҳанҷ** бувад. (баркашидан ҳамин маъноро дорад).

100 Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 127.

101 Л. Ф. оқибат бошад, мисол аз Рӯдакӣ, с. 340.

102 Л. Ф. машриқ бошад, мисол аз Унсурӣ, с. 133.

103 Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ ва Мунҷик, с. 261.

104 Л. Ф. борҳо бувад, ки аз миёни дарахт бибаранд, мисол аз Мунҷик, с. 394.

105 Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 405.

106 Л. Ф. даствор бошад, яъне чӯбе ки шубонон бар даст доранд, мисол аз Рӯдакӣ, с. 406.

107 Л. Ф. дар мисол ба ҷои «Балх»—«боғ», с. 25.

**БУГМОЗ**[108] шароби набидро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба бугмоз биншаст як рӯз шох,
Ҳам элуи бузургони эронсипох. 30 а.

**БУГМОР** мусаллат кун. 27б. (*Ниг. муқ*. **гумор**).
**БУЖУЛ**[109] шитоланг бошад.
**БУЖУҲ**[110] бозчустани чизе бувад. Шоир гӯяд:

Сипаҳбад баромад чу бар теғи кӯҳ,
Бишуд назди он пири донишбужуҳ. 46 а.

**БУЗҲОН**[111] ба арабӣ **ғибта** бошад, яъне чизе некӯ ки дар касе бинад, мисли он худро хоҳад, ки бошад, бе он ки он чиз аз он кас зоил шавад, ба хилофи ҳасад. 38б.

**БУҚ**[112] ҷое бошад, ки ғалла дар он ҷо кунанд ва сараш ба хошок бипӯшанд, то мардум набинанд ва дигар сӯхтае бошад, ки оташ дар он зананд. (*Ниг. муқ*. **пук**) ва дигар ба маънии осо ва лаалла бошад (**лаалла мумкин, шояд, яқин**).

**БУҚОН**[113] раҳим бошад, ки бача дар-он бошад, яъне зеҳдон 39а.

**БУЛАНДИН**[114] перомуни дари хона бувад. 39б.

**БУЛКИФД**[115] ришват бошад. 26б.

**БУЛУҚ** ҷоме бошад заррин ё симин, ки бад-он шароб хӯранд. 34а. (*Ниг. муқ*. **тақук**).

**БУЛУНҶАК**[116] ва **БУЛКУНҶАК** ҳар ду, турфа ва масхараро гӯянд. 34б.

**БУЛУС** ба маънии фиребанда бошад, ки ба чарбусуханӣ мардумро аз роҳ баранд. 31б. **(чоплус?)**.

**БУЛУЧ**[117] қавмеанд бағоят беақл аз мардумони биёбонӣ, ки қофилаҳо зананд ва бештар тирандоз бошанд ва эшонро **кӯчу булуч** низ гӯянд. 25а.

---

[108] Л. Ф. **бигмоз** ҳамин маънӣ ва мисол, инчунин мисол аз Кисоӣ, с. 169.

[109] Л. Ф. Пужул, мисол аз Бӯалии Илёс, с. 323.

[110] *Ниг. муқ*. пужӯҳ Л. Ф. **Пужуҳ** — боз ҷустан бувад. Шоир:

Сипаҳбад баромад бар он теғи кӯҳ,
Бишуд назди он пири донишпужуҳ. (с. 514).

[111] Дар «Ҷаҳонгирӣ» ин калима дида нашуд.

[112] Л. Ф. **пук**, ба маънии аввал, мисол аз Мунҷик ва Тайён, с. 271.

[113] Л. Ф. **бугон** ҳамин маънӣ, мисол аз Кисоӣ ва Абулаббос, с. 356.

[114] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шокири Бухороӣ, с. 363.

[115] Л. Ф. **булкафа** ришват, мисол аз Абулаббос, с. 97.

[116] Л. Ф. **булкунҷак** турфа бошад, мисол аз Шаҳид, с. 273.

[117] Л. Ф. кучу булуч, ҳамин маънӣ, бе мисол.

**БУМ**[118] яке, вилоятест, ва дигар заминро низ гӯянд, ва дигар мурғе бузург бошад, ки ба шаб парад ва шикор кунад ва ба рӯз натвонад паридан аз он ки ҳеҷ набинад ва сари бузург дорад ва ба сони гурба гӯш ва чашмаш фароғ бувад. Шоир гӯяд:

Гови мискин зи кайди Димна чӣ дид,
В-аз бади зоғ бумро чӣ расид. 28 а.

**БУН**[119] намадзин ва бун бошад. 39а.
**БУНДУР**[120] номи шаҳрест дар Ғарча. 28б.
**БУНЛОД**[121] бунёди девор бошад. 27а.
**БУРЗ**[122] баландӣ ва нерӯӣ бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба боло шавад чун сарри бурз,
Ба гардан барорад зи фӯлод гурз.

Унсурӣ низ дар ин маънӣ гӯяд:

Фурӯ кӯфтанд он бутонро ба гурз,
На шон ранг монду на фарзанди бурз. 29 а.

**БУРОЗ**[123] зебоӣ бошад, чунон ки гӯянд: «бурози амрад аст» ва гӯянд: «Ин кор маро ба буроз». 29а.
**БУРС**[124] Бурундуқ? бошад. 31б.
**БУРУ**[125] абрӯ бошад. 41б.
**БУРУБАШК**[126] хок бувад. 34а.
**БУРУН**[127] лафзест ғариб, гӯянд: «буруни ту ин кор кардам», яъне ки барои ту, ҳамчун ки гӯӣ: «аз баҳри ту кардам». Шоир гӯяд:

Ёд кун зерат андарун тохта,
Ту буруни хор хобонида ситон.
Чаъди мӯён-т чуғлкада ҳама
Ба баранда буруни ту биситон. 40 а.

---

[118] Л. Ф. мурғест, ки шаб парад (дар ҳошия аз нусхаи «нун» сифати ин мурғ қайд шудааст, ҳамин байт аз Рӯдакӣ, с. 345).
[119] Л. Ф. фақат ба маънии бун. Мисол аз Дақиқӣ, с. 393.
[120] Л.Ф. **бандар,** ба ҳамин маънӣ, с. 161.
[121] Л. Ф. бунёд, мисол аз Фароловӣ, дар нусхаи «чим»: **бунлоди** бино.
[122] Л. Ф. баландӣ ва боло, ҳамин мисол аз Унсурӣ, с. 170, дар «Ҷаҳонгирӣ» 1. ба маънии қаду қомат, 2. шукӯҳ, 3. баланд. 229б.
[123] Л. Ф. **бироз,** мисол аз Рӯдакӣ, с. 58.
[124] Ин калима дар луғатҳо пайдо нашуд.
[125] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Фирдавсӣ, с 409.
[126] Л. Ф. ҳамин маънӣ.
[127] Л. Ф. **рун** баҳр (баҳри) бошад, мисол аз Унсурӣ ва Рӯдакӣ, с. 392, байти аввали мисоли боло ба Рӯдакӣ мансуб аст, с. 387.

**БУРҒУЛ**[128] оше бошад, ки аз гандуми нимкӯфтаи хурдкарда пазанд ва гурӯхе **фурӯша** гӯяндаш ва гурухе **фаркут** ва агар аз ҷав бошад, ҳамин гӯянд. 37а.

**БУРҲУД** ва **БЕҲУД**[129] ҳар як чомае бувад, ки оташ ба наздики ӯ расад, насӯзад. 26а.

**БУРҲУН**[130] доира бошад ва паргорро низ гӯянд. 39а.

**БУСТОНИ ШИРИН**[131] номи навоест ки мутрибон зананд. 40а.

**БУТВОРАК /ТАБУРОК?/** даф бувад ва дигар хошокхое бувад, ки чуи ғалларо зери чое (?) пинҳон кунанд, бар сараш кунанд, то мардум набинанд.34а.

**БУТКЕШ** тирдон бувад. 32а. (*Ниг. муқ.* **таркаш**).

**БУТЕР**[132] ранҷу машаққат бувад. 27а.

**БУФЧ**[133] кафки даҳон ва хаи даҳони мардум бувад. 25а.

**БУХАВРОҲА** номи шаҳрест дар Ҳиндустон. 43б.

**БУХЛА** ва **БЕХЛА** ҳар ду, **парпахан** (парпахан?) ва **фарфах** бувад, яъне тухмакон. 44а.

**БУШОВАРД** замине бошад пушта— пушта. 25а.

**БУШТАР**[134] номи Микоил аст алайҳиссалом. 28а.

**БУШҲУДАН**[135] фушурдан бошад. 40а (*Ниг. муқ.* **шахуд**).

**БУЮК//БУЮГ**[136] арӯс бувад ва **буюконӣ** — арӯсӣ ба луғати Хуросон. Рӯдакӣ гӯяд:

> Бас азизам, бас гиромӣ, шод бош,
> Андар ин хона ба сони навбуюк. 34 а.

**БУЮКОНӢ**[137] арӯсӣ бувад. 47б.

**БӮҚАЛАМУН** дебои румӣ, яъне чомае бошад, ки ҳар замон ба ранге намояд, ва касеро ки ҳар замон навъе бошад, букаламунаш гӯянд. 40б.

**БУЧ**[138] андаруни даҳон бошад. 25а.

---

[128] Л. Ф. **барғул** гандуми ним-ним, мисол аз Ҳаккок с. 321.

[129] Л. Ф. чунон бошад, ки гӯянд, наздн сухтан расид ва чома ки наздики оташ расад, чунонки аз тарафи вай нек зард шавад, гӯянд: **беҳуд ва барҳуд** низ гӯянд. Мисол аз Кисой, с. 111.

[130] Л. Ф. **барҳун** доира, дар хошия: доираи бо паргор кашида мисол аз Дақиқӣ, с. 362.

[131] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рашидӣ, с. 404.

[132] Л. Ф. **батёра** бало ва душман, мисол аз Кисой, с. 435.

[133] Л. Ф. **бафч**, мисол аз Шахид, с. 63.

[134] Л. Ф. низ ҳамин, мисол аз Дақиқӣ, с. 152.

[135] Л. Ф. **шахуд**, **бишхуд** ба нохун кандан, мисол аз Кисой, с. 113.

[136] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва байт; с. 278.

[137] Л. Ф. **буюгонӣ** арусӣ бувад ба **буюк** арусеро хонанд. (Мисол аз Унсурӣ, с. 528).

[138] *Ниг. муқ.* пӯж.

**БУЧ-БУЧ**[139] ду маънӣ дорад: яке сухане, ки дар пӯшидагӣ гӯянд, дигар лафзе бошад, ки шубонон бузро бад-он ном хонанд ва навозанд. 25а.

**БӮБӮ** ҳудҳуд. 41б.

**БӮМАҲАН**[140]**//БӮМАҲИН** заминларза бувад 40а.

**БӮР//БУР** аспе бувад, ки ба сурхӣ гироянд. 28б.

**БӮС** бӯса бошад.31б.

**БӮТА**[141] ва **БАСӮТА** зулф бувад. 43б.

## В

**ВАЗАҒ**[1] ҳайвонест, ки дар об бошад ва ӯро **макл** низ гӯянд. 178а.

**ВАЙҒАНҶ**[2] мори разӣ бувад, яъне море, ки дар боғ бошад ва чун бигазад, заҳр ва захми ӯ кор накунад, 177а. (*Ниг. муқ.* **яғтанҷ ва яғанҷ)**

**ВАНАНГ**[3] раз бувад, яъне ток 178б.

**ВАНГАЛ**[4] аблаҳ ва беандом. 179а.

**ВАНҶ**[5] гунҷишкро гӯянд. 177а.

**ВАРАЗРӮД**[6] Мовароуннаҳрро гӯянд. Фирдавсӣ гӯянд:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Варазрӯдаро Мовароуннаҳр хон.177 а,

**ВАРАҶ**[7] бузургӣ бувад. 176б

**ВАРДА**[8] бурҷи кабӯтар бошад. 179б.

**ВАРЗА**[9] барзигар бошад 180а.

**ВАРКОҒ**[10] мурғи мурдорхор бошад 178б.

**ВАРРИФОН**[11] шафеъ бошад, Масъуд гӯяд:

---

[139] Л. Ф. **пуч-пӯч,** ба маънии дуюм, мисол аз Рӯдакӣ, с. 64.
[140] Л. Ф. **бумҳан,** ҳамин маънӣ. Мисол аз Асадӣ, с. 401.
[141] Л. Ф. **бута ва басӯта** зулф. Мисол аз шоире, с. 512.
[1] Дар луғатҳо дида нашуд.
[2] дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.
[3] Л. Ф. сархӯшаи ангур бошад, ки хӯша аз ӯ об хӯрад. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 289).
[4] Л. Ф. **дангал,** ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос, с. 317.
[5] Л. Ф. **вунҷ** гунҷишк бувад. (Мисол аз Унсурӣ, с. 73).
[6] дар луғатҳо ба ин шакл дида нашуд. Варзруд (?)
[7] «Ҷаҳонгирӣ»: 1. қадру мартаба, арҷ; мисол аз Муиззӣ. 2. кунда, мисол аз Абу Наср Аҳмади Рофеъӣ, с. 330-а.
[8] Л. Ф. чӯби кабӯтарбозон бошад, ки кабӯтар биронанд. (Мисол аз Мунҷик, с. 474).
[9] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯшакур, с. 511.
[10] мурғест мурдорхор аз боз бузургтар бувад. (Мисол аз Булаббос, с. 269).
[11] Л. Ф. **варрафон,** ҳамин маънӣ ва мисол аз Масъудии Ғазнавӣ, с. 354.

Додам бидеху гарна кунам чонӣ хештан
Мадҳи амиру назди ту орам ба вāррифон. 179 а.

**ВАРРОЗ**[12] хуки бузургдандон. 177б.

**ВАРС**[13] чӯбе бувад, ки дар бинии уштур кунанд. 177б.

**ВАРТИҶ**[14] самонаи хона бошад 177а.

**ВАРТОҶ**[15] **панираки** сабз бошад ва гуфтаанд, ки **панираи** кабӯд аст ва он гиёҳест, ки ба офтоб гардад ва ӯро **ҳирбо** гӯянд: Шоир гӯяд:

Мисоли туву ман бошад, нигоро,
Чу курси офтобу барги вартоҷ. 176.

**ВАРҒ**[16] бандгоҳи об бувад, ки ба чӯб ва хошок роҳи об банданд ва обро ҷои дигар биронанд ва ба тозӣ онро **сику (?)** хонанд. Фирдавсӣ гӯяд:

Ҳама маргзораш пур аз сабз хавид
Ҳама варғи ӯ лолаву шанбалид. 178 а.

**ВАСАД**[17] **буссад** бошад ба тозӣ, дандонаке чу марворид. 177а.

**ВАСМА**[18] ранги сиёҳ аст. 179б

**ВАСНОД**[19] ба маънии бисёр бошад, Рӯдакӣ гӯяд:

Имрӯз ба иқболи ту, эй мири Хуросон,
Ҳам неъмату ҳам рӯи накӯ дораму васнод. 177 а.

**ВАСТО** ва **ВОБИСТО**[20] ҳар ду тафсири Занд ва суҳуфи Иброҳим пайғамбар аст алайҳиссалом. Хисравонӣ шоир гӯяд:

---

[12] Дар луғатҳо дида нашуд.

[13] Л. Ф. чӯбе бошад, ки дар бинии астар кунанд. Лабибӣ гӯяд:

Аё карда дар биннат хирс харс.
Аз эзад наёяд-т як зарра тарс. с. 204.

[14] Л. Ф. самона бошад. (Мисол аз Зайнабӣ. Ҳошия: самона номи мурғи кӯчаке аст, ки ба арабӣ онро **сумонӣ ва салвӣ** мехонанд... с. 67.

[15] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисоли дигар аз Оғоҷӣ, с. 54, Нашри Сиёкӣ: гиёҳе бошад, ки **панирак** хонандаш. Мунҷик гӯяд:

Мисоли банда в-они ту нигоро
Кулича офтобу барг вартоҷ. с. 17.

[16] Л. Ф. **варғ** банд бошад, ки об баранд. (Мисол аз Рӯдакӣ ва Фаррухӣ, с. 233).

[17] Л. Ф. **вуссад** буссад бошад, ки ба тозӣ **марҷон** хонанд. (Мисол аз Асадӣ, с. 119).

[18] Л. Ф. **васма** ранги сиёҳ аст, ки занон дар абрӯ кашанд. (Мисол аз Наҷибӣ, с. 502).

[19] Л. Ф. ҳамин маънӣ **ва** мисол, с. 106.

[20] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, саҳ. 7.

Чу гулбуи аз бар оташ виходу вкг афканч,
Ба шохи ӯ бар дурроч гашт Вастохон. 176б.

**ВАХШ**[21] номи шаҳрест дар Туркистон ва ба маънии ибтидо кардани корҳо бувад. 177б.

**ВАХШУР**[22] пайғамбарро гӯянд 177а.

**ВАШ**[23] шабеҳ ва монанд бошад. 177б.

**ВАШАНГ**[24] мили ҳаллочон бувад. Мантиқӣ гӯяд:

Гар барӣ даст сӯи нони рабиб
Дар фарохиву гоҳ неъмати танг,
Бикунад ҳар ду чашми хеш аз бухл
Ҳамчу ҳаллоч донаро ба вашанг. 178 б.

**ВАҒВАҒ**[25] овози бонги вазағ ва чузғ бувад. 178а

**ВАҒЕШ**[26] ба маънии бисёр ва анбӯҳ бошад, аз мол ва беша ва дарахт ва ачнос ва пайраҳо. Унсурӣ гӯяд:

Эй дареғо, ки мӯрдзори маро
Ногаҳон бозхӯрд барфи вағеш. 177 б.

**ВАҲАНГ**[27] ба се маънӣ аст, аввал ҳалқаи чӯбин, ки бар борбанд бувад:

Чун буруи кард ресмон зи ваҳанг,
Дар замон даркашид мӯҳкам танг.

*Дуюм*, тухме аст, ки занон дар доруи фарбеҳӣ кунанд, азим нарм бувад ва луоб боз диҳад, чун **базри қутуно**; *сеюм*, дам (и) об бувад, ки боз хӯранд. 178 б.

**ВЕК**[28] ба маънии **в-эй** бошад ва баъзе ба маънии **виҳак** гӯянд ва шуарои порс ба маънии тӯбӣ **лак** ва **виҳак** ба маънии дуои нек (?) бувад, **век** ба маънии дуои бад (?) омадааст. Рӯдакӣ шоир гӯяд:

Мода гуфто ҳеч шармат нест век,
Чун сабуксоре на бад донӣ, на нек. 178 б.

---

[21] Л. Ф. **Вухш** номи шаҳрест (Мисол аз Шокири Бухорӣ, с. 217)

[22] Л. Ф. низ ба маънии пайғамбар, мисол аз Дақиқӣ, с. 165.

[23] Дар Л. Ф. ин шакл наомадааст, дар с. 217 фаш қайд шудааст.

[24] Л. Ф. ҳамин маънӣ, бе мисол. с. 309. Дар «Чаҳонгирӣ» ба маънии боло ва ҳамин мисол аз шоире бо андак тағйирот ва инчунин ба маънии хирмани харбузаву ҳиндуванна ва ғ. омадааст. с. 408-б.

[25] Л. Ф. **вағвағ** овози бонги вазағ бувад. (Мисол аз Нацибӣ, с. 243).

[26] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ ва байти боло мансуб ба Кисоӣ, с. 212.

[27] Л. Ф. **ваҳанг** (маънои якум, мисоли боло аз Шаҳид: чун буруи кард ресмон зи ваҳанг... **ваҳанги** дигар, маънои дуюм ва **ваҳанги** дигар маънои сеюм. с. 307—308).

[28] Л. Ф. **вайк** ба чои **вечак** бошад. (Мисоли боло, с. 257).

**ВЕШИДА**[29] густарда. 179б

**ВИД**[30]**//ВЕД** низ ба маънии видоъ бувад, яъне гумшударо гӯянд. 177а.

**ВИДО**[31]**//ВЕДО** гумшуда бошад, чунонки гӯянд: «Қасеро видо кардам», яъне «гум кардам». Дақиқӣ гӯяд:

> Амиро чони ширин барфишонам
> Агар видо шавад пойкорӣ умрат. 176 а.

**ВИЖА**[32]**//ВЕЖА** беомезиш ва пок беҳамто ва хосса бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

> Маро з-ин хама вижа андӯхи туст,
> Ки бедордил бошиву тандуруст. 179 б.

**ВИЖАГОН**[33] хоссагон бошанд. Унсурӣ гӯяд:

> Або вижагон монд Вомиқ ба чанг,
> На рӯи гурезу на чои диранг. 179 б.

**ВИЗРАГОР//ВАРЗГОР (?)** барзгар бувад. 177 б. (*Ниг. муқ.* варза).

**ВИЛ//ВЕЛ**[34] зафару нусрат бувад ва ҳангоми ёфтани коре ба мурод. Рӯдакӣ гӯяд:

> Бадандеш душман буду вилчӯй,
> Ки то ӯ ситонад аз-ӯ чизи ӯй. 179 а.

**ВИЛА**[35] бонги азим бошад. 179б

**ВИЛОНҶ**[36] ҳалво бувад. 177а.

**ВИНОНА**[37] нони гирда бувад. 180а.

**ВИХТА**[38]**/ВЕХТА/** адаб навгирифта бувад (?) 179б.

---

[29] «Бурхони қотеъ»: бар вазн ва маънии вечида аст ва ба маънии густарда ва афрохта ҳам омадааст.

[30] Л. Ф. гум бошад, **видо** низ гӯянд. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 110).

[31] Л. Ф. **видо** гумшуда бошад, чун **вед**//вид (мисоли боло, с. 5, дар с. 110 **вед** низ ба ҳамин маънӣ).

[32] Л. Ф. вижа хосс бувад. (Мисол аз Дақиқӣ ва байти боло аз Фирдавсӣ, «бодиву», с. 461).

[33] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 399.

[34] Л. Ф. **вил** ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, **вил-и** дигар — нафир ва афғон аз мусибат бувад ва араб низ ҳамин маънӣ аз ин лафз ирода кунад. (Мисоли боло аз Бушакур: ...ки то чун ситонӣ аз ӯ чизи ӯ. с. 313).

[35] Л. Ф. **вайла**, ҳамин маънӣ. Мисол аз Асадӣ:

> Дар ин бим буданду ғам яксара,
> Ки Гаршосп зад вайлае аз дара. с. 503.

[36] Дар луғатҳо дида нашуд.

[37] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Дақиқӣ, с. 510.

[38] Ин калимаи дар луғатҳо, аз ҷумла дар «Бурхони қотеъ», дида нашуд.

**ВО**[39] ба маънии «бо» бувад, чунон ки гӯянд: **сикбо** ва **сикво** ва **сапедбо** ва **сапедво.** 176а.

**ВОЗИЧ**[40] чое бошад, ки ангур аз он чо руста бошад. 177а.

**ВОЛ**[41] моҳии чоғ бувад. 179а

**ВОЛО**[42] бузург бувад ба қадр ва баланд бувад ба ҳиммат ва мардумро гӯянд: **Вологуҳар** аст ва **болоҳунар** аст. Рӯдакӣ гӯяд:

Чу хомуш душманонат паст бодо,
Чу гардун дӯстон воло ҳамасол. 176 а.

**ВОЛҒУНА**[43] гулгуна бувад, ки вайро **ғоза** низ гӯянд ва занон бар рӯй моланд, то сурх шавад. 1(9б.

**ВОМ** қарз бувад 179а.

**ВОМӢ**[44] дармонда бувад. 180а.

**ВОРАН**[45] бандгоҳи даст бошад миёни бозу ва сонд, ки онро ба тозӣ **мирфақ** гӯянд. 179б.

**ВОРУН**[46] бахти бадфеъл ва нахсу шум ва баргашта. Шоир гӯяд:

Гумон бурд к-аз бахти ворун бираст,
Бишуд бахти ворун аз ӯ як ба даст. 179б.

**ВОРУНА**[47] намудори чизеро гӯянд хоҳ нек хоҳ бад. 180а.

**ВОТГАР**[48] пӯстиндӯз бошад ва рӯдро (?) низ гӯянд. Шоир гӯяд:

Ниҳода рӯй ба ҳазрат чунонки рӯбаҳи пир
Ба тими вотгарон андор ояду (?) темос. 177 б.

---

[39] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Абӯшакур, с. 18.

[40] Л. Ф. риштаи ангур бувад. Шокири Бухорӣ гӯяд:

Ҳама возич пурангуру ҳама чоӣ ясир,
Ранч варзид кунун бар бихӯрд бозгаро. с. 60.

[41] Л. Ф. аз ҳошия нусхаи «нун»: моҳии бузург бошад, ки киштиро фурӯ барад». с. 334.

[42] Л. Ф. бузург бувад ба кадр ва баландӣ. (Мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 3); аз ҳошияи нусхаи «нун»: **воло** бузург бувад, с. 515.

[43] «Бурҳони қотеъ» низ ба ҳамин маънӣ овардааст. Дар ҳошия **вулғуна: аз вул** (гул) +ғуна (гуна).

[44] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунчик, с. 529.

[45] Л.Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Оғочӣ, с. 377.

[46] Л. Ф. нахс бошад. (Мисол аз Лабибӣ ва байти боло аз Абӯшакур; чои «бишуд»— «нашуд», с. 366.)

[47] Л. Ф. **воруна** ҳам **ворун** бошад, яъне бадбахт. (с. 485).

[48] Л. Ф. **вотгар** пӯстиндӯз бувад. Абулаббоси Анбар гуфт:

Ниҳода рӯй ба ҳазрат чунонки рубаҳи пир,
Ба тими вотгарон ояд аз дари темос. (Ва мисоли дигар аз Рӯдакӣ, с. 141).

**ВОҚВОҚ**[49] номи дарахтест, ки дар Ҳиндустон мебошад, бас аҷоиб, бомдод баҳораш мебошад ва шабонгоҳ хазон мекунад ва баргҳояш бар сурати мардум бошад, чун рӯз пеш ояд, баргҳош дар ошӯб афтад, чун шаб ояд фурӯ резад. 178а.

**ВУРЕБ**[50] кажӣ бошад, акси ростӣ мисли хате (?), шеър:

Тавонӣ бар ӯ кор бастан фиреб,
Ки нодон ҳама рост бинад вуреб. 176 б.

**ВУРУТ**[51] хашм бувад. 176б.

**ВУСҚОРА**[52] тиён (деги саркушодаи бузург, аз «Бурҳон») бувад. 179б.

**ВУСНӢ** ва **ВАСАНӢ**[53] ҳар ду ба як маънист, яъне ду зан бошанд, ки ҳар ду як шавҳар доранд ва якдигарро **васанӣ** хонанд. 180а.

## Г

**ГАВ**[1] меҳтар ва далер ва бузург ва муҳташам аст. Фирдавсӣ гӯяд:

Агарчи гави сарвн боло бувад,
Ҷавонӣ кунад пирн коно бувад.

Ва ба маънии мағоке дар ҷое низ омада. Шоир гӯяд:

Чи гуна созам бо вай, чи гуна ҳарб кунам,
Заифколбадам ман, на кӯҳаму на гавам. 149 а.

**ГАВАЗН**[2] гови кӯҳӣ бувад 148а.

**ГАВОН**[3] номи мубориз бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Гавон паҳлавоне буд зӯрманд,
Ба бозу базӯру ба боло баланд. 148 а.

**ГАВОРА**[4] сабаде бошад, ки ангишт бад-он кашанд. 150б.

---

[49] Л. Ф. ҳамин маънӣ аз ҳошияи нусхаи «нун» ва мисоли муғлақ аз Бӯмансур, с. 249.

[50] Л. Ф. кажӣ бошад... (Мисоли боло аз Бӯшакур, с. 26).

[51] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Боронӣ, с. 49.

[52] Л. Ф. **васқора**, ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 500.

[53] Л. Ф. **васнӣ** зане бошад, ки бар сари зан хоҳанд. (Мисол аз Асҷадӣ, с. 523).

[1] Л. Ф. меҳтаре бузург бувад (мисоли боло); **гав-и** дигар **нуғл** бошад, **мағок** низ гӯянд. (Мисоли боло аз Кисой, с. 410).

[2] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 378.

[3] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 397.

[4] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 514; *низ. муқ.* **каворсабаде** бувад бузург, ки боғбонон доранд (мисол аз Асадӣ, с. 156). *низ. муқ.* **кавор (кавора)**.

**ГАВПОРА**[5] (ки ҳоло **кавожа?** гӯянд), рама ва галаи гову хар бошад. 150б.

**ГАЛИЗА**[6] сабу бувад. Шеър:

Чу кард ӯ ғализа пур аз оби ҷӯй,
Ба оби ғализа фуру шуст рӯй. 152 б.

**ГАЛОГУНА**[7] ва **ГУЛГУНА** сурхӣ бошад, ки занон рӯй бадон андоянд. 152б.

**ГУЛФАҲШАНГ**[8] оби афсурда бувад, ки аз новдон фуруд ояд. 144а.

**ГАМАСТ**[9] навъе аз ҷавоҳир аст. 133б.

**ГАНГ**[10] ба се маънӣ аст: авал, бутхонаест ба Туркистон ва низ номи шаҳрест дар он вилоят ва ҷазираро низ гӯянд. Унсурӣ гӯяд:

Ҳамон гаҳ сипоҳ андар омад ба ҷанг,
Сипаҳ ҳамчу дарёву дарё чу Ганг.

Ва дигар, рӯдхонаест дар Ҳиндустон, Хисравонӣ гӯяд:

То чун бахови Ганг шуд аз рӯи ? ҷаҳон,
Ду чашми Хисравонӣ чун рӯди Ганг шуд.

Ва дигар, хамӣ аст, ки дар пушт ояд ва онро **ҳадаб** ва **кӯзпушт** низ гӯянд. Унсурӣ гӯяд:

Ҳаме мунозараву ҷанг хоҳӣ аз тани хеш,
Кунун ки кунда шудиву бар овардӣ ғанг. 143 б.

**ГАНҶ** ба се маънӣ аст, аввал дафинае бошад, ки подшоҳон биниҳанд, дуюм ба маънии ҷудо-ҷудо ва пора-пора ва баҳра-баҳра бошад ва ба тафориқ андак-андакро низ гӯянд. Сеюм харн думбурида (?) бувад. 134б.

---

[5] Л. Ф. рамаи гову ҳар бошад. Мисол аз Мунчик, с. 467. *нег. мук.* **кавожа** таъна задан.

[6] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Мантиқӣ, с. 510.

[7] Дар Л. Ф. **галогуна** дида нашуд.

[8] Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Фаролавӣ, с. 234.

[9] Л. Ф. ба форсӣ ҷамаст. Фаррухӣ гуфт:

Миёни хоҷаву туву миёни хоҷаву ман
Тафовут аст чунон чун миёни зарру гамаст. (с. 40).

[10] Л. Ф. баҳорхона аст ва шаҳрест ба Туркистон (мисол ҳамон байти Хисравонӣ) ва ҷазирае низ ҳаст (Мисол байти аввал аз Унсурӣ) ва рӯдест андар Ҳиндустон ва **ҳадаб**, ки бар пушти мардум бувад ва **ғанг** муоҷирро ҳам гӯянд (байти охири Унсурӣ бидуни номи шоир ва дар ҳошия қайд аз нусхаҳои гуногун, с. 268; с. 292 **гунг** лол бувад, яъне беэабон, мисол аз Мунчик, с. 521. Зери калимаи **мӯрӣ**: гунги (лӯлаи роҳгузари об) корезҳо бувад, ки об ва чашмаҳо ва ғайра баранд.

**ГАНҶИ БОДОВАР**[11] номи навоест, ки мутрибон заnанд. 138а.

**ГАНҶИ ФАРИДУН**[12] номи навоест, ки мутрибон заnанд 148а.

**ГАНҶУР**[13] хазинадор. 136б.

**ГАРГАР ва ГАРУГАР ва КИРДИГОР**[14] ҷумла номҳои худой аст (ҷалла ҷалолаҳу ва амма наволаҳу). Шеър:

Чу бечора гаштанду фарёд чустанд,
Бар эшон бубахшид яздони гаргар. 139 а.

**ГАРД**[15] гардуи бувад Фирдавсӣ гӯяд:

Ки то ин замон ҳар чи рафт аз набард,
Ба коми дили мо ҳама гашт гард. 135 б.

**ГАРДО**[16] гардон бошад. 132б.

**ГАРЗАН**[17] нимточе мурассаъ бувад ба зар ва ҷавоҳир, ки подшоҳони фурс чун бар тахт нишастандӣ, ба занҷири зар онро бар болои сари эшон биёвехтандӣ ва аҳёнан бар сар ниҳодандӣ. Шоир гӯяд:

Ў мири некувони ҷаҳон асту некӯй,
Тоҷ аст солу моҳ мар ўро чу гарзан аст. 174 б.

**ГАСТ**[18] зиштро гӯянд ба дидан, шеър:

Дилбаро, ду рухи ту бас хуб аст,
Аз чӣ бо ёр кори гаст кунӣ. 133 а.

**ГЕҶ**[19] аҳмақ ва мӯъҷаб ва хештаиситойро гӯянд. Шеър (Шеър дар матн наомадааст). 134а.

**ГИЗОЙ/ГАЗОЙ**/ газидан бувад. 152б.

---

[11] Л. Ф. ҳамин маъни, мисол аз Замирӣ, с. 162.

[12] А. Ф. ҳамин маънӣ, с. 404.

[13] Дар Л. Ф. дучор нашуд. Дар «Ҷаҳонгирӣ»— хазинадор, с. 547.

[14] Л. Ф. **гаргар** номи худой аст ва **гаругар** низ гӯянд. (Мисоли боло аз Дақиқӣ, с. 128). **Кирдигор** номи эзади таоло аст (с. 150).

[15] Дар Л. Ф. ба ин маънӣ дида нашуд.

[16] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ, с. 12.

[17] Л. Ф. **гарзан** нимточе бувад аз дебо бофанд ба зару гавҳар мугарраҷ карда ва гӯянд тоҷе бувад бузург ва пурҷавоҳир ва мулук аз бари тахт ба силсила биёвехтандӣ. (мисоли боло аз Юсуфи Арӯзӣ, с. 358).

[18] Л. Ф. зишт бошад. (Мисоли боло аз Имора; ҳошия; «нун»: зишт бошад аз дидан; «син»: зишт бошад ба дидан, с. 37).

[19] Л. Ф. **геҷ** мӯъҷаб ва аҳмақ бувад. Қареъ гуфт:

Ҳама бо ҳезон ҳезу ҳама бо геҷон геҷ,
Ҳама бо duздон дузду ҳама бо шангон шанг (с. 60).

**Геҷ** мӯъҷаб бувад ва чизе турфаро ба форсӣ **геҷ** хонанд. (с. 73).

**ГИЗОЯД**[20] ба маънии костан бувад. 136а.

**ГИЛА**[21] ранҷиш бошад. 152а

**ГИРДБОД**[22] он бод бувад, ки бар мисоли осиёе гардад ва бо вай гард бувад. Фаррухӣ гӯяд:

> Ҳаме фиканд ба тиру ҳаме фиканд ба тег,
> Чу гирдбод ҳаме гашт бар ямину ясор. 136 б.

**ГИРОЙ**[23] гироидан бошад, яъне майл ва ёзидан ва гаравидан. 153а.

**ГИРОЯД** ба маънии печидан (?) бошад 136а.

**ГОВ**[42] **I** марди паҳлавон ва мубо特изу далер бошад ва ба маънии ковидани (ков) чизе низ омада. Унсурӣ гӯяд:

> Биковид колошро сар ба сар,
> Ки донад, ки чӣ ёфт зарру гуҳар. 148 б.

**ГОВ**[25] **II** бурҷи Говро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Чу хуршед бар зад сар аз бурҷи Гов
> Зи ҳомун баромад хурӯши чаков. 147 а.

**ГОВДУМ**[26] Буке кӯчаке ё нои рӯине бошад, ки бар сурати думи гов сохта ва дар вақти ҷанг зананд ва ба нафир машҳур аст. Чунончи Фирдавсӣ гӯяд:

> Сафеда бизад нои рӯина хум,
> Хурӯш омад аз нолаи говдум.

Ва **ғандрӯдро** низ говдум гӯянд. 146а

**ГОВРАНГ**[27] гурзи Афридунро гӯянд. 144а.

**ГОЛ**[28] гурехтан бошад, чун бигрезад гӯянд: «биголид». 145б.

---

[20] Л. Ф. **гизой** газанд кардан бувад, гӯянд дилгазой. (Мисол аз Дақиқӣ, с. 524).

[21] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[22] Л. Ф. он бувад, ки бар мисоли сенё ҳамегардад ва бувад, ки бо гарди сахт бувад. (Мисоли боло: Ҳамегирифт ба бару ҳаме фиканд баюз с. 107).

[23] Л. Ф. гироидан бувад, чун майлу ёзидан. (Мисол аз Дақиқӣ, с. 524).

[24] Л. Ф. **гов** мухташамро хонанд (Мисол аз Дақиқӣ, с. 416). **ков** дар маънии шахудан (кофтан) бувад. (Мисоли боло, с. 417).

[25] Дар Л. Ф. ба ин маънӣ дида нашуд.

[26] Л. Ф. **буқ бувад чун думи гов**. (Ҳамин мисол аз Фирдавсӣ: бизад нои заррину..., с. 339).

[27] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Фирдавсӣ, с. 330.

[28] Л. Ф. чун ҳазимат буд, гӯянд: «голид», яъне гурехт. (Мисол аз Имора, с. 324).

**ГОҲ**[29] ба се маънӣ аст: яке тахт бошад ва дигар вақтро гӯянд ва дигар гаве бошад, ки симполоён заруи сими гудохта дар он ҷо резанд. 149б.

**ГУВОЛ**[30] гуволидан бувад чун андӯхтан, 145а.

**ГУВОЛИДАН**[31] молидан бошад (?). 148а.

**ГУДОБ**[32] ва **ГӮШОБ** ҳар ду ба маънии **дӯшоб** аст ва хобро низ гӯянд. Шеър:

Шунидам, ки Хисрав ба гӯшоб дид,
Чунон к-оташе шуд зи давраш палид. 132 б.

**ГУЖОР*** ҳавсалаи мурғ бошад. 136б.

**ГУЗАНД**[33] ранҷ бошад. 136б.

**ГУЗАР** ва **ГАНДАРА**[34] ҳар ду, мурғи кӯчакеро гӯянд, ки дар об нишинад ва **тийҳу** низ гӯяндаш. 152а.

**ГУЗАРМОН**[35] тонфае гуфтаанд: арш аст ва баъзе гӯянд, ки осмон аст ва ин асаҳ аст. Дақиқӣ гӯяд:

Маҳу хуршед бо Бирҷису Баҳром,
Зуҳал бо Тиру Зуҳра бар Гузармон.
Ҳама ҳукме ба фармони ту ронанд,
Ки яздон мар туро додаст фармон. 147 а.

**ГУЗАРНОМА**[36] мактубе бошад, ки дар роҳҳо бинамоянд ва бигузаранд. 151б.

**ГӮЗАШТ**[37] роҳ бошад. 133б.

**ГУЗОФ**[38]/**ГИЗОФ** сухан ва кори беҳударо гӯянд 142б.

**ГУЛОНДАН**[39] афшондан бувад. 148а.

**ГУЛОНҶ**[40] ҳалвое бошад, ки онро **лобарло** хонанд. 134а

---

[29] Л. Ф. се маънӣ дорад: аввал вақт, дуюм ҷои нишастан бувад, ки бар сари тахт созанд. (Мисол аз Фирдавсӣ), сеюм (чоҳаки) симполо бошад. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 421). Дар с. 245 зери калимаи **сурф** истифодаи калима дар мисол аз Кисоӣ.

[30] Л. Ф. андӯхтан бувад (Мисол аз Таййи ва Шаҳид, с. 327).

[31] Л. Ф. **гувол** андӯхтан бувад. (с. 327).

[32] Л. Ф. **гӯшосб** хоб дидан бошад. (Мисоли боло аз Бӯшакур, с. 29).

* Л. Ф. **гужор** ва **жоғар**-ро ҳавсала хонанд. (Мисол аз Баҳромӣ, с. 150). «Ҷаҳонгирӣ»: **гужож** чинадони мурғро гӯянд... (Мисол аз Шамси Фахрӣ, с. 352-б).

[33] «Ҷаҳонгирӣ»: офат ва сабаб бошад.

[34] Л. Ф. **гӯдара,** ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 459.

[35] Л. Ф. **гурузмон** порсиён гӯянд: арш аст ва шуаро гӯянд: осмон. Ҳамин мисол аз Дақиқӣ, с. 357.

[36] Л. Ф. мактуби ҷавоб бошад, яъне бозгашт. (Мисол аз Шаҳид, с. 453).

[37] дар Л. Ф. наомадааст. «Ҷаҳонгирӣ»: **гузашт** роҳро гӯянд. с. 220 б.

[38] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[39] дар Л. Ф. дида нашуд; дар «Ҷаҳонгирӣ»: **гулонидан** афшонидан. Мисол аз Заротушти Баҳром, с. 478-а.

[40] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 59.

**ГУЛХАН**[41] Туни гармоба бошад. 148а.

**ГУЛЮН**[42] ҷомае бошад, ки аз ҳафт ранг бофта бошанд ва ҳафт ранг дар он битвон дид 148а.

**ГУЛҒУНЧА, ГУЛГУНА**[43] ғоза бувад, яъне сурхӣ. 152б.

**ГУМОР**[44] гумоштан бошад яъне мусалла кардан бувад. 636б.

**ГУНГ**[45] лол бошад. 143б

**ГУРБУЗ**[46] марди доно ва зирак ва таррорро гӯянд. 140а.

**ГУРГОН**[47] вилоятест машҳур **147а.**

**ГУРД**[48] ба маънии далер ва паҳлавон ва мубориз бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба туркон чунин гуфт Ҳӯмони гурд,
Ки андеша аз дил бибояд сутурд. 136 а.

**ГУРЕҒ**[49] ба маънии **гурез** бошад, Фирдавсӣ гӯяд:

Чу рӯзе ки бошад ба ховари гурег
Ҳам аз бохтар барзанад боз тег. 142 а.

**ГУРЗ**[50] амуд бошад ва **гурзи говсар** гӯянд онро, ки Фаридуни дошт ва дастаи ҳованро низ гӯянд. 140а.

**ГУРЗА**[51] мор бувад ва мушро низ гӯянд 152б.

**ГУРЗАМОР** мори заҳр(а) андоз. 138б.

**ГУРИНҶ**[52] биринҷ бошад. 134а

**ГУРМ**[53] табиш ва тоса (?) бошад ва ранҷу ғам ва андӯҳи дилгирифтаро низ гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Зи чанголи юзон ҳама дашти гурм,
Дарида бар ӯ дил пур аз доғу гурм. 146 б.

---

[41] Л. Ф. туп бошад. (Мисол аз Асҷадӣ, с. 390).
[42] Дар Л. Ф. Ин калима дида нашуд.
[43] Дар Л. Ф. ҳамчун луғати алоҳида дида нашуд.
[44] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мантиқӣ, с. 158.
[45] Л. Ф. лол бувад, яъне безабон. (Мисол аз Мунчик, с. 293).
[46] Л. Ф. таррор бошад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 182).
[47] Дар Л. Ф. наомадааст.
[48] Л. Ф. мубориз бошад (ҳамин мисол: ба Ҳӯмон чунин гуфт Сӯҳроби гурд... с. 98).
[49] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисоли дигар аз Унсурӣ ва дар ҳошия қайду мисолҳо аз нусхаҳои дигар, с. 237.
[50] Л. Ф. **гурз ва купол** лахт бошад. (Мисол аз Бӯшакур, с. 183).
[51] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ:

Оху аз дом андарун овоз дод,
Посухи гурза ба-донаш боз дод... (с. 509).

[52] Дар Л. Ф. ин калима дар тафсири калимаи **сур** истеъмол шудааст: **сур** секӣ бошад, ки аз **гуруниҷ** созанд. (с. 148).
[53] Л. Ф. андӯх бошад (ҳамин мисол аз Фирдавсӣ, с. 340).

**ГУРОЗ**[54] чанд маънӣ дорад, яке, хуки нарро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Сари душманони ту, шохо, ба гоз,
Бурида чунон к-он сарони гуроз.
Гурозон ба дандону шерон ба чанг,
Тавонанд кардан ба ҳар ҷой ҷанг.

Дигар, беле бошад саркаж, ки барзгарон расан дар-ӯ банданд ва ба ду тан бикашанд ва бад-он замин рост кунанд. 139а.

**ГУҲУНБОР**[55] боргоҳ бошад. Асадии Шерозӣ (?) гӯяд:

Ба хирри Фаридуну рахшаш наҳанг,
Ба гоҳи гуҳанбори Ҳушанги шанг. 136 б.

**ГӮЛ**[56] аҳмақ ва аблаҳ ва нодонро гӯянд. 145б.

**ГӮШСАРОЙ** ва **ГУШОВОЙ**[57] ҳар ду, он касеро гӯянд, ки ҳар чӣ бигӯянд, бишнавад ва нек фаҳм кунад. 153а.

## Д

**ДАВИДА** ва **ДАВОЛА**[1] он давол бувад, ки қиморбозон бад-он қимор бозанд. 80б.

**ДАД** ҷонвари даштӣ бувад. 76а

**ДАЖ**[2] хашму дуруштхӯӣ бувад. 77а.

**ДАҶАМ**[3] пижмон ва ошуфта ва андӯхгин бувад. 79б.

**ДАЖОГОҲ**[4] тунд бувад. Унсурӣ гӯяд:

Ба Узро ҳамон ҷоми ҷанг дод,
Паланги дажогоҳро ранг дод...

* * *

Зи чизи касон даст кутаҳ кунӣ,
Дажогоҳро бар худ огаҳ кунӣ. 81 а.

**ДАЖОҲАНГ**[5] бадоҳанг ва бадхӯй бувад. 78б.

---

[54] Л. Ф. **гуроз** яке хуки нар аст. (Мисоли дигар аз Фирдавсӣ); **Гурози** дигар беле бувад расан андару баста ва ба ду кас ҳамекашанд ва иморат бад-он рост кунанд ва барзгарон низ заминро бад-ӯ кананд. (Мисол аз Имора). **Гурози** дигар кӯзаи сартанг бошад, ба тозӣ онро **қабила**(?) гӯянд. (Мисол аз Фохир, с. 167—168).

[55] Л. Ф. **гаҳанбор** боргоҳ бошад. (Дар байт:... ҳанги наҳанг, с. 156).

[56] Дар Л. Ф. ин луғат дида нашуд, дар «Ҷаҳонгирӣ низ.

[57] Л. Ф. **гӯшсарой** он бошад, ки чун чизе гӯянд, бишнавад. с. 528.

[1] Л. Ф. **дувеза** ва **давола**, ҳамин маънӣ. Мисол аз Унсурӣ, 510.

[2] Л. Ф. нашри Сиёқӣ, **дижоханг** ба маънии бадхӯӣ ва бадҷӯӣ **ва дижгоҳ ва дижанд** ба маънии тундшуда, с. 106 ва 173. «Бурҳони котеъ»: **дуж.**

[3] Л. Ф. **дижам**, ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯшакур ва Хисравонӣ, с. 347.

[4] Л. Ф. **дижогоҳ** бадогоҳ ва ба хашмомада бошад. (Мисол аз Бӯшакур, байти дуюми боло, с. 465).

[5] Л. Ф. **дижоҳанг** махуф ва тунду саъб бувад. (Мисол аз Унсурӣ, с. 282).

**ДАЖХИМ**[6] бадтабъ бувад ва ҷаллоди бадхӯи нохуш Фирдавсӣ гӯяд:

Ба дажхим фармуд к-инро бигӯй,
З-дор андаровезу бартоб рӯй. 79 б.

**ДАЗАК**[7] дасторча бошад. 79а.

**ДАМОН**[8] шикоф бошад. 79б

**ДАМХАСИНУС**[9] бозаргоне буд, ки Узроро бидуздид аз Манқалус ва биёварад, то бад-он раста гашт. Унсурӣ гӯяд:

Дили Дамхасинус шуд ношикеб,
Ки дар кори Узро чӣ созад фиреб. 77 б.

**ДАН**[10] касе бошад, ки ба нишот бiравад. 80а.

**ДАНА**[11] давидан бувад ва дигар номи зан аст ба забони осиён.80б.

**ДАНГ**[12] аҳмақ бувад 79а.

**ДАНГАЛ**[13] (матн: **Дегал ва дангал**) аблаҳ ва беандом ва дайюсваш бувад. 79а.

**ДАНД**[14] **худком ва аблаҳ ва нодон ва бебок** бошад. Шоир гӯяд:

Бихон он гахе заргари дандро,
Зи ҳамсоягон ҳам тани чандро. 76 а.

---

[6] Л. Ф. **дижхим** бадхӯ бувад ва ҷаллод (мисоли боло, с. 341).

[7] «Ҷахонгирӣ»: **дазк** дастор бошад ва дар баъзе аз фарҳангҳо ба маънии дасторча марқум аст. Устод Рӯдакӣ назм намуда:

Эй турфа хубони ман, эй шӯҳраи Рай,
Лабро ба сари дазк бикун пок аз май... (с. 340а).

Дар Л. Ф. дида нашуд.

[8] Л. Ф. **дамон** шикоф **бувад** (мисол аз Қареъ, с. 398). Дар «Ҷахонгирӣ»: 1. фарёдкунон; даманда, фарёдкунанда; 2. тез рафтан. 3 замон (ин маънӣ аз «Занд»).

[9] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 203.

[10] Л. Ф. **дан** он касе ки давад ба нишот, гӯянд: ҳамеданад ва **данон** аст. (Мисол аз Кисоӣ, с. 391).

[11] Л. Ф. **дана** давидан бувад, (мисол аз Парвез Хотун) ва **данан** дигар номи занест ба забони осиён, мисол аз Қареъ, с. 506).

[12] Дар Л. Ф. ин калима дида нашуд. Дар луғатҳои дигар, аз ҷумла дар «Ҷахонгирӣ», ҳаст.

[13] Л. Ф. **дангал**-аблаҳ ва беандом бувад. Мисол аз Абулаббос (Дар хошия аз «син» изофа дорад:— дайюсваш, с. 317).

[14] Л. Ф. аблаҳ бувад ва *бебок* ва худкома. (Мисол аз Бӯшакур 4-байт, байти охирин, байти боло аст. с. 88 **Данд** — ҳар чи гулӯ фароз кашад, чун пусти анор ва мозу, онро **данд** хонанд. (Мисол аз Рӯдакӣ с. 101). Нашри Сиёқӣ: (**данд-и дуюм**) ҳарчи гулӯ фароз кашад чун пусти анор ва мозу ва онро данд хонанд.

Рӯдакӣ гуфт:

Қанд ҷудо кун аз ӯй, дур шав аз заҳри данд,
Ҳар чи ба охир беҳ аст, ҷони туро он писанд. с. 41.

**ДАРАНГ**[15] маъруф аст ва он касе бошад, ки ба шуғле машғул бошад ва дергаҳ ба он кор бимонад, онро **даранг** хонанд Унсурӣ гӯяд:

> Ҳарон чи хоҳӣ ту аз неъмату забӯю заранг,
> Ба дори дунё ёбӣ чуз эмниву даранг. 79а.

**ДАРАФШ**[16] ба ду маънӣ аст: яке он ки сарроҷон ва кафшгаронро бошад. Унсурӣ гӯяд:

> Макун рӯз бар хештан бар бунафш,
> Ба бозича панҷа мазан бар дарафш.

Ва дигар аломат бувад, яъне алами лашкар, Фирдавсӣ гӯяд:

> Зи бас гуна-гуна синону дарафш,
> Сипарҳои зарриву заррина кафш. 78 б.

**ДАРВО**[17] гарде, ки ба ҳаво бар шавад, ё чизе монанди гард. Фаррухӣ гӯяд:

> Чу гардон гашта селобе миёни оби осуда.
> Чу гардон гирдбоде тунд гардӣ тира андарво (аз дарво?) 75 а.

**ДАРВОЙ**[18] овехта бошад. 81б.

**ДАРВОХ**[19] дуруст бошад бар хилофи гумон ва гӯянд: «Гумонам ба фалон дарвох аст», ва касеро гӯянд, ки аз беморӣ халос ёфта бархезад. Рӯдакӣ гӯяд:

> Чунки ноландатару густох шуд,
> Дар дурустӣ омаду дарвох шуд. 75 а.

**ДАРЕВОС**[20] гирд бар гирди дар бувад, аз чӯб олате сохта аз баҳри истеҳкоми дар ва девор зада бошанд, то дарро дорад. Рӯдакӣ гӯяд:

> Девору даревос фувӯ гашту баромад,
> Бим аст, ки якбора фуруд ояд девор. 77 а.

---

[15] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[16] Л. Ф. **дарафш** — алам бувад, мисол аз Фирдавсӣ, 214; дарафши ди гар-олати кафшдӯзон ва мӯзадӯзон, мисол аз Мунчик, с. 218. Дар нашри Сиёқӣ ба ҷои «Сипарҳои заррин» — сипарҳои сими (с. 7?).

[17] Л. Ф. **дарво** — овехта бошад. Хошия: фақат дар ҳавошии «айн» ва «нун», дар «нун»: **дарво** — дуруст ва таҳқиқ бошад ва овехтаро гӯянд. (Мисол аз Амъак). Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **Дарво, дарвоз, дарвох** 1. саргашта, саргардон. 2. сарнагун. 3. чизи зарурӣ.

[18] *ниг. муқ.* **дарво, дурво.**

[19] Л. Ф. он бувад, ки аз ноландагӣ ва бемори ба дард омада бошад ҷа ба дурустӣ расида. Байти Рӯдакӣ: Чунки ноланда буду... с. 78.

[20] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва ҳамин мисол. с. 196.

**ДАРОЙ**[21] ду маънӣ дорад: яке занге бошад, ки бар гардани шутур банданд ва дигар путки оҳангаронро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Аз он путк ки оҳангарон пушти пой
Бипӯшанд ҳангоми захми дарой. 81 б.

**ДАРРА**[22] шикам ва шиканба бошад. 81а
**ДАРТОЧ**[23] гиёҳест гардад ба ҳар тараф, ки офтоб бигардад, ӯ бо офтоб бигардад, ва дар Ироқ ӯро **тӯла** гӯянд. 75б.
**ДАРФАНЧАНК**[24] кобус бувад, ки шаб дар хоб бар мардум нишинад. 79а.
**ДАС** ва **ДЕС**[25] ки ба маънии ҳамто ва монанд бувад ва фашро низ гӯянд. 77б.
**ДАСТА**[26] мардум густохгардонида бувад ва ба маънии ёвар низ омада. 81а.
**ДАСТВОР**[27] яке пора бувад ва дигар чӯбе бувад, ки пирон дар даст гиранд аз бузургӣ.
**ДАСТИНА**[28] тавкеъ бувад. 81а.
**ДАСТОН** ҳилат. 80а.
**ДАСТОРХОН**[29] навола ва залла бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба ман дод аз ин гуна дасторхон,
Ки бар ман ҷаҳонофаринро бихон. 80 а.

**ДАСТОС** осиё бувад. 78а.
**ДАСТУР**[30] вазир бошад 76б.
**ДАСТЕР**[31] мададгор ва муовин ва ёридеҳ бувад. 76б.
**ДАФНУК**[32] ғошия (зинпӯш) бувад. 79а.

---

[21] Л. Ф. **дарой** путки оҳангарон бувад (мисоли боло аз Фирдавсӣ, с. 530).
[22] «Ҷаҳонгирӣ»; **дара//дарра** — шиканба (Мисол аз Носири Хисрав:

Гург аз рама хӯрону рама дар гиё ҷаррон,
Ҳар як ба хирси хеш ҳаме барканад дара.

Ва мисоли дигар аз Сӯзанӣ, с. 271-а).
[23] *ниг. муқ.* **варточ.** Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ **варточ.**
[24] Л. Ф. **дарфанчак,** ҳамин маънӣ, мисол аз шоири номаълум. с. 307.
[25] Л. Ф. Нашри Сиёқӣ: **дес-фаш** бошад, яъне тани (мисол аз Фаррухӣ, с. 61).
[26] Л. Ф. мардумро густох карда *бувад.* (*Мисол* аз Рӯдакӣ. с. 489). **даста** ёвар бувад. (Мисол аз Кисоӣ, с. 504).
[27] Л. Ф. ҳамин маънӣ, як байт аз шоире. с. 159.
[28] Л. Ф. **дастина** тавкеъ бошад. (Мисол аз Мунҷик, с. 499)
[29] Л. Ф. ҳамин шакл, ҳамин маънӣ ва мисол, с. 339.
[30] Дар Л. Ф. дида нашуд.
[31] Л. Ф. ёридеҳ, мисол аз Унсурӣ, с. 158.
[32] Л. Ф. **дафнук,** ҳамин маънӣ, мисол аз Мунҷик, с. 293.

**ДАХШ**[33] ибтидо кардан бувад. 78а.
**ДАШНА**[34] ханчар бувад. Шеър:

> Абулмузаффаршохи чагониён, ки бурид
> Ба таги дашнаи озодагӣ гулӯи суол, 80 б.

**ДАШТ** саҳро бувад. 75а.
**ДАҒАЛ** фурӯмояро гӯянд. 79а
**ДАҒД**[35] арӯс бошад. 76а.
**ДАҒУЛ**[36] ҳаромзода бувад. 79а.
**ДАҲИШ**[37] ато додан 78а.
**ДАҲИШТ**[38] ягонагӣ бошад. 75а.
**ДАҲОЗ**[39] ба маънии бонгу наъра ва шаноат бошад. Фаррухӣ гӯяд:

> Фаррухӣ бандаи ту бар дари ту,
> Аз нашоти ту баркашида даҳоз. 77 а.

**ДАҲОР**[40] ғору дара ва шикоф бувад. Асадӣ гӯяд:

> Яко як пароканда ба дашту ғор,
> Қаде чун дарахту даҳон чун даҳор. 76 б.

**ДЕВА**[41] кирми пилла бувад. 80б
**ДЕВЛОХ**[42] сардсайр ва чарогоҳ ва марғзоре бошад аз ободонӣ дур ва **лох** ба маънии мавзеъ аст, яъне ҷои дев ва **санглох** ва **девлох** ҳар ду дар қофия нашоянд, чунонки дар фанни қавофӣ гуфта шуда. Унсурӣ гӯяд:

> Чаранда девлох оганда паҳлӯ,
> Ба тан фарех миён чун мӯй логар. 75 б.

**ДЕВПОЙ**[43] ғунда бувад ва ӯро **тананда** ва **анкабӯт** низ гӯянд. 81б.

[33] Л. Ф. **дахш** ибтидо кардани кор бошад. (Мисол аз Фароловӣ, с. 215).
[34] Л. Ф. **дашна** корди бузургро хонанд. (Мисоли боло аз Мунчик, ба ҷои «Ба теги»— ба тездашнаи..., с. 461).
[35] «Ҷаҳонгирӣ»: **дуғд** арӯсро гӯянд. с. 410а.
[36] Л. Ф. **дағул** соғаре бувад бузург, бад-он об кашанд. Мисол аз шоири номаълум. (Ин луғат фақат дар нусхаи «Нун», с. 324). «Ҷаҳонгирӣ»: **дағул** ҳаромзода бошад ва онро **доғул ва ҷомғул ва санд** низ хонанд, с. 410 б.
[37] Л. Ф. зери калимаи **дошод**, ки ба маънии дуо ва ато аст, дар хошия аз нусхаи «чим» **дошод ва даҳишт ва дошан** ба маънии ато қайд шудааст, с. 105.
[38] Л. Ф. бегонагӣ бошад. (Дар хошия қайд мешавад, ки фақат «Рашидӣ» ба имлои матн, ба маънои ягонагӣ, бе мисол овярда. с. 45. Нашри Сиёқӣ: **дошод ва даҳишт ва дошан** ато бувад. с. 46.
[39] «Бурҳон» дар қатори **даҳор**, даҳоз низ овардааст.
[40] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Асадӣ: Забон чун дарахту..., с 158.
[41] Л. Ф. **дева** кирми пила. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 501).
[42] Л. Ф. ҷое душвор бувад дур аз ободӣ ва ҳористон. (Мисол аз Унсурӣ: «Чарида девлох...,» с. 76).
[43] Л. Ф. **девпой** анкабут бувад. (Мисол аз Маъруфӣ, с. 516).

**ДЕВРАХШ**[44] номи навост, ки мутрибон заnанд. 78б.

**ДЕВЧА**[45] ду навъ аст, яке кирмакест ба гунаи ҷонваре ва дар пашмина ва ҷомаҳои абрешимин афтад ва ба зиён диҳад ва онро **ҷинсӣ** хонанд ва дар баъзе ҷо **хӯра гӯянд**аш, ва дигар **зулу** бошад ва он аст, ки дар ғалла афтад ва ғалларо табоҳ кунад ва онро **ҷинсӣ** ва **сӯс** ва **шира** гӯянд. 81а.

**ДЕРАНД**[46] дароз бувад. 76а.

**ДЕРБОЗ**[47] ба маънии дарвоз (?) бошад. 77а.

**ДЕШ**[48] деҳиш бувад, яъне медиҳаш. 78б.

**ДИЕНУШ**[49] номи меҳтари дуздон буд, ки корвонҳо задӣ аз дарё ба рӯзгори Вомиқ ва Узро. Унсурӣ гӯяд:

> **Бар он роҳдорони ҷӯяндаком,**
> Яке меҳтаре буд Диёнуш ном. 78 а.

**ДИЖ//ДЕЖ**[50] тахсис (таъйин, муайян). 77а.

**ДИЗ**[51] деҳ ва қалъа, 77а.

**ДИЛИҲРО**[52] подшоҳи Хиндустон бувад. 75а.

**ДОВАРӢ**[53] чанг бувад. 81б.

**ДОДОР** ва **ДОВАР** ва **ДОДГАР** номи худои азза ва ҷалла аст. 76б.

**ДОНГ**[54] дона бошад. 79а.

**ДОНИШГАР**[55] донишманд. 76б.

**ДОНУШ**[56] номи мардест, ки Узроро бифрӯхт. Унсурӣ гӯяд:

> Гузашта бар ӯ бар басе кому дом,
> Яке тезпоеву Донуш ном. 78 а.

**ДОР**[57] дарахте бувад, ки сутун кунанд. Бӯшакур гӯяд:

> Дувум дониши аз осмон баланд,
> Ки бар пой чун аст бе дору банд. 76 б.

---

[44] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 224.

[45] Л. Ф. кирмгунае бувад, ки дар пашминаҳо афтад. (Мисол аз Мунҷик, с. 422), **Девча** зулу бошад (мисол аз Муҷалладӣ, с. 500).

[46] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ; **деранд**-и дигар — ба маънои даҳр. Мисол аз Рӯдакӣ, с. 101.

[47] Дар «Ҷаҳонгирӣ» ба маънии дароз, мисол аз Муиззӣ ва Сузанӣ, с. 700-а.

[48] Л. Ф. **деш** яъне медиҳаш. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 222).

[49] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 225.

[50] Ин калима ба ин маънӣ дар луғатҳо дида нашуд.

[51] *Ниг.* Фарҳанги забони тоҷикӣ.

[52] Л. Ф. **дилҳиро** подшоҳи Хиндустон. (Мисол аз Унсурӣ, с. 19).

[53] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: чангу хусумат, мисол аз Анварӣ, с. 102-а.

[54] Л. Ф. **донг** дона бошад, мисол аз Тайён, с. 306.

[55] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Тайён, с. 166.

[56] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 225.

[57] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол. с. 158.

**ДОРБУЙ**[58] уд бувад 81б.

**ДОРО**[59] дурудан бувад ва дигар исми подшоҳест. 75а.

**ДОРПАРНИЕН**[60] чӯбц баққам (дарахти сандал) бувад. 80а.

**ДОС**[61] поран оҳан бувад, ки бад-он хӯшаи гандуму ҷав бурранд, яъне созӣ дурудан, ва даҳраро низ дос гӯянд ва доми нахчирро низ гӯянд. 77а.

**ДОСКОЛА**[62] доси хурд, яъне даҳрае бошад, ки бад-он тарра бурранд 80б.

**ДОСТОН** ҳикоят. 80а.

**ДОСУ ДАЛУС**[63] *зи итбоъ аст* яъне кошу ҳимош ва рахту пахт, аз алфози итбоъ гирифтаанд, чунонки харобу ябоб ва тору мор ва тарту март. Шеър:

Дӯш донистам к-ин ранҷ ҳама васвос аст,
Мардуми досу далус аз дари рӯй омос аст.

яъне лафзи дуюмро тобеи лафзи аввал гардонанд дар маънӣ. 77б.

**ДОХИМ**[64] ризқ бувад 79б.

**ДОШ**[65] дами кӯзагарон бувад; Рӯдакӣ гӯяд:

Ман чунин зор аз он ҷомош шудам,
Ҳамчу оташ миёни дош шудам. 78 б.

**ДОШОД**[66] дуо ва оташ бошад. Унсурӣ гӯяд:

Хостам ба анбону дошодаш,
Падар он ҷо ба ман фиристодаш. 76 а.

**ДОҒ** ба ду маънӣ аст, яке он аст, ки бар рони чаҳорпоён ниҳанд, ва дигаре бар даст ва рӯй ва андоми мардум низ нишон аст. 78б.

---

[58] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ ва Кашфӣ, с. 519.

[59] Л. Ф. дурӯдан бувад. (Мисол аз шоире, с. 19).

[60] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асадӣ, с. 398.

[61] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[62] Л. Ф. досгола даҳраи кӯчак бувад, ки тарра ва гиёҳ даравидаиро ба кор оянд. (Мисол аз Абулқосими Меҳронӣ ва аз Рӯдакӣ, с. 494).

[63] Л. Ф. Нашри Сиёқӣ: чун табоҳу табаст аст, маъниаш хошу ҳамош аст. Мунчиқ гуфт (байти боло) с. 61.

[64] «Ҷаҳонгирӣ»: ризқу рӯзӣ бошад, с. 97 а.

[65] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва ҳамин мисол, ба ҷои «шудам»— дарам омадааст, с. 223.

[66] Л. Ф. дуо бошад ва гӯянд: ато бошад. Унсурӣ гуфт: «Хостам бо ниёзу...» (ва як байти илова):

Ҳаракоташ ҳама раҳа ҳунар аст
Барам аз ҷони ман азизтар аст. с. 106.

**ДОҲ**[67] ба маънии даҳ ба шумор. Рӯдакӣ гӯяд:

Ахтаронанд осмонаш ҷойгоҳ,
Ҳафт тобанда давон дар дуву доҳ.

Ва парастору канизакро низ гӯянд 80а.

**ДОҲИМ** ва **ДАЙҲИМ**[68] чаҳорболиш ва тахту авранг бошад ва гурӯҳе гӯянд нимтоҷест мурассаъ ки подшоҳони Аҷам доштандӣ. Шеър:

Ба як гардиш ба шоҳаншоҳӣ орад,
Диҳад доҳиму тавқу гушворо. 79 б.

**ДОҲУЛ** ва **ДОҲУЛ**[69] ҳар ду, аломате бошад, ки дар саҳро ба замин фурӯ бурда бошанд ва аз бари ӯ доми нахчирон бигустаранд, то нахчирон битарсанду бад баранд ва оҳанги дом кунанду дар дом афтанд. 79 б.

**ДУДА** қабила ва сиёҳиро гӯянд. 80 б.

**ДУЖАН**[70] тез бувад ба таъм. 80 а.

**ДУН** мардуми кӯтоҳҳиммат ва хасисро гӯянд. 79б.

**ДУ ПАЙКАР**[71] ҷавзоро гӯянд. 76 б.

**ДУРАСТОН** ва **ДУСТОРОН**[72] шогирдона ва навдорон бувад. 80 а.

**ДУРАФШИДАН** ва **ДУРАХШИДАН**[73] ҳар ду ба маънии тофтан бошад. 80а.

**ДУРАХШ**[74] барқ бошад, яъне тобон ва дурахшанда ва он оташе бошад, ки аз абр ҷаҳад. Дақиқӣ гӯяд:

Дурахш ар бихандад ба гоҳи баҳор,
Ҳамоно бигиряд чунин абр зор.78 а.

**ДУРАХШОН**[75] тобон бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

---

[67] Л. Ф. доҳ даҳ бувад. (Мисоли боло ва боз як байти дигари Рӯдакӣ, с. 424. (Дар нашри Сиёқӣ: **доҳ(-и дигар)** — парастор мисол аз Фаррухӣ, с. 174).

[68] Л. Ф. **дайҳим** кулоҳе бувад ба ҷавоҳир мурассаъ карда ва гурӯҳе гӯянд **тоҷ** бувад. (Мисоли боло аз Рӯдакӣ, дар шеър ба ҷои «доҳим»— дайҳим, с. 341).

[69] Л. Ф. ҳамин шакл ва ба ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯшакур, с. 314.

[70] Л. Ф. **дижан**, ҳамин маънӣ, мисол аз шоири номаълум, с. 402.

[71] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 152.

[72] Л. Ф. дасторон шогирдона бувад. Мисол аз Асҷадӣ. Дар ҳошия аз «чим»: гурӯҳе навдорон хонанд. с. 376.

[73] Л. Ф. Нашри Сиёқӣ: **дурафшон** ва **рахшон** ва **дурахшон** ҳама яке бошад. Мисол аз Фирдавсӣ, с. 147.

[74] Л. Ф. Нашри Сиёқӣ: ин байт ба Бӯшакур нисбат дорад, ба ҷои «бехандад»,— бигиряд; «нахандад»— нагиряд. с. 70.

[75] Л. Ф. **дурафшон** ва **рахшон** ва **дурахшон** ҳама яке бошад (ҳамин **мисол, с. 389**).

Саворе фиристам ба наздики ту
Дурахшон кунам рои торики ту. 80 а.

**ДУРВО**[76] овехта бошад ва дурусту таҳқиқро низ гӯянд. 75а. (*ниг. муқ.* **дарвой.**)

**ДУРУНА**[77] камони ҳаллоҷон бувад Шеър:

Тир будем дар ҷаҳон як чанд,
Кӯж гаштему чун дуруна шудем.

Фаррухӣ низ гӯяд:

Бунафшазор бипӯшид рӯзгор ба барф,
Дуруна гашт чинору зарир шуд шангарф. 80 б.

**ДУХМА**[78] сандуқи марда, яъне гӯристон. 81 а.

**ДУХНА**[79] атре бувад, ки бар оташ афгананд аз баҳри чашми бад. 81 а.

**ДУХТ**[80] духтар бошад, шоир гӯяд:

Мар устод ӯро бари хеш хонд,
Зи бегонагон ҷой бар духт монд. 75 а.

**ДУХТАНДАР**[81] духтари зан бувад аз шавҳари дигар. 76 б.

**ДӮЖА**[82] гиёҳе бувад чун финдуқе ва чизе дар миёни ӯ ва хорҳо аз ӯ руста ва аз ҷома даровезад. 80 б.

**ДӮЛО**[83] сабӯи об. 75 а.

**ДӮСТГОН**[84] маъшуқа бошад ва шаробе, ки бо маъшуқа хӯранд, **дӯстгонӣ** гӯянд. 79 б.

**ДӮХ** ва **ДУХ**[85] гиёҳе бошад, ки аз он ҳасир бофанд ва бар он нишинанд ва дар масоҷид низ андозанд. Шокири Бухорӣ гӯяд:

---

[76] Л. Ф. овехта бошад. (Дар ҳошия аз «нун»: дурусту таҳқиқ бошад ва овехтаро гӯянд. Мисол аз Амъақ. с. 13).

[77] Л. Ф. даруна, мисоли аввал ва сонӣ низ мансуб ба Кисоӣ:

Сарв будем чанд гоҳ баланд... ва
...Даруна гашт чанору зарир шуд шангарф. с. 446.

[78] Л. Ф. **дахма** гӯрхона(-и габрон), мисол аз Унсурӣ, с. 464.

[79] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоири номаълум, с. 504.

[80] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 51.

[81] Л. Ф. Ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 145.

[82] Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Хаффоф:

Ба дилҳо андар овезад ду зулфаш,
Чу дӯжа андар овезад ба домон, с. 437.

[83] Л. Ф. сабуи об бошад. Мисол аз Шаҳобӣ, с. 16.

[84] Л. Ф. **дӯстгон** маъшуқ бувад; мисол аз Фаррухӣ, с. 375.

[85] Л. Ф. ҷопи Сиёқӣ: ...ва ӯро «зиг» низ хонанд. Шокири Бухорӣ гуфт:

Рӯи маро ҳаҷр кард зардтар аз зар,
Гардани ман ишқ кард нармтар аз дух. с. 30

Рӯи маро кард дард зардтар аз ранги зард,
Гардани ман ишқ кард нармтар аз дӯху дух. 76 а.

**ДӮХЧАКОД**[86] аслаъ бошад. Шеър:

Истода ба хашм бар дари ӯй,
Ия ба нафрин сиёхи духчакод. 76 а.

## Ё

**Ё**[1] ба маънии ёд овардан бувад.
**ЁВА**[2] беҳуда ва хазён бошад. 186 б.
**ЁВАНДОН**[3] подшоҳон бошанд. 18 б.
**ЁВАР**[4] ёридиҳанда. 185 а.
**ЁЗ**[5] дарозӣ ва кӯтоҳиро гӯянд, яъне дарахте, ки биболад, гӯянд: «биёзид», яъне хештан даргузошт ба дарозо. Фирдавсӣ гӯяд:

Дар айвони шоҳӣ шаби дерёз,
Ба хоб андаруи бурд бо он навоз. 185 б.

**ЁЗОН**[6] оҳанг бошад. 186 б.
**ЁЗӢ**[7] фалоҳ бошад. 187 а.
**ЁКУНД**[8] ёқут бувад. 185.
**ЁЛ**[9] гардан. 186 б.
**ЁЛА**[10] суруи гов бошад. 186 б.

---

[86] Л. Ф. **рух чакод,** ҳамин маънӣ ва ҳамин байт аз Ҳаккок, с. 106. Нашри Сиёқӣ: **Рухчакод** калимаест фаҳлавӣ **Рух** — рӯй бошад ва **чакод** — болои пешонӣ ва ба паҳлавӣ — **рухчакод** — аслаъ бувад байти боло аз Ҳаккок, с. 46). Дар «Чаҳонгирӣ»: **духчакод,** мисол аз Шамси Фахрӣ. с. 587-а. Дар «Бурҳон» ҳар ду шакл омадаест.

[1] Л. Ф. ёд бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Ё ориву донӣ, ки туй зираку нодон (?)
В-ар ёд надорӣ ту сиголиш куну ёд ор. с. 17.

[2] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[3] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ:

Чу ёвандон ба маҷлис май гирифтанд,
Зи маҷлис маст чун гаштанд, рафтанд, с. 395.

[4] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[5] Л. Ф. дарахт, ки биболад, гӯянд: «биёзид» ва мардум, ки дастфарон чизе кунад, гӯянд: «биёзид», яъне хештанро даргузошт ба дарозо (номи шоир бидуни мисол қайд шудааст, с. 189). «Чаҳонгирӣ»: **дербоз** ба маънии дарозо (мисол аз Муъаззӣ ва Сӯзанӣ, с. 700).

[6] Л. Ф. оҳангкунон бошад. (Мисол аз Шӯхраи Офок, с. 380).

[7] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[8] Л. Ф. **Ёканд** ёқут бошад. Мисол аз Шокири Бухорӣ, с. 93.

[9] Л. Ф. гардан бошад, мисол аз Унсурӣ, с. 311.

[10] Л. Ф. бузу гови кӯҳӣ бошад; аз ҳошия: чунин луғат низ дар соири нусхаҳо нест. дар фарҳангҳо «ёла»-ро ба маънии шохи гов гирифтаанд. с. 468.

**ЕЛИҒ**[11] чун қадахе бувад аз суруи гов, ки бад-он шароб хўранд. 185 б.

**ЕМУС**[12] ба сутўх омада бувад, яъне **бастаро** гўянд, ки аз мутааллиқот ба чон расида дар мақоми худ аз нохушӣ ва сафар натавонад кардан ва бечора ва дармонда гашта бошад. 185б. (*ниг. муқ.* **помас**).

**ЕРБАДӢ**[13] мутриби Хусрави Парвез будааст. 187 а (*ниг. муқ.* **Порбад//Борбад**).

**ЕРО**[14] ба маънии захра ва кудрат бувад. Баҳромӣ гўяд:

Чу марг омаду сустӣ кунад туро аъзо
Зи чанги ў кӣ рохонад, киро бувад ёро. 184 б.

**ЕРӢ**[15] чун ду бародар бошанд (занони онхо ба якдигар ёрӣ бошанд) ва ба маънии борик шудан низ омада. 186 б.

## Ж

**ЖАКАС**[1] ба маънии маозаллоҳ ояд. 88б. (*ниг. муқ.* **паргаст**).

**ЖАКОРА**[2] хира ва лучуч ва ситеҳанда бошад. 93 а.

**ЖАНДА**[3] чомаи кўхнаи пора-пора бувад. 93 а.

**ЖАРФ**[4] ба маънии мағок аст, яъне обе, ки ба ғоят амиқ бошад ва онро се маънӣ гуфтаанд: аввал, чохе дур, дуюм рўдхона ё чўе, ки аз буи то ба сар баландии бисёр дошта бошад, гўянд: жарфчохест ё жарфрўдест; сеюм, касе, ки пешбини бошад, гўянд, жарфбин аст, яъне дурбин. Бўшакур гўяд:

Чи бинад бад-ин андаруи жарфбин,
Чи гўӣ, ту, эй файласуф, андар ин. 89б.

**ЖАҒОР**[5] бонгу наъра бошад. 169 б (ин калима дар матни иштибоҳан ба боби «нун» ва фасли «ро» дохил шудааст).

---

[11] Л. Ф. **полуғ** ва **болуғ** қадах ва суруи гов бувад, ки бад-он май хўранд ва баъзе **калочўй** (пиёла)-ро хонанд (мисол аз Имора, с. 236).

[12] Л. Ф. **помас** пойбаста ва дармонда бувад ба шугле, ки на битавонад шудан ва на битавонад будан (мисол аз Дақиқӣ, с. 192).

[13] Дар Л. Ф. дида нашуд. **Борбад(ӣ)** бояд бошад.

[14] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[15] Л. Ф. чун ду бародар ду зан доранд, он занонро **ёрӣ** гўянд, с. 518.

[1] Дар Л. Ф. ва «Чахонгирӣ» ба ин шакл дида нашуд.

[2] Л. Ф. **жакора** лучучу ситеҳанда бошад ва кинавару ғирон. (Мисол аз Хиеравонӣ, с. 438).

[3] Л. Ф. кухан ва халак бувад, (мисол аз Асчадӣ, с. 433).

[4] Л. Ф. дур андар бувад чун мағокеву чохе; хамин мисол, с. 244.

[5] Л. Ф. бонги тез ва сахт бошад, мисол аз Булмасал, с. 122.

**ЖИЕН**[6] хашмнок ва тунд бошад. 92 а.

**ЖОВАР**[7] захра бошад. 88 б.

**ЖОЖ**[8] гиёхе бувад, ки дар тарадӯғ кунанд ва гуфтаанд: гиёхе аст, ки шутур вайро чандон ки хояд, натвонад фурӯ бурдан аз бемазагие, ки дорад ва ҳамеша дар сухан «жож» ба истиора сухани беҳудаву бемаънӣ ва бадро гӯянд: «жож мехояд хакиму талх мегӯяд рақиб». Асҷадӣ гӯяд:

Жож дорӣ туву хастанд басе жожхӯрон,
В-ин аҷаб нест, ки тозанд сӯи жож харон. 88 б.

**ЖОЛА**[9] қатрае бувад, ки бомдодон аз хунукӣ ва нам бар чизҳо нишинад ва шабнамаш низ гӯянд ва сангчаву борони тундро низ гӯянд ва баъзе тағарг хонандаш. Кисой гӯяд:

Еқутвор лола бар барги лола жола,
Карда бад-ӯ хавола ғаввос дурри дарё. 93 а.

**ЖУЙ//ЖАЙ**[10] обдон бошад ва обгир низ гӯяндаш. 93 а.

**ЖУК**[11] касеро гӯяд, ки дар худ метундад ва мегӯяд нармнарм ба тундӣ ва хашмолудагӣ, ҳамежукад ва савдоимизоҷ бувад, ки бо худ гӯяду гӯяд. Кисой гӯяд:

Эй табъи созвор, чӣ кардам туро, чӣ буд,
Бо ман ҳаме насозию доим ҳаме жукӣ.

Ва дигар гирд бар гирди даҳанро гӯянд. 90 а.

**ЖУКОН**[12] касе бошад, ки аз дарду ранҷ бо худ сухан мегӯяд ва метундад. 92 а.

**ЖУКУР**[13] зуфт ва бахил бошад. 88 б.

---

[6] Л. Ф. **Жиён** — хашмолуд бувад чун шеру ҳаду дом ва он чи бадон монад; (мисол аз Фирдавсӣ, с. 355).

[7] Л. Ф. зовар — захра бошад ва рохила бувад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 129).

[8] Л. Ф. **Жож** гиёхе бувад, ки онро **кунгир** гӯянд ва тарадӯғ кунанд (мисоли боло аз Асҷадӣ с. 177). **Жожи** дигар — сухани беҳуда бувад. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 183).

[9] Л. Ф. **Жола** яке қатраи нам бувад. (Мисол аз Кисой); 2. хике бувад бод андар дамида. (Мисол аз Фаррухӣ); 3. Гурӯхе **тағаргро** хонанд. (Мисол аз Мунҷик, с. 442).

[10] Л. Ф. **Жай** обдон бошад ва обгир низ, ва **шамар** низ гӯянд. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 517).

[11] Л. Ф. **жак** касе бувад, ки бо худ хамедандад нарм-нарм ва хашмолуд (гӯянд межакад). Мисоли боло аз Кисой, с. 255).

[12] Л. Ф. **жакон** касе бошад, ки бо хештан дамдама кунад, аз дилтангӣ. (Мисол аз Фирдавсӣ, с. 386).

[13] Л. Ф. **жагур** зуфту бахил бувад ва дун. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 139).

# З

**ЗАБУН**[1] асир бувад. 92 а.

**ЗАВ**[2] даре бувад. 92б. (*ниг. муқ.* **жӯй//жай).**

**ЗАВЕҶ**[3] рӯдаҳое, ки бо ҳам наварданд бо пийҳ, яъне асиб 87 б.

**ЗАВОЛА**[4] ҳамире, ки ба зидозаи нон гиранд ва мӯҳраи камонгурӯҳа ва **ғолук** низ гӯяндаш. 92 б.

**ЗАВОРА**[5] бародари Рустам. 92 б.

**ЗАВОҒОР**[6] номи мугест. 88 а.

**ЗАДУДА**[7] ба маънии поккарда бошад. 93 а.

**ЗАЛЗАЛ**[8] мурғаке сиёҳу сафед аст кӯтоҳпой, ки пайваста дар ҳаво парад ва чун бар замин нишинад, барнатавонад хост ва ба фараштурук мемонад. 91 б.

**ЗАЛИФАН**[9] таҳдиду бим кардан бувад ба гуфтор. Фаррухӣ гӯяд:

> Аз лаби даълат маро ҳазор умед аст,
> В-аз сари зулфат маро ҳазор залифан. 91б.

**ЗАЛЛА**[10] ҷазд бошад, ки бонги тез кунад дар ғаллаҳову баргҳо дар ҳавои гарм. 92 б.

**ЗАМКОН**[11] мӯи зиҳор бошад. 92 а. (*ниг. муқ.* **рунба).**

**ЗАНБАЛ**[12] // **ЗАНБАЛ** ҳар ду, ҳоккаш ва ҳокандоз бувад. 90 а.

**ЗАНБАР**[13] гилеме бошад ё машке, ки аз ду тараф ба чӯб дарбаста, хиштзанон бад-ӯ гилу хок кашанд ва бад-ӯ баргиранд (ба ду бар гиранд?) **88 а.**

---

[1] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[2] Л. Ф. **жав** дарё бувад. (Мисол аз Унсурӣ, с. 418).

[3] Л. Ф. **заванҷ** асебу руда ва монанди он бувад, ки фароҳам навar-данд гирд ё дароз. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 57). Дар нусхаи «нун»: **завеҷ.** Нашри Сиёқӣ: **заванҷ ва накона** асеб бувад, мисол аз Маъруфӣ, с. 23.

[4] Л. Ф. **заволаи камонгурӯха** мӯҳраи камонгурӯха бувад ва **ғолук** низ гӯянд. (Мисол аз Кисоӣ, с. 503).

[5] «Ҷаҳонгирӣ» ба ин маънӣ низ овардааст, с. 595-б.

[6] Л. Ф. **жавоғор** ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос, с. 149.

[7] Дар «Ҷаҳонгирӣ» **зидудан** (бо каср).

[8] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[9] Л. Ф. **зулуфан** ҳамин маънӣ ва мисол: «Аз лаби ту мар маро... с. 360.

[10] Л. Ф. **залла** паррандаест ба гармон саъб бонг бардорад, бонги тез ва ӯ чанди нохуне бошад ва **ҷазд** низ хонандаш (мисол аз Рӯдакӣ, с. 494).

[11] Л. Ф. **румкон** рунба бувад, яъне мӯи зиҳор. (Мисол аз Мунҷик, с. 357.

[12] Л. Ф. **занбар** гилеме бувад ё машке ки ду сӯи чӯб дар он баста бувад ва бар-ӯ хоку гил кашанд ба дӯш ду кас (мисол аз Дақиқӣ, с. 132).

[13] *Ниг. муқ.* **занбал.**

**ЗАНГ**[14] ба чанд маънӣ аст, яке зангорест ки бар оинаву шамшер ва ғайра менишинад ва дигар шиои офтоб. Байҳақӣ гӯяд:

Хӯша чун икди дурру барг чу зар,
Бода ҳамчун ақиқ в-об чу занг.

Ва дигар, вилоятест, ки **Занг** гӯянд ва **Зангбор** ҷамъи ӯст ва дигар каъб задан бувад. Фаррухӣ гӯяд:

Додаст маро шоҳ сутуре харазу (?) ланг,
Асбе дахису(?) пир кучо занг занад занг.

Ва дигар, дароест, ки баъзе аз қаландарон бар худ банданд. 90 б. (дахис ё рахис-ночиз).

**ЗАНГУЛА**[15] занг бошад, ки ба пои кӯдакон ва бар бозуи боша ва монанди он боз баста доранд некӯиро. 93 а.

**ЗАНД**[16] китоби габрон. 87 б.

**ЗАНДА**[17] мункар ва азим бувад чун зандапил ва зандарӯд. Шеър:

Яке зандапиле чу кӯҳи равон,
Ба зер андар оварда буд паҳлавон. 92 б.

**ЗАНДАВОФ**[18] мурғи хазордастон бувад. Унсурӣ гӯяд:

Фозояндашон хубӣ аз чеҳру лоф,
Сарояндашон аз гулу зандавоф. 89 б.

**ЗАНДАПИЛ**[19] пили бузург ва қавиро гӯянд. 91 б.

**ЗАНДАРОН**[20] хазордастон. 91 б.

**ЗАНДОВАР**[21] ҳалол бувад. 88 б.

**ЗАР**[22] ба се маънӣ аст, яке он ки номаш ба тозӣ **заҳаб** аст ва он маъруф аст, дигар номи падари Рустам аст ва дигар пири куҳанро низ гӯянд. Шеър:

[14] Л. Ф. занг чаҳор навъ аст: 1. вилояти зангиён; 2. зангор, мисол аз Имора (байти аввал); 3. зангӯла, мисол, байте; 4 рӯшноии моҳ аст, гӯяд: «дай чун занг» андар васфи хазон Мисол аз Дақиқӣ ва Имора, с. 266).

[15] Л. Ф. занг ки ба пои кӯдакон ва бозу ва монанди ин банданд. (Мисол аз Хисравӣ, с. 483).

[16] Л. Ф. Нашри Сиёқӣ: тафсири **Позанд** ва **Усто** аз **Абисто** бувад. (Мисол аз Дақиқӣ, с. 37).

[17] Л. Ф. **зинда** ҳамин маънӣ ва мисоли боло аз Шаҳид, с. 488.

[18] Л. Ф. **зандвоф мурғи** хазордастон, мисоли боло, с. 243.

[19] Л. Ф. **зинда — зиндапил,** яъне пили азим. с. 488.

[20] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[21] «Ҷаҳонгирӣ»: ҳалолро гӯянд ва он *зидди* **ҳаром** аст. с. 529-а.

[22] Л. Ф. **зар** 1. заҳоб, 2. номи падари Рустам, 3. пири кухан ва Золро **зар** ҷиҳати сапедии мӯй гуфтанд. (Мисоли боло аз Дақиқӣ... ояду тирмоҳ, Ҷаҳон гоҳ барно бувад гоҳ зар. с. 130).

Ҳаме навбаҳор оряду моҳи Тир.
Ҷаҳон гоҳ барно шавад гоҳ пир. 88 а.

**ЗАРАНГ**[23] дарахтест ба ғоят сахт, ки дар кӯҳ бошад ва хеҷ самар надорад ва хезумро шояд ва чун оташи ӯро дар хок бипӯшанд, муддати даҳ рӯз ва понздаҳ рӯз бимонад. Шоир гӯяд:

Чунон бигирям, агар дӯст бори ман надиҳад,
Ки хора хун шавад андар шаҳу заранг зучол.

Ва дигар яхро гӯянд, ки дар зимистон аз новдон овехта бувад. 90 а.

**ЗАРДУШТ**[24] имом ва пешвои муғон. 87 а.

**ЗАРИ МУШТАФШОР**[25] заре буд, ки чун Кисро ба даст бияфшурда буд, нарм шуда буд, ба ҳар чӣ хостӣ аз заррина кардӣ. 88 а.

**ЗАРИР**[26] гиёҳест, ки гули зард дорад. Унсурӣ гӯяд:

Дилу домаи танӯр карду ғадир.
Сарву лола куноғ карду зарир. 88 а.

**ЗАРОҒАН**[27] замини регноки сахт бошад. 92 а.

**ЗАРОҒАНГ**[28] замини регнок бошад. Шеър:

Замини зароғангу роҳи дарозаш,
Ҳама санглоху ҳама шӯра яксар.

ва зароған низ ҳамин маънӣ дорад. 90а.

**ЗАРРИ СОВ**[29] зари хурд бувад чун говарс. 92 б.

**ЗАШТ**[30] ба маънии дидан бошад (?) 87а.

**ЗАҒАН**[31] ход бувад, яъне мурғи гӯштрабой. Унсурӣ гӯяд:

Ҷумла сайди ин ҷаҳонем, эй писар,
Мо чу саъва, марг бар сони заған. 91 б.

---

[23] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисоли боло аз Мунчик, с. 262.
Яхе бувад, ки дар зимистон аз новдон овехта бувад. с. 307.

[24] Л. Ф. Зардуҳушт ва Зардушт пайғамбари оташпарастон. Мисол аз шоире, с. 52.

[25] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ. с. 159. Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ ҳамин маънӣ, мисол аз Сӯзанӣ, с. 2736.

[26] Л. Ф. зарир гиёҳест зард ва гӯянд: **зардчӯба** аст. (Мисоли боло аз Унсурӣ, с. 140.)

[27] Л. Ф. **зароған** замини сахт, **зароғанг** низ гӯянд. (Мисол аз Баҳромӣ, с. 377). **зароғанг** замини регнок, (мисол аз Асҷадӣ, с. 262).

[28] Л. Ф. замини регзор бувад ва **зароған** низ гӯянд. (Мисоли боло аз Асҷадӣ, с. 262).

[29] Л. Ф. **зари сова** заре бувад чун арзан хурду сурх. (Мисол аз Фароловӣ; ҳошия, нусхаи «нув»: **зарова** зари хурд бувад чун говарс, с. 482).

[30] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **зишт** 1. маъруф. 2. давидан.

[31] Л. Ф. **заған** ходмурғи гӯштрабой (мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 361).

**ЗАҒАНГ**[32] ҷастани гулӯ ва **икак** бошад ва ҳоло онро **хукча** гӯянд ва ба тозӣ **фавоқ** хонанд ва **оруғ** низ гӯяндаш. 90 б.

**ЗАҒАНД**[33] бонге баланде бувад, ки даде бизанад, чун палангу юз ва монанди инҳо. 87 б.

**ЗАҒОР** ва **ЗАҒАР**[34] ҳар ду, таом бувад. 88 а.

**ЗАҒОРА**[35] нони арзан ва говарсро гӯянд ва ба маънии **гоза** низ омада, яъне **гулгуна**, ки занон дар рӯй моланд аз барои сурхии рӯй. 92 б.

**ЗАҒОРУ**[36] қаҳбахона бувад. 92 б.

**ЗАҲАНЧА**[37] риёзат ва сахтӣ бувад. 93а.

**ЗАҲИШ**[38] он ҷо бошад, ки об бармеҷӯшад аз чашма. 89 а.

**ЗАҲОБ**[39] ҷое бувад, ки андак-андак об аз замин ҳаме зояд Шеър:

Сӯи рӯд бо корвони ғашин*-
Заҳобе бад-ӯй андаруи сахмгин. 87 а.

**ЗЕБ**[40] некӯӣ ва зинат бошад. Фаррухӣ гӯяд:

Ба боғе к-аз ӯ мулкро зобу зинат,
Ба боғе к-аз ӯ Балхро иззу мафхар, 87 а.

**ЗЕБО** яъне зебанда ва хуб. 86 б.

**ЗЕБОН**[41] зебо бошад. 99 а.

**ЗЕФ**[42] ба маънии зафт бошад ва гиёҳро низ гӯянд. 89 б.

**ЗЕФУНУС**[43] номи марде ромишгар аст, ки хидмати Фалиқрот кардӣ. Унсурӣ гӯяд:

Чаҳондида буд номи ӯ Зефунус,
Ки кардӣ ба овози булбул фусус. 81 б.

---

[32] Л. Ф. **заганг** яъне фавок. (мисол аз Шокири Бухорӣ, нусхаи «нун»: **фавоқ** ба тозӣ, **оруғ** гӯяндаш. с. 299).

[33] Л. Ф. **жаганд**, ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 89. Нашри Сиёкӣ: заганд, с. 38.

[34] Л. Ф. **заҳор** замини намнок. с. 151.

[35] Л. Ф. **заҳора** нони говарсин бувад. (Шеър, с. 436).

[36] Л. Ф. **заҳору** қаҳбахона, мисол аз Мунчик, с. 420.

[37] Дар «Бурҳон» низ ба ҳамин маъниест. Дар Л. Ф. дида нашуд.

[38] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[39] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Бӯшакури Балхӣ, с. 24.

* **ғашин** — фаровон

[40] Л. Ф. зебой ва хубӣ бувад. (Мисол аз Имора, с. 27). **Зеб.** (Мисол аз Фирдавсӣ, с. 33).

[41] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Маъруфӣ, с. 365.

[42] Л. Ф. **зеф** бедадабӣ (мисол аз Ҳаккок, с. 247). **Зеф** зафт бошад. с. 248.

[43] Л. Ф. ҳамин шаклу ҳамин маънӣ ва мисол. с. 202.

**ЗЕҒ**[44] бисоте ё фарше бувад аз дӯх бофта, яъне аз алафи ҳасир. 89 а.

**ЗЕҒОЛ**[45] қадаҳ бувад. 91 б.

**ЗЕҒУНУН**[46] шаҳрест дар дарё, ки Узроро дар вай бихостанд кушт. Унсурӣ гӯяд:

Зи дарё ба хушкӣ бурун омаданд,
Зи Барбар сари Зеғунун омаданд. 99 а.

**ЗИДАК**[47] ғуломи амрад бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Чи аз дил гусил зидакони саройи,
Зи дебо баногӯшу дебо қабой. 90 а.

**ЗИРАК**[48] Доно бошад ва ғуломро низ ном кунанд. 90а.

**ЗИРИШК**[49] **анбарборис** бувад ба тозӣ, ва дигар гуле сафед бувад дар Ҳиндустон хушбӯй, Асадии Кошонӣ(?) гӯяд:

Ҳам аз хайрию ғовчашму зиришк,
Бишуста рухи ҳар як об аз сиришк. 90 б.

**ЗИРЪ**[50] гӯшаи кишт бувад ва **заръ** ба тозӣ киштро гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Зиръу заръ аз баҳор шуд чу биҳишт,
Заръ кишт асту зиръ — гӯшаи кишт. 81 б.

**ЗИШТЕД**[51] ғийбат кардан бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Ба ту боз гардад ғами ошиқӣ,
Нигоро макун ни ҳама зиштёд, 87 б.

**ЗОБКУР**[52] он бошад, ки касе даҳон пурбод, кунад, касе дигар даст бар даҳонаш занад, чунонки он бод аз даҳонаш берун ҷаҳад. 88 б.

---

[44] Л. Ф. зеғ бисоте бувад аз гиёҳ ё ҳасири бофта ё аз дӯх. (мисол аз Абулаббос, с. 231).

[45] Л. Ф. ҳамин маъни, мисол аз Рӯдакӣ, с. 326.

[46] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 99 а.

[47] Л. Ф. ридак ғуломи амрад бувад. (Мисоли боло аз Фирдавсӣ, с. 304). Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **райдак** — писарони амрад. (мисол аз Манучеҳрӣ ва Мухторӣ, с. 704-а).

[48] «Ҷаҳонгирӣ»: 1. соҳибҳуш 2. фӯлоди ҷавҳардор, мисол аз Амир Хисрав, с. 707-а.

[49] Л. Ф. **зиришк** ва **сиришк** анборборис бувад (мисол аз Унсурӣ), **зиришки** дигар — гуле бувад дар Ҳиндустон сахт хушбӯй. (мисоли боло аз Асадӣ, с. 306).

[50] Л. Ф. ҳамин шаклу маънӣ ва мисол, с. 228.

[51] Л. Ф. ғийбат бувад ба бадӣ (мисоли боло аз Рӯдакӣ: ...нигоро макун беш аз ин зиштёд, с. 107).

[52] Дар «Ҷаҳонгирӣ» **зобғур** ва **зобғур** ба ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 105-б.

**ЗОВЛОНА**[53] банди оҳанин бошад як пора, бар гардан ва бар пои зиндониён ниҳанд. 92 б.

**ЗОВУШ**[54] ситораи Муштарӣ бувад ва **зовиш** низ гӯяндаш. 89 а.

**ЗОЛ**[55] фартут ва пири сахт ҳарим (бисёр пир) бувад ва падари Рустамро Зол бад-он хонданд, ки аз модар чун пирон сафедсар зод ва номи ӯ Зар буд, **Золи Зар** гуфтандӣ. 90 а.

**ЗОМЕҲРОН**[56] доруест, ки дар нӯшдору кунанд. 92 а.

**ЗОРА**[57] зорӣ бувад. 92 б.

**ЗОСТАР**[58] чунон бошад, ки касе чое нишаста бошад, гӯяндаш аз он сӯтар нишин. 88 а.

**ЗОФА**[59] хорпушт. 92 б.

**ЗОҒ**[60] мурғест сиёҳ, ки минқори сурх дорад. Асадӣ гӯяд:

> Яке боғбон андар-он боғ буд,
> Дили сахташу дидаи зоғ буд,

Ва гӯшаи камонро низ гӯянд. 89 а.

**ЗОҒАР**[61] ҳавсалаи мурғ бошад. 88 а.

**ЗУВОР**[62] он касро гӯянд, ки хидмати маҳбусон кунад ба хӯриш ё ба шуғл, ва дигар зани пир бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

> Сӯи хона рафтанд аз он чорасор (чоҳсор),
> Ба як даст Безан ба дигар зувор. 87 б.

**ҚУНОМ**[207] шабгоҳ ва оромгоҳи сибоъ ва туюр бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Бубинад яке рӯи дастони Сом,
Ки буд парваронида андар куном.

Ва чаронидани шутурро низ **куном** гӯянд. 145-б.

**ҚУНОҒ**[208] тори абрешим ва ресмон бувад, ки аз ӯ байрам ё дебо бофанд. Хисравӣ гӯяд:

Ту симинфағӣ, ман чу заррин куноғ,
Ту тобон маҳӣ, ман чу сӯзон чароғ.
Зи тобанда мохе шудам чун чароғ,
Зи симингахе ҳамчу заррин куноғ. 142 а.

**ҚУНӮР**[209] ба ду маънӣ аст, яке раъд бувад. Баҳромӣ гӯяд:

Биларзид бозору кӯй аз кунӯр,
Ту гуфтӣ ки барқ оташе буд базӯр.

Ва дигар ба маънии **кандула** ва **кануя** низ гӯяндаш ва он чизе аст, ки аз гилу саргин созанд, то гандум даркунанд. Шеър

Аз ту дорам ҳар чи дар хона ҳунур,
В-ар бувадмон гандуму ҷав дар кунӯр. 138 б.

**ҚУНҶ**[210] ба се маънӣ аст, яке нақбе бошад, ки дар замин канда бошанд чун хона ва дигар кӯзпушт ва дигар гӯшае ки вайро **пайгула** ва **пайғӯла** низ гӯяндаш. Фирдавсӣ гӯяд:

Агар тундбоде бароянд зи кунҷ,
Ба хок афганад норасида туруиҷ. 134 б.

---

[206] Л. Ф. **канаб**, ба ҳамин маънӣ, мисол аз Тайён, с. 31.

[207] Л. Ф. шабгоҳи шер ва даду дом ва мурғ бошад, мисоли боло с. 337; чаронидани уштур бошад, гӯянд «уштурро ба куном бар», яъне ба чаро бар. Рӯдакӣ гӯяд:

Чунонки уштури аблаҳ сӯи куном шуда,
Зи макри рӯбаҳу зи зоғу гург бехабаро. с. 349.

[208] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва байти якӯм аз Мунчик, ба ҷои ҳар ду «ту» — «зи» омдааст, (байти дуюм дар ҳошия аз нусхаи «син»: Зи симин маҳе..., с. 234).

[209] Л. Ф. **канур** раъд бувад, мисоли боло аз шоири номаълум, с. 164. **Канур** (-и дигар) кандула бувад, яъне тунбоки (?) ғалла, мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 138.

[210] Л. Ф. **кунҷ** чун гӯша бошад дар ҷое, **байғӯла** ва **байғула** низ гӯяндаш (Мисоли боло, с. 59).

**КУНҶА**[211] харе бошад, ки даҳонаш омос карда бошад. 150-а.

**КУНҶОЛ**[212] суфли (матн: нуқли?) ҳар магзе бошад, ки равған аз ӯ гирифта бошанд. Шеър:

> Бас панд пазируфтам в-ин шеър бигуфтам,
> Аз ман бадали хурмо бас бошад кунчол. 145 а.

**КУРА**[213] замине бувад, ки селоб онро канда бошад ва **кавшада** (?) ва гил дарӯ монда бувад. Унсурӣ гӯяд:

> Дилаш нагирад аз ин кӯҳу дашту бешаву рӯд,
> Сараш нагардад аз ин обканду кураву чар. 150 б.

**КУРЗИШ**[214] тазаллум ва ташнеъ (бадгӯӣ, хабаркашӣ) бошад. 141-б.

**КУРК**[215] мурғи хонагӣ, ки аз хоя кардан боз истад, гӯянд: «Қурк шуд».144-б.

**КУРҚУМ**[126] ҳам қавси кӯзаҳро хонанд. 149-а.

**КУРОК**[217] мурғакест сиёҳу сафед чанди хаттофе бувад ва думи дароз дорад ва бар лаби об иншинад ва дум меларзонад. Шаҳидӣ (?) гӯяд:

> Чунон андешад ӯ (й) аз душмани хеш,
> Ки бози тезчангол аз куроко. 144 а.

**КУРТА**[218] ба тозӣ қурта бувад ва он нимтанае бошад кӯтоҳ, ки дарпӯшанд. 150-а.

**КУРУНИС**[219] чазирае бувад, ки Вомиқ он ҷо буд. Унсурӣ гӯяд:

> Ҷазира яке буд ба Юнонзамин.
> Қурунус буд ному шаҳри гузин. 141 а.

---

[211] Л. Ф. **кабча (кубча?)** хари думбурида бувад ва ба тозӣ **астар** гӯяндаш. Ғазоирӣ гӯяд:

> Надонӣ, эй ба ақл андар хари кабча ба нодонӣ,
> Ки бо наршер барноид сатарван гови тархонӣ. с. 510.

[212] Л. Ф. суфл бошад ва онро **кажм (?)** низ хонанд, ҳамон мисол аз Абулаббос, с. 320.

[213] Ин калима барғалат омадааст, зеро он дар луғатҳо **лӯра** қайд мешавад. Л. Ф. **Лура** гузари сел бошад, ки заминро гав карда бошад ва **гил** дар ӯ монда, мисоли боло, с. 438.

[214] Л. Ф. **гурзиш** тазаллум бувад, мисол аз Хисравонӣ, с. 213.

[215] Л. Ф. мург бошад бар сари хоя, мисол аз Булаббос, (ҳошия, нусхаи «нун»: мурғи хонагӣ, ки аз хоя боз истад, гӯянд: «курк шуд», с. 295).

[216] Л. Ф. **карок**, ҳамин маънӣ, мисоли боло аз Дақиқӣ, с. 252.

[218] Дар Л. Ф. ин калима ба ин шакл ва маънӣ дида нашуд.

[219] Л. Ф. **карутис**, ҳамин маънӣ ва мисол, с. 203.

**КУРУҶ**[220] ба маънии шодӣ ва тарабу нишот бувад. Шеър:

Бо куружи хуррамӣ оху ба дашт
Мехиромад чун касе, к-ӯ маст гашт. 140 б.

**ҚУСУНДУР**[221] нокас бувад. Унсурӣ гӯяд:

Сазад мар варо гар такаббур кунад,
Ки шоҳ некӯӣ бо кусундур кунад. 137 а.

**КУТИР**[222] сароб бувад, яъне замине, ки шӯристон буваду сапед намояд ва дар ӯ набот руста набуваду аз дур монанди об истода бошад. 138-а.

**КУФШОНА**[223] ҷулоҳа бошад. 151-б.

**ҚУШТӢ**[224] якдигарро андохтан. 153-а.

**КУҲБАР**[225] номи вилоятест дар Ҳинд наздики Бобул(?) 138-б.

**КӮБ**[226] олотест ки пилбонон(ро) шояд. Шоир гӯяд:

Ту дар пои пилон будӣ хошарӯб,
Кавора кашӣ паша бо ранҷу кӯб. (?) 133 а.

**КӮБИН**[227] Чизест мисли каффаи тарозу аз хавс (барги хурмо) бофта ва ассорон базри кӯфта ва ғайра дар он ҷо кунанд ва пок кунанд ва онро дар вилояти Синд **чаж** гӯянд ва баъзе гӯянд **кудини козурон** бувад. 147-б.

**КӮЖ**[228] хухал(?) бошад ва ҳамида, яъне хиромону хамоз(?) ва ҳаму чафт ва чафтаро низ гӯянд. 140-б.

---

[220] Л. Ф. **куруз** тараб ва шодӣ бувад, мисоли дигар аз Хисравӣ ва Мунчик (дар хошия дар нусхаи «чим» ва хошияи «нун» ба шакли «курӯж» омаданаш зикр шудааст, с. 174).

[221] Л. Ф. **касандар,** ҳамин маънӣ ва мисол: — Сазад арчи ӯ низ... с. 163; «Ҷаҳонгирӣ:» **касандур** ҳамин маънӣ ва мисол, с. 375.

[222] Л. Ф. **катир** ҳамин маънӣ, мисол аз Мантикӣ, с. 157.

[223] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шокири Бухорӣ, с. 498.

[224] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[225] Л. Ф. номи вилоятест дар Ҳинд, мисол аз Унсурӣ, с. 161.

[226] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол аз Асадӣ, ки аз нусхаи «чим» аст, с. 31.

[227] Л. Ф. чизе бувад, ки аз хавс бофанд ва ба зирк орд карда, дар ӯ кунанд ва дар тунги тири ассорон гузоранд, то равған аз ӯ берун ояд, Ҳуҷаста гӯяд:

Боз гушой, эй нигор, чашм ба ибрат
Тот накӯбад фалак ба кӯбаи кубин, с. 364;

**кубини** дигар кудини гозурон бошад, мисол аз Ҳаким Ғамнок, с. 386.

[228] Л. Ф. **гӯж** чафта ва дуто бувад, мисол аз Оғоҷӣ ва **Фирдавсӣ**, с. 175

**КӮЗ**[229] ҳамида ва дутошударо гӯянд. 140-а.

**КӮЛ**[230] ҷоеро (гӯянд), ки об тунук истода бошад. 145-б.

**ҚӮПОЛ**[231] гурз бувад, яъне ҷамоқи оҳанин ва амуди бузург. 145-а.

**КӮС**[232] ду чизро гӯянд: Яке он ки сахт бар ҳам зананд, чунонки ду кас дар роҳ дӯш бар дӯш ё паҳлӯ бар паҳлӯ зананд. Фирдавсӣ гӯяд:

Зи ногаҳ бар-ӯй (бар вай) андар афтод Тӯс,
Ту гуфтӣ зи пили жиён ёфт кӯс.

Ва дигар ҳабине мисин ё руиниро, ки пӯсти гов бар он бастаанд ва он табле бувад азими бузург, ки дар лашкарҳо дар вақти ҷанг фурӯ кӯбанд, овози саҳмгин дорад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба шабгир бархост овози кӯс,
Шуд аз гарди лашкар сипеҳр обнӯс. 141 а.

**КӮСТ**[233] осеби чашмзахм. 133 а.

**КӮТВОЛ**[234] қалъадор бувад. Унсурӣ гӯяд:

Олат аст, оре, валекин рӯзгораш зердаст,
Қалъа аст, оре, валекин офтобаш кӯтвол. 145 а.

**КӮФ**[235] ҷуғду бум бувад ва **кучро** низ гӯянд, ва он ҷинсест аз мурғони шумпай. Фаррухӣ гӯяд:

Чун дар ӯ нсёну хизлон аз ту, эй шаҳ, роҳ ёфт,
Кохҳо шуд ҷои кӯфу боғҳо шуд ҷои хор. 142 б.

**КӮЧ**[236] чуғд бувад ва **кӯф** низ гӯяндаш, ки дар вайрона бошад ва кунгурро низ гӯянд. 134-а.

---

[229] Л. Ф. **кӯж** — ҷафта ва дуто бувад, мисол аз Оғоҷӣ, с. 175.

[230] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 325; «Ҷаҳонгирӣ:»... обгир бошад, мисол аз Саноӣ ва Румӣ, с. 620.

[231] Л. Ф. **кӯпол** лахти оҳанин бувад, мисол аз Фирдавсӣ, с. 324.

[232] Л. Ф. **кӯс** табли бузург, (ба маънои якум, мисоли якум аз Фирдавсӣ, с. 197); **Кӯси** дигар **тас** бувад, (мисол аз Асчадӣ, с. 201). **Кӯст ва кӯс**-осеб бувад с. 48).

[233] Л. Ф. **кӯст ва кӯс** осеб бувад, мисол аз Бӯшуайб, с. 48.

[234] Л. Ф. дизбон бувад, ҳамин мисол, с. 318.

[235] Л. Ф. кӯч бувад ва он ҷинсе ҳаст аз мурғони кӯчак, дар Озарбойҷон бошад, **кунгир** хонанд. (Ҳамон байт аз Фаррухӣ: Хизлони ту эй..., с. 246).

[236] Л. Ф. **кӯч** чуғд бувад, **кӯф** низ гӯянд, ба туркӣ **бейгуш** (*муқ.* **бойкуш**) гӯянд. (Мисол аз Кисоӣ, с. 63). **Чуғд** кӯч бошад ва гурӯҳе ом **кунгур** хонанд. с. 86; **кӯф**-кӯч бувад ва он ҷинсе ҳаст аз мурғони кӯчак, дар Озарбойҷон бошад, кунгӣ (кунгур) хонанд. с. 246.

**КЎШК**[237] манзара бувад. Шеър:

> Бидидам нишаста абар боми кўшк,
> Ба пешаш яке косаи пурфурўшк, 144 б.

**КЎГ**[238] дар шудан бувад. 142-б.

## Л

**ЛАБИНО**[1] номи навоест, ки дар мутрибӣ бувад. 153-б.
**ЛАБИШ**[2] даҳонгири асб бувад ба вақти наъл бастан. 155-б.
**ЛАВАНД**[3] русбӣ бувад. 154-а.
**ЛАВНА**[4] гулгуна бувад. 157-а.
**ЛАВШ**[5] (Лўш?) харбузаи пўла бувад. 155-а.
**ЛАГАН**[6] шамъдон бошад монанди табақе, девораш баланд аз сим ва аз зару рўй ва оҳану мис созанд, то шамъи гудохта аз вай нарезад ва дигар оташдони оҳанин аст. 156-б.
**ЛАК**[7] ба маънии такупўй бувад ва баъзе олоти хона аз коса ва кўза ва ғайраҳо низ гўянд ва ба маънии раъной ва лоф ҷустан ва беҳунарӣ низ омада. 156-а.
**ЛАКОНА**[8] асибро гўянд. 157-а.
**ЛАКҲУН//ЛАКҲАН**[9] чизе бувад, ки бутпарастон доранд, барои эҳтироми бут. 157-а.
**ЛАМОЛАМ**[10] моломол. Фирдавсӣ гўяд:

> На аз лашкари мо касе кам шудаст,
> На ин кишвар аз хун ламолам шудаст. 156 б.

**ЛАНКОК**[11] сухани дурушти нохуш. 155-б.

---

[237] Л. Ф. манзара бувад. (Мисол надорад, с. 307). **Фурўшк** — балғур// барғур, гандуми ним-ним кардашуда.
[238] Ин калима дар Л. Ф. дида нашуд.
[1] Л. Ф. ҳамин маъно мисол аз Музайяӣ, с. 17.
[2] Л. Ф. даҳонгири асп, (мисол аз Унсурӣ, с. 226).
[3] Л. Ф. Ин калимаро надорад, «Ҷаҳонгирӣ» низ.
[4] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Кареъ, с. 505.
[5] Дар Л. Ф. ба ин маънӣ дида нашуд.
[6] Л. Ф. монанди табақе бувад ва девораш баланд бувад ва аз мис созанд ва дигар шамъдон бувад. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 361).
[7] Л. Ф. дар се ҷо бо маъниҳои гуногун қайд шудааст, с. 251, 283, 285.
[8] Л. Ф. казибро гўянд, мисол аз Тайён. (Ҳошия: **лакона** аслан ба маънии асиб, яъне рўдаи оганда ба гўшти сурхкарда аст ва маҷозан онро ба маънии казиб истеъмол намудаанд, с. 432).
[9] Л. Ф. **лакҳан**, ба ҳамин маънӣ, мисол аз Асадӣ, с. 402.
[10] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, с. 352.
[11] Дар Л. Ф. дида нашуд. «Ҷаҳонгирӣ»: сухани зишт ва нохуш бувад: Тайён гуфта:

> Ман бо ту сухан ба лоба гўям,
> Аз чӣ диҳиям ҷавоби ланкок. с. 550-а.

**ЛАНОРАНГ**[12] (?) ҳокими мулкеро гӯянд ва марзбон низ гӯянд. 155-б. (*ниг. муқ.* **канораиг**).

**ЛАП**[13] коч ва силӣ бошад. 153-б.

**ЛАПОН**[14] (Лаён?) фурӯғи синан тобишдиҳанда, яъне равшан, чунонки рахшанда бувад. Шеър:

Гардун зи барки тез чу оташ лапон-лапон,
Кӯҳ аз ғиреви кӯс чу киштӣ навон-навон. 156.

**ЛАРЛАР**[15] худои азза ва ҷалла бошад. 154-б (*ниг. муқ.* **гаргар, гаругар, кирдигор**).

**ЛАТ** ва **ЛАХТ**[16] ҳар ду ба маънӣ якест ва он амудест, ки сарҳангонро рӯзи ҳарб ба кор ояд. Лабибӣ гӯяд:

Решат зи дари хандаву сиблат зи дари тиз,
Гардун зи дари силию пахлӯ зи дари лат.

Ва дигар ба маънии пора омадааст, ки гӯянд: «пора-пора ва лахт-лахт». Шеър:

Он чуғд, ки бо бозу кулангон паррад,
Бишкаста шавад болашу гардад лат-лат.

Ва ба маънии силӣ задан низ ояд. 153-б.

**ЛАТАНБАР**[17] коҳил ва бисёрхор бошад, чунонки Фаррухӣ гӯяд:

Бар дил макун мусаллат гуфтори ҳар латанбар,
Ҳаргиз куҷо писандад афлок чуз туро сар. 154 б.

**ЛАТРА**[18] пора-пора ва жандаву дарида шуда бошад. 157-а.

**ЛАФЧ**[19] лаби шутур ва лаби зишти ситабр ва оби ситабрро гӯянд, ки аз бинӣ ояд ва касеро ки ба хашм равад, гӯянд: «лафч фурӯ хишта», яъне фурӯ гузошта. Фирдавсӣ гӯяд:

---

[12] Л. Ф. **кунораиг** соҳиби тараф бувад ва **марзбонаш** низ гӯянд. Мисол аз Фирдавсӣ, с. 260.

[13] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Хатирӣ, с. 32.

[14] Л. Ф. **лаён** оташдиҳанда ва фурӯзони бофурӯғ, чунонки аз паси якдигар ҳамедирафшад бо рӯшной, мисоли боло аз Фаррухӣ, с. 355.

[15] Л. Ф. **гаргар** номи худой аст ва гаругар низ гӯянд, мисол аз Дакикӣ, с. 128.

[16] Л. Ф. **лат** пора бувад. Асчадӣ гӯяд:

Чуғд ки бо бозу бо кулангон паррад,
Бишканадаш парру мурзу гардад лат-лат.

**Лати** дигар лахт бошад ва амуд, мисоли аввал аз Лабибӣ: рӯят...; ҳошия: мурз — ба маънии макъад аст, с. 34.

[17] Л. Ф. ҳамин маъно, мисоли боло мансуб ба Шокири Бухорой, с. 132.

[18] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунчик, с. 438.

[19] Л. Ф. **лафч** лаби ситабр бувад ва касеро гӯянд, ки ба хашм лафч фурӯ хишта. Мисоли боло:... ба Кобул..., с. 61).

Хурӯшон зи Қобул ҳаме рафт Зол,
Фурӯ ҳишта лафчу бароварда ёл. 154 а.

**ЛАХТА**[20] пора бувад. 157-а.

**ЛАХЧ**[21] зоки сиёҳи рангразон бувад. Шоир гӯяд:

Бинӣ он зулфингон чун чанбари болон ба хам,
Гар ба лахч андар заний, чунон шавад чун обнус. 154 а.

**ЛАҒЗ**[22] фурӯ хазидан бувад аз ҷои худ, гӯянд: «пояш лағзид». Шоир гӯяд:

Тар гашт замин зи оби чашмам,
Чун пой ниҳам ҳаме билагзам. 155 а.

**ЛАҒЗИДАН**[23] он бувад, ки касеро пой мехазад ва биафтад. 156-б.

**ЛАҲБАЛА**[24] аблаҳу нодон бошад. 157-а. (*ниг. муқ.* **каҳбала** ва **каҳла**).

**ЛАЧ**[25] лагад бошад. Шеър:

Як рӯз ба гармоба ҳаме об фурӯ рехт.
Марде бизадаш лач ба ғалат бар дари даҳлез. 154 а.

**ЛАЧИН**[26] оғушта бувад ба гил. 157-а.

**ЛИВАК**[27] амради захим бувад. 156-а.

**ЛИНҶ**[28] охехтан бувад, яъне чизе аз ҷое берун кашидан. 154-а.

**ЛИФ**[29] гиёхест. 155-б.

**ЛОБА**[30] Фиреб бувад. 157-а.

---

[20] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Хисравӣ, с. 512.

[21] Л. Ф. зоғи сиях, ки рангразон доранд. (Мисоли боло аз Тайён:... зулфайни ӯ»,... заний, зидун бувад..., с. 61).

[22] Л. Ф. Фурӯ хазидан бошад. Оғочӣ гӯяд:

Тар аст замин зи дидагони ман,
Чун пай биниҳам ҳаме фурӯ лагзам. с. 171.

[23] Л. Ф. **лағз**, с. 171

[24] Л. Ф. **кухбала**, ҳамин маъмӣ, мисол аз Баҳромӣ, с. 456.

[25] Л. Ф. Лагад бошад ба пушти пой, мисоли боло аз Мунҷик, с. 65.

[26] Л. Ф. **лажан** ва **лачан**, ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ, с. 391.

[27] Л. Ф. амради захм бувад. Мисол аз Мушоирӣ, с. 303.

[28] Л. Ф. охехтан бувад чизеро аз ҷое ба ҷое ва **линҷ**-и дигар аз ҷой кашидан бошад, мисол аз Тайён, с. 66.

[29] Л. Ф. гиёхест ва дирри лӯтро риш ва лиф гӯянд, мисол аз Фароловӣ, с. 248.

[30] Дар Л. Ф. дида нашуд.

**ЛОД**[31] дебои нарму тунук бошад, яъне чомаи абрешимин, ки занон пӯшанд; ва дигар — деворе аз гил бар ҳам ниҳода бувад ё аз хишти пухта ва ба Ироқ **сабу** (?) гӯяндаш. 154-а.

**ЛОДАН**[32] чинсест аз маъчунҳои хушбӯй ба ранги сиёҳ чун анбар ва он чи бад-он монад. 156-б.

**ЛОЙ**[33] дурдаи обе бувад, ки дар таҳи зарфе ё ғайри он нишинад. 157-б.

**ЛОҚ**[34] луғ (лак) бошад, ки ранги сурхи занон аз он гиранд. Унсурӣ гӯяд:

> Ҳаме гуфту печид бар хушк хок,
> Зи хуни дилаш хок ҳамранги лок.

Ва дигар гули сурхе бошад, ки бад-он пӯсту чома ранг кунанд. 156-а.

**ЛОЛ**[35] гунг бувад ва ранги лаълро низ гӯянд. Фаррухӣ гӯяд:

> Ду лаб чу нори кафида, ду пилк савсани сурх,
> Ду рух чу нори шукуфта, ду пилк лолаи лол. 155 б.

**ЛОЛА**[36] шақоиқ бувад ба тозӣ ва **шанбалид** гӯяндаш. 157-а.

**ЛОЛАСОР**[37] номи мурғест хушовоз. Хатирӣ гӯяд:

> Пароканда ба мушкдум сангҳоро,
> Хурӯшон ба ҳам сораку лоласор.. 154 б.

**ЛОМ**[38] зевар аст. 155-а.

**ЛОНА**[39] коҳил ва бекор бувад ва чои мурғ ва мору мушро низ гӯянд. 157-а.

**ЛОНД**[40] ба забони ҳиндӣ олати таносул бошад. 154-а.

---

[31]. Л. Ф. дебое бошад тунук ва нарм, мисол аз Абӯтоҳири Хисравонӣ. **Лод**-и дигар деворе бошад, ки аз гил бар ҳам ниҳода бувад (ва гӯянд): «ба чина баровардаст ва ба лод кардааст» ва ҳар тӯи деворе, ки бар якдигар ҳамениханд — лоде бошад, мисол, аз Унсурӣ, с. 105.

[32] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Фаррухӣ, с. 368.

[33] Л. Ф. Ин луғатро надорад.

[34] Л. Ф. **лок** ва **лак** ранги сурх бошад, мисоли боло аз Унсурӣ, с. 251.

[35] Л. Ф. лаъл бошад, байти боло аз Унсурӣ:... Ду лаб чу савсани сур: ...ду барг лолаи лол; (дар хошияи «нуқ» ин мисол аз Фаррухӣ бидуни тағйироте, с. 326).

[36] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Кореъ, с. 503.

[37] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол: «шораку лоласор, с. 156.

[38] Дар Л. Ф. ин луғат дида нашуд, лекин калимаи **лома** ба маънои «ҳар чи аз болои дастор ба лом — алиф банданд»... тафсир ёфта, байте аз Марворидӣ оварда мешавад, с. 481. Ин калима ба маънои зевар дар «Чаҳонгирӣ» низ омадааст.

[39] Л. Ф. коҳил ва бекор бошад, мисол аз Кисоӣ, с. 444.

[40] Ба ин маънӣ дар «Чаҳонгирӣ» **ланд**; Л. Ф. **лонд** яъне чунбонд, мисол аз Тайён, с. 102.

**ЛОНДАН**[41] афшондан бувад. 156-б.

**ЛОФ**[42] салаф бувад ба тозӣ, яъне дурӯғ; ва худбинӣ ва хештанситоӣ бошад, ки ман чунинаму чунонам. Шеър:

> Нагӯям ман ин хоби шоҳ аз гизоф,
> Забон зуд накшоям аз бахри лоф. 155 б.

**ЛОШ**[43] ба забони марғазӣ ғорат бувад. 155-б.

**ЛУК**[44] он дору бошад, ки корд бад-он дар даста устувор кунанд, ва онро **дӯж** низ гӯянд ва мардуми хас, яъне дуну нокас ва аҳмақ ва ёвагӯро низ **лук** гӯянд ва он бозмондан **лок** бувад(?) 156-а.

**ЛУНБА**[45] шахсе фарбеҳ ва бузургтан бувад. 157-а.

**ЛУНҶ**[46] беруни рӯю рух ва беруни лабро низ гӯянд. 154-а.

**ЛУНЧА**[47] хиромидани зишт бувад. 157-а.

**ЛУСОНА**[48] чоплусӣ бошад, яъне фирефтан ба гуфтори хушу беандоза, ва фурӯтанӣ кардан. 157-а (*ниг.* **лӯс**).

**ЛУҒАЗ**[49] (Луғз?) арабист ва порсиён низ истеъмол кунанд ва он сухане бошад пӯшида. 155-а.

**ЛУҒУЗ**[50] хазидан бошад ва **лағзидан** аз ин ҷост. 155-а (*ниг.* **лағз**).

**ЛӮЗ**[51] муш бувад ва амредро низ гӯянд. 155-а.

**ЛӮКУР**[52] шаҳрест дар Ҳинд. 154-б.

**ЛӮС**[53] лоба аст, яъне фирефтан бувад ба гуфтори хуш ва беандоза ва фурӯтанӣ кардан. Унсурӣ гӯяд:

> Чун биомад ба ваъла бар Соманд,
> Он кинизак сабук зи боми баланд.
> Ба расан сӯи ӯ фуруд омад,
> Гуфтӣ аз чунбишаш дуруд омад.
> Ҷони Сомандро ба лӯс гирифт,
> Дасту пою сар-ш ба бӯс гирифт. 155 а.

---

[41] Дар Л. Ф. ба ин шакл наомадааст. *Ниг.* **лонд** (ҷунбонд).

[42] Л. Ф. ба тозӣ **салаф** бувад ва ба порсӣ хештан ситудан, мисоли боло аз Бӯшакур,с. 243.

[43] Л. Ф. ҳамин маъниӣ айнан, мисол аз Тайён, с. 225.

[44] Л. Ф. Дар ҷойҳои гуногун,— дар с. 251, 183, 185 ба маъноҳои гуногун дида мешавад.

[45] Л. Ф. **ланба** марди фарбеҳ бувад мисол аз Имора, с. 449.

[46] Л. Ф. беруни рӯй бошад, мисол аз Имора, с. 58.

[47] Л. Ф. **ланча** рафторе бувад ба ноз, лекин чохилона, мисол аз Лабибӣ, с. 473.

[48]. Л. Ф. **лусона** чоплусӣ кардан бувад, мисол аз Кисоӣ, с. 496.

[49] Дар Л. Ф. ба ин шакл ва маъниӣ дучор наомад.

[50] Дар Л. Ф. ба ин шакл нест.

[51] Л. Ф. **амрад** бувад, мисоли норавшан аз Тайён, с. 188.

[52] Л. Ф. **Лавгар**, мисол аз Унсурӣ, с. 160.

[53] Л. Ф. Фурӯтанӣ бувад ва касеро ба чарбзабонӣ фирефтан ва лоба кардан.

**ЛӮТ**[54] амрад бошад. 153-б.

**ЛӮЧ**[55] аҳвал ва чашммаъюб бувад. 153-б.

**ЛӮШ**[56] гили сиёҳ ва ба маънии порае низ бувад ва каждаҳоиро низ гӯянд. 155-б.

**ЛӮҒ**[57] дӯшидан ва ошомидан бошад; **мелӯғад,** яъне медӯшад ва меошомад. 155-б.

**ЛӮҲУР**[58] номи вилоятест ҳам дар Ҳинд. 154-б.

## М

**МАВЗ**[1] таркаш (тиркаш) бувад ва дигар мевае бошад дар Миср маъруф ва **мавзи маккӣ** чун ботингоне бувад. 159-б.

**МАДАН**[2] касе, ки ба нишот равад, гӯянд: меданад, 163-б. (*ниг. муқ.* **дан**).

**МАДАНГ**[3] дандонаи калидон бошад, яъне чун хоҳанд, ки дарро бибананд, он дандонҳо аз болои дар афтад ва маҳкам шавад. Шоир гӯяд.

> Ҳама овехта аз домани бӯхтону дурӯғ
> Чу кана аз к...я гову калидов зи маданг. 162 а.

**МАДӢ**[4] ба маънии **мадеҳ** бувад. 166а.

**МАДҲУШ**[5] девона ва шайдо бувад. 160-б.

**МАЁВАР** ва **МИНОВАР**[6] ҳар ду, номи шаҳрест наздики Чину Хутан, балки ба Хутан пайваста аст. Хубон аз он чо хезанд аз ғуломону канизакон, ва низ гӯянд: бутхона аст. 159-а.

**МАЗА**[7] таъм бошаду лаззат. 165-б.

---

[54] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Тайён, с. 50.

[55] Л. Ф. **лӯч** аҳвал бувад, мисол аз Хатирӣ, с. 63.

[56] Л. Ф. **лӯш** каждаҳон, мисол аз Тайён, с. 213; **лӯш — пора бувад,** мисол аз Айюқӣ, с. 223.

[57] Л. Ф. **лӯғ** ва **лӯғидан** дӯшидан ва ошомидан бувад ба забони Мовароуннаҳр, мисол аз Мунчик, с. 229.

[58] Л. Ф. **Лавҳар,** мисол аз Унсурӣ, с. 160.

[1] Л. Ф. **муз** таркаш бувад; **музи** дигар мевае бувад дар Миср маъруф ва **музи маккӣ** чун ботингоне бувад. Тайён гӯяд:

> Музи Макка агар чи дорад ном,
> Накунандаш чу шаккар андар Чом. с. 188.

[2] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[3] Л. Ф. дандони калидон бошад, мисоли боло аз Қареъуддаҳр, с. 263.

[4] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 522.

[5] Л. Ф. беогоҳӣ ва мутаҳаййирӣ бошад, мисол аз Булмасал, с. 223.

[6] Л. Ф. **маловар,** мисол аз Хисравӣ, (ҳошия; «нун»: ва дар маҳалли дувум **маёвар** ба «ё»-и таҳтонийя забт шуда..., с. 137.

[7] Л. Ф. **таъм бошад...,** мисол аз Бӯшакур, с. 489.

**МАЙТИН**[8] **(МЕТИН)** кулунги чоҳканон. 163-б.
**МАК**[9] макидан ва мазидан бувад, шеър:

Ҳам содагулӣ, ҳам шакарӣ, ҳам намакӣ,
Ман бӯса диҳам, лаб бимакам, ту бимакӣ, 161 б.

**МАКАЛ**[10] кирмест, ки дар об бувад, ки агар дар гулӯ ояд, бигирад ва хун мехӯрад ва бузург мешавад, чунонки бими ҳалокат бувад ва онро дар баъзе диёр зулӯ хонанд. 163-а.
**МАКЕБ**[11] ба маънии «мапеч» ояд, яъне аз ростӣ ба кажӣ ё ба ҷои дигар макаш. 157-б.
**МАКИДАН**[12] мазидан бошад. 163-б.
**МАЛЗИТАС**[13] номи падари Вомиқ аст. Унсурӣ гӯяд:

Ки Малзитас он ҷойгаҳ доштӣ,
Ба шоҳи бар, ӯ дастгаҳ доштӣ. 160 б.

**МАЛМОЗ**[14] гунаи рангрезон бувад, ки ҷома бад-он зард кунанд. 160 а.
**МАЛОЗА**[15] ком бошад, яъне ҳанак. 164-б.
**МАНАВ**[16] ба маънии маҷунб бошад. Шеър:

Ту аз ман кунун достоне шунав,
Бад-ин достон бештар з-ин манав. 164 б.

**МАНГ** ва **МАНК**[17] ҳар ду, ба маънии лофу қимор бошад. Баҳромӣ гӯяд:

Нашкебад зи лӯсу нашкебад зи фуҳш,
Нашкебад зи лофу нашкебад зи манг. 161 а.

[8] Л. Ф. **метин**, с. 382.
[9] Л. Ф. макидан бувад, мисол аз Кисоӣ ва рубоии дигар аз Асҷадӣ, ки байти боло мисраъҳои якум ва чоруми он аст:

...Ман бӯса занам лаб бимакам, ту намакӣ, с. 277.

[10] Л. Ф. кирмест сиёҳ дар об ва онро ба тозӣ алақ хонанд, мисол аз Лабиби, с. 328.
[11] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шаҳид, с. 22.
[12] Дар Л. Ф. ба ин шакл наомадааст.
[13] Л. Ф. айнан ҳамин маъниву мисол, с. 203.
[14] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Рӯдакӣ:

Дилбаро з-ӯ кай маҷоли хосиди ғаммози ту,
Ранги ман бо ту набандад беш аз ин малмози ту. с. 188.

[15] Л. Ф. ба тозӣ **лиҳот** гӯянд, яъне ком, мисол аз Мунҷик, с. 478.
[16] Л. Ф. ҷунбиши ҷуҳудвор бувад бар ҷой, мисоли боло аз Бӯшакур, с. 417.
[17] Л. Ф. **манг** қимор бувад, мисоли боло мансуб ба Қарееъуддаҳр, с. 263.

**МАНДА**[18] сабӯ ва кӯзаи шикастаи бедаставу гардан бошад. 164-б.

**МАНДАЛ**[19] хати азимат бошад, ки азоимхонон онро бикашанд ва дар андаруни он хат нишинанд ва азоим хонанд. 163-а.

**МАНДУР**[20] бахилу зифт бошад ва мутаҳайиру дармонда ва маҳзун ва андӯхгиниро низ гӯянд. 159-а.

**МАНИШ**[21] хост бошад, яъне такаббур ва ҳиммату бузургӣ бувад. 160-б.

**МАНКАЛА**[22] тарраи даштӣ бошад. 165-б.

**МАРАНДА**[23] кӯзаи об бошад. 165-б.

**МАЛАНҶ**[24] калъаест дар ҳади мусулмонӣ дар Ҳиндустон. 158-а.

**МАРАХША**[25] нахс бувад 165-б.

**МАРВО**[26] фоли нек. Унсурӣ гӯяд:

> Лаби бахти фирӯзро хандае,
> Маро низ марвову фархундае. 157-б.

**МАРЗ**[27] сарҳадди мулке бувад ва нишастгоҳи одамиро низ гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Басанда кунад з-ин чаҳон марзи хеш,
> Бидонад магар мояву арзи хеш. 159-б.

**МАРЗАБОН**[28] ҳокимеро гӯянд, ки сарҳадди мулкеро нигоҳ дорад ва марз сарҳад бошад. 163-б.

**МАРЗАҒАН** ва **МАРҒАЗАН**[29] ҳар ду, гӯристонро гӯянд. Фаррухӣ гӯяд:

> Ҳар киро роҳбар заған бошад,
> Гузари ӯ ба марзаған бошад. 164-а.

**МАРКУ**[30] гунчишк. 164-б.

---

[18] Л. Ф. сабӯ ва кӯзаи дасташикаста бувад, мисол аз Бӯшакур ва Фароловӣ, с. 475.

[19] Л. Ф. хатти азимат бувад, ки муаззимон кашанд, мисол аз Рӯдакӣ, с. 322.

[20] Л. Ф. ғамгин бувад, мисол аз Чуллоб, с. 144.

[21] Л. Ф. **маниш** ҳиммат бувад, мисол аз Бӯшакур, с. 214.

[22] Л. Ф. ҳамин маъниӣ, мисол аз Бӯшакур, с. 508.

[23] Л. Ф. ҳамин маъниӣ, мисол аз Мунчик, с. 507.

[24] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» ба ин шакл дида нашуд.

[25] Л. Ф. ҳамин маъниӣ, мисол аз Мунчик, с. 391.

[26] Л. Ф. **мурво**, ҳамин маъниӣ ва мисол, с. 5.

[27] Л. Ф. сарҳад бошад, ҳамин мисол, с. 182.

[28] Л. Ф. марзбон соҳиби тараф бошад ва **марз** сарҳад аст, мисол аз Фирдавсӣ, с. 388.

[29] Л. Ф. **марзаған** ҳамин маъниӣ, мисоли боло мансуб ба Унсурӣ:... манзили ӯ..., с. 362.

[30] Л. Ф. ҳамин шаклу маъниӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 418.

**МАРОҒА**[31] ғалтидан бувад ба пахно. 164-б.
**МАРС**[32] номи муғест. 160-а.
**МАРҒ**[33] марғзор бувад. 160 б.
**МАРҒВО**[34] фоли бад бувад. Шеър:

Нафрин кунад ба ман,-бар ӯ дорам ба офарин,
Марво кунам бад-ӯ бар, ӯ дорад ба марғво. 157 б.

**МАРҒУЛ**[35] чаъд бувад, яъне зулфи сарпечида. 162 б.
**МАРҶ**[36] марз бошад. 158-а.
**МАРҶОН**[37] буссадрэ гӯянд. 163 а.
**МАСКА**[38] каран равған бошад, ки аз сари дӯғ гиранд, хоҳ гову хоҳ гӯсфанд. 164-б.
**МАТРАБ**[39] таб бошад. 157-б.
**МАФЛОК**[40] тиҳидаст ва ҳақиру дарвешҳол бувад. 162-а.
**МАХИДА**[41] ба рафтор омада ва ҷунбандае, ки дар ҷома афтад, гӯянд: «махида дарафтод». Шеър:

Сабук пиразан сӯи хона давид,
Бараҳна бар андоми ӯ дар махид. 165 б.

---

[31] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 447.
[32] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос, с. 200.
[33] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Асадӣ, с. 241.
[34] Л. Ф. **мурғво,** мисол аз Абӯтоҳири Хисравонӣ:... бардорам ба офарин,... бардоред ба мурғво. с. 5. (Ҳошия: дар «нун» — Рӯдакӣ, **«Чим»; марво** — фоли нек задан бошад. **Рӯдакӣ гуфт:**

Рӯза ба поён расиду омад навид
Ҳар рӯз бар осмон-т, бодо марво.

Дигар (яъне амир-уш-шуаро Муиззӣ) гуфт:

Оре чу веш ояд казо, марво шавад чун мурғво,
Ҷое шаҷар гирад гиё ҷои тараб гирад шаҷан.

[35] Л. Ф. зулфи барпечида бувад. **Рӯдакӣ гӯяд:**

Ҷавон чун бидид он нигорида рӯй,
Ба кирдори занҷир марғули мӯй.

[36] Л. Ф. ин калимаро надорад.
[37] Л. Ф. буссад бошад ва тозиён гӯянд **лӯлӯ бошад, мисол аз Фаррухӣ,** с. 390.
[38] Л. Ф. кара бувад, мисол аз Мунчик ва Ҳаккок, с. 454.
[39] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунчик, дар ҳошия қайдҳо доир ба шаклу маънои калимаҳои байти ба тариқи мисол омадаи шоир аз рӯи фарҳангҳо ва нусхаҳои дигар, с. 30—31.
[40] Л. Ф. **мифлок,** ҳамин маънӣ мисол аз Абӯшакур, с. 276.
[41] Л. Ф. ҳамин шаклу маъно, мисоли боло аз Бӯшакур, с. 513

**МАЧОЧАНГ**[42] ...эре бошад аз адим ё чарм, ки саътариёни балфаъол сохта бошанд ва истеъмол мекунанд ба манзалати чалк ки маълум зананд. 162-б.

**МАШАНГ**[43] номи дуздон аст. 162-б.

**МАЪШУҚУЛИЯ**[44] зани падари Вомиқ буд. 165-а.

**МАҒ**[45] магоки жарфобе бувад, ки дар вай пой ба замин нарасад. 161-а.

**МАҒИЛГОҲ**[46] чои хуфту хост бувад аз они далу чаҳорпой. 165-б.

**МАҒОК**[47] гаве бошад дар замин ё дар кӯҳ чун чоҳи кӯчак ва дар он хар чи афтад, ва гурӯҳе вайро **алон** низ гӯянд. Шеър:

> Аблаҳу фарзонаро фарҷом хок.
> Чойгоҳи хар ду бошад дар магок. 161 б.

**МАҲНОНА**[48] (?) бӯзина бошад, (*ниг. муқ.* **пиҳнона**). Шеър:

> Агар абрӯш чин орад, сазад чун мӯи ман бинад,
> Ки рухсорам пур аз чин гашт чун рухсори маҳнона. 165 б.

**МАҶ**[49] номи рови Рӯдакӣ. 158-а.

**МАЧАРГ**[50] бегор бувад ва сухр, чи ба қахру чи ба хушию лутф. Бӯшакур гӯяд:

> Чунин гуфт Хоруи: «Маро рӯзи марг,
> Мафармой хеч одамеро мачарг 162 а.

**МЕЗ**[51] об тохтан бувад, яъне бавл кардан; ва мехмонро низ гӯянд. 159-б.

**МЕЗБОН // МИЗБОН**[52] мехмондор бувад, 163-б.

**МЕЙРУК / МЕРУК**[53] мӯрча бувад, 162-а.

---

[42] Л. Ф. ҳамин шаклу ҳамин маънӣ, хусусан мутобиқ ба матни нусхаи «нун», с. 281.

[43] Л. Ф. **шанг** ва **машанг** ва **шангалу мангал** хар ду ба як маънӣ аст, дузду роҳзан бувад,мисол аз Хатирӣ ва Қареъуддахр, с. 262.

[44] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 501.

[45] Дар Л. Ф. **маг** ба ин маъно дида нашуд.

[46] Л. Ф. ҳамин шакл ва маъно, мисол аз Ҳамзаи Арӯзӣ, с. 511.

[47] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол мансуб ба Рӯдакӣ: **«...андар як магок»**, с. 253.

[48] Л. Ф. **паҳнона** бӯзина бувад, мисол аз Кисой: **«...гар рӯи ман бинад; ...пур аз чин аст...**, с. 467.

[49] Л. Ф. номи шоире будааст ровӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 72.

[50] Л. Ф. сухра ва бегор бувад, мисоли боло ва низ байти **дигар** аз Рӯдакӣ, с. 278, *ниг.* **шокор**, ки муродифи **мачарг** аст.

[51] Л. Ф. об тохтан бувад, мисол аз Хисравӣ, 183.

[52] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Фаррухӣ, с. 388.

[53] Л. Ф. **меруқ**, ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 303.

**МЕТИН**[54] кулунк («Ҷаҳонгирӣ»: **кулунг**) каланд бошад, ки бад-он кӯҳ канан. 163-б.

**МЕҒ**[55] абр бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ҳамоно, ки борон наборад зи мег,
Фузун бар сараш з-он ки борид тег. 160 б.

**МЕҲАН**[56] ҷои ором ва хонумону зод бувад. Унсурӣ гӯяд:

Ба дил гуфт, агар ҷангҷӯӣ кунам,
Ба пайкори ӯ сурхрӯӣ кунам.
Бигиряд маро дудаву меҳанам,
Ки бесар бубинанд хаста танам. 164 а.

**МЕҲИНА** ва **МЕҲ**[57] меҳтар бувад, яъне бузургтар. 165-а.

**МЕҲР**[58] ду маънӣ дорад, яке дӯстӣ ва яке номи Офтоб. 159-а.

**МЕҲРОБ**[59] номи шоҳест. Фирдавсӣ гӯяд:

Туро бӯйи дасти Меҳроб хост,
Дилатро хуши Сому Кобул ҷачост. 157 б.

**МЕҲРОҶ**[60] номи шоҳи Ҳиндустон аст. Асадӣ гӯяд:

Бузургӣ туро шоҳ Меҳроҷ дод,
Ки-т аврангу чизу кату тоҷ дод. 158 а.

**МИЗА**[61] миёни зин бувад. 165-б.

**МИЗАД**[62](?) ҷою маҷлиси меҳмонӣ ва айшу тараб бувад. 158-б.

**МИКЕЗ**[63] муханнас бувад у бериш. 159-б.

**МИЛК**[64] сапедӣ бувад, ки бар буни нохун бошад ва баъзе гуфтаанд, дар нохуи падид ояд, нуктаҳои сафед. 162-а.

---

[54] Л. Ф. табаре ё кулунге бувад, ки бад-он кӯҳ ва замин кананд, мисол аз Оғоҷӣ ва Асҷадӣ, с. 382.

[55] Л. Ф. ҳамин маънию мисол: «... з-он ки борид бар сарш...», с. 241.

[56] Л. Ф. хонмону ватан бувад ва зоди хеш, ва гурӯҳе гӯянд: аҳли байт бувад, мисоли боло: «...Бигирянд мар дудаву...», с. 360.

[57] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд.

[58] Л. Ф. номи хуршед аст, мисол аз Фирдавсӣ, с. 142.

[59] Л. Ф. номи шоҳи Кобул, ки Рустамро ҷадди модарӣ аст, мисоли боло ... бӯйи духти Меҳроб»; «мисраи дуюм: «Дилат хоҳиши Сому Кобул куҷост», с. 32.

[60] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол: «к-ат аврангу чизу ки-ат тоҷ дод», с. 72.

[61] Ин калима дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[62] Л. Ф. **маязд** маҷлиси меҳмонии шароб бошад, мисол аз Фаррухӣ ва Хисравӣ, с. 99.

[63] Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Кисоӣ, с. 186.

[64] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Аҳмади Бармакӣ, с. 297, *нуг.* инҷунин **мулк.**

**МИЛОВ**[65] шогирд бувад. 164-б.

**МИЛОВА**[66] шогирдона бувад. 164-б.

**МИНОФОМ**[67] ранг аст. 163-а.

**МИНУ**[68] биҳишт. Фирдавсӣ гӯяд:

> Гар эйдун ки оянд зи мину суруш,
> Набошад бад-он фарру авранду ҳуш. 164 а.

**МИНУБОД**[69] номи бодия ба рӯзи (рӯзгори?) Заҳҳок. 159-а.

**МИНУС**[70] подшоҳи азим, ки ба дарвешӣ афтода ва боз дигар бора подшоҳ шуда. Унсурӣ гӯяд:

> Ки Минус Фаррух шахи додгар,
> Ки буд подшоҳи ҷаҳон сар ба сар,
> Ҷудо монд бечора аз тоҷу тахт,
> Ба дарвешӣ афтоду шуд шӯрбахт.
> Сари тахти пасташ баромад ба моҳ,
> Дигар бора шуд шоҳу бигрифт гоҳ. 160 а.

**МИФЁЗ**[71] шогирдона бошад. 160-а (*нуг. мук.* **фағёз**).

**МИХ**[72] носара (?) бувад. 158-б.

**МИШТА**[73] муаллими ҷуҳудон бошад. Шоир гӯяд:

> Дидам буте моҳрӯи раъноякро
> Сармаст ба пеши мишта биншаста. 164 б.

---

[65] Л. Ф. шогирд бувад ва **меловия** — шогирдона. Рӯдакӣ гӯяд:

> Мелови манӣ, эй фағу устоди туам ман,
> Пеш ою се бӯса деху меловия бистон. (с. 420).

[66] Л. Ф. **мелов** ва **меловия**; (Вале дар Феҳристи калимаҳо **милод** ва **милодия** қайд шудааст).

[67] Ин калима дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[68] Л. Ф. **майну** биҳишт бошад, мисоли боло ва инчунин байте аз Рӯдакӣ, с. 406.

[69] Л. Ф. **Минуобод** номи бодияе ба рӯзгори Заҳҳок, аз хушӣ ки буд. Асадӣ гӯяд:

> Зи хушӣ бувад Минуобод ном
> Чу бигзашт аз ӯ паҳлавон шодком. с. 119.

[70] Л. Ф. ҳамин калима, маъно ва мисол: Ки Фаррух Минус он шаҳи додгар, ...сари тахти бахташ..., с. 202.

[71] Л. Ф. **Фағёз** ва **бағёз** ато ва шогирдона бошад, мисол аз Абулаббос, с. 186.

[72] Ба ин шакл дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[73] Л. Ф. **мешна** муаллими ҷуҳудон бошад, мисоли боло аз Имора: Ҷунин буте ки сифат кардам..., (ҳошия: «Ҷим» мисли матн, вале **мешта** дар зайли «боб-ут-то», с. 421.

**МОЗ**[74] шиканҷ бувад, ки бар шиканҷ уфтад, яъне чинҳо бувад, ки бар ҳам нишинад ва шикофи чӯбу девор ва он чи бадон монад. Фирдавсӣ гӯяд:

Танаш буд ҳама моз бар моз-бар,
Бар-ӯ ғабғабаш моз бар моз-бар.
Ва **мозуро** низ моз гӯянд. 160-а.

**МОЗАВАР**[75] / / **МОДАВАР** дузд ва тӯҳматбар бувад. 159-а.

**МОЗАНДАР**[76] / / **МОДАНДАР** зани падар бувад. Унсурӣ гӯяд:

Ки аз шир серӣ набуд дар сарам,
Фурӯ мондам аз меҳрубон модарам,
Ба мозандари бад даровехтам,
Ба ҷон омадам кору бигрехтам. 159 б.

**МОЗАНДАР**[77] вилояти Мозандарон аст. 159-а.

**МОЗЕД**[78] яъне бигудозед. 159-а.

**МОЗИЛ**[79] номи кӯҳест ба Ҳиндустон. 163-а.

**МОЗНИН**[80] номи мардест, ки ҳисори Санкӯя кардааст дар Ҳиндустон ва сутунҳояш ҳар яке якпора аст ва ҳар сутун ба ҳазор мард бар натвон доштан ва иморати онро ду кас кардаанд, мардеву зане. Асадӣ гӯяд:

Ба Ҳиндустон номи он ҳар ду тан,
Будаш Мознин марду Мознина зан. 163 б.

**МОЗРИЮН**[81] доруест барои истисқо ва қай, муҷарраб аст. 163-а.

**МОЙ**[82] мавзеи ҷодувон бошад чун Бобул ва ғайра. 165-б.

**МОК**[83] доруест дар Ҳиндустон, ва дигар ба маънии итбоъ аст, чунон ки гӯӣ: **хоку мок.** 162-а.

---

[74] Л. Ф. коф бувад, яъне шикоф, ки андар чизе афтад аз чӯб ва дару девор ва ғайра. 169. **Моз** мозӯ бувад, мисол аз Мухалладӣ, 186.

[75] Л. Ф. **модавар,** мисли матни Убаҳӣ.
Рӯдакӣ гӯяд:

Аз ҳама некиву хубӣ дорад ӯ,
Модавар бар кори хеш ар дорад ӯ. 162.

[76] Л. Ф. ҳошияи с. 145, **модандар,** мисол надорад.

[77] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Унсурӣ, 162.

[78] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[79] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рофеъӣ 333.

[80] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, дар шеър ба ҷои **«будаш» — бувад,** с. 404.

[81] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 403.

[82] Л. Ф. **мой** ҷойгоҳи ҷодувон бошад, с. 524.

[83] А. Ф. доруест дар Ҳиндустон, мисол аз Асадӣ. **Мок**-и дигар — итбоъ аст, чунонки гӯӣ: **хоку мок.** Рӯдакӣ гӯяд:

То ба хок андар-т нагардонад,
Хоку мок аз ту бар надорад кор, с. 302.

**МОҚИЁН**[84] мурғи хонагӣ бошад. 163-б.

**МОКУЛ**[85] гулӯбанд бошад ва расанро низ гӯянд. (?) 162-б.

**МОЛА**[86] сумаи чавлоҳон бошад, ки бад-он тори ҷомаҳоро оҳор диҳанд ва онро аз лиф карда бошанд. 164-б.

**МОЛОМОЛ**[87] зарфе бошад, ки пури чизе карда бошанд, аз равған ва ғайра. Хусравонӣ гӯяд:

> Ҳанӯз ҷом пур аз май нагашта буд, ки гашт
> Зи хуни дидаи ман ҷоми бода моломол. 162 б.

**МОЛУН**[88] ҳезро гӯянд. 164-а.

**МОН**[89] хонаро гӯянд ва низ **хону мон** итбоъ аст, чунончи Асадӣ гӯяд:

> Чу омад бари мизбону мони хеш,
> Бибурдаш ба сад лоба меҳмони хеш. 164 а.

**МОНИД**[90] чун коре ва сахте карданӣ ва гуфтанӣ накунад ва нагӯяд, гӯянд: «монид». Рӯдакӣ гӯяд:

> Дареғ мидҳати чун зарру обдор ғазал,
> Ки чобукии наояд ҳаме ба лафз надид.
> Асоси табъ ба поист ҳаме кавитар аз он,
> Зи олати сухан ояд ҳаме ҳама монид. 158 б.

**МОНӢ**[91] наққоши маъруф бувад. 165-б.

**МОРАФСО**[92] моромӯз. 157-б.

**МОРИ ГАРЗА**[93] шеру море, ки бехтарини шерон ва морон бошанд. 164-б. (*ниг. муқ.* **гурза**)

---

[84] Л. Ф. мурғи хонагӣ бувад, ҷуфти хурӯс, мисол аз Имора, с. 375.

[85] Л. Ф. гулӯбанда ва марде каввандом ва коркун бошад, Мисол аз Алии Карт (ҳошия: баъди зикри нусхаҳои дигар, «син»: гулӯбанд бувад, яъне расан (?). Зоҳиран **гулӯбанда** бувад, яъне ражд (бисёрхӯр), с. 316.

[86] Л. Ф. Сумаи чавлоҳон бошад, ду мисол аз Имора, с. 352.

[87] Л. Ф. пур бошад. Зайнабӣ гӯяд:

> Тиҳӣ накарда будам ҷоми май ҳанӯз аз май,
> Ки карда будам аз хуни дида моломол. с. 321.

[88] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» ба ин шакл дида нашуд.

[89] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва байт, с. 397.

[90] Л. Ф. чун ҷурм аст... гӯянд монид ӯро, яъне бимонед, Ҳамин мисол, с. 110.

[91] Дар Л. Ф. наомадааст.

[92] Дар Л. Ф. дида нашуд. Дар Ҷаҳонгирӣ»: афсунгари мор.

[93] Дар Л. Ф. ба шакли ибора наомадааст, лекин **гурза** мор бувад ва мушро низ гӯянд, мисол аз Рӯдакӣ, дар с. 509 сабт шудааст.

**МОРОБ**[94] мозан(?) бахтӣ бувад. 157-б.

**МОҲ**[95] зару сими носара ва мардуми дунро низ гӯянд. Асчадӣ гӯяд.

> Чун шуд ҳаким ёри ҷавонмарду дилфарох
> Як пирзан харид ба як мушт сими моҳ. 158 б.

**МОЧУЧА**[96] дорурез бувад, ки дар гулӯи кӯдакон доруро бад-он резанд. 165-а.

**МОШАЛО**[97] номи зане буд, ки бар болини Узро омад, пиндошт ки мурда аст. 157-б.

**МОҒ**[98] мурғест сиёҳфом монанди мокиён ва бештар дар об нишинад ва он навъе аз мурғи обист. Асадӣ гӯяд:

> Ба ҳар сӯ яке обдон чун кулоб,
> Шиновар шуда моғ бар рӯи об. 160 б

**МОҲ**[99] маъруф аст. 164-б.

**МОҲБАРКӮҲОН**[100] навоест, ки хунёгарон зананд ва гӯянд. 164-а.

**МУБАД**[101] олим ва ҳаким ва доно бошад ва он касро гӯянд, ки ҳикоятҳо аз ӯ ривоят кунанд чун фақеҳон ва монанди он аз кабирон. 159-а.

**МУДОМ**[102] шаробро гӯянд. 163-а.

**МУЖА**[103] ҳудби (мижаи) чашм бошад ба тозӣ. 165-б.

**МУЖОН**[104] чашми некуе бошад, ки андак карашма дошта бошад ва наргиси шукуфтаро низ гӯянд. 163-б.

**МУҚ**[105] неш бувад. 162-а.

**МУЛ**[106] I лафзест ки аз барои таъхиру даранг гӯянд, яъне «бинст» ва «даранг кун» ва **мамул**, яъне «манст» ва «таъхиру

---

[94] Дар Л. Ф. дида нашуд, дар «Ҷаҳонгирӣ»: тозабахтӣ, с. 141-б.

[95] Л. Ф. набахра бувад аз симу зар ва мардуми давриро низ гӯянд, мисол аз Асчадӣ: Ҷавон шуд ҳакими мо ҷавонмарду дилфарох, Яке..., с. 78.

[96] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Парвез Хотун, с. 505.

[97] Л. Ф. Ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 19.

[98] Л. Ф. Мурғе бошад сиёҳфом ва бештар дар об нишинад, мисоли дигар аз Дақиқӣ ва Рӯдакӣ, с. 235.

[99] Дар Л. Ф. наомадааст.

[100] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 354.

[101] Л. Ф. **мавбад** олим бувад, мисол аз Ашнонии Ҷӯйборӣ, с. 112.

[102] Ин калима дар Л. Ф. «Ҷаҳонгирӣ» наомадааст, (калимаи арабист).

[103] Ин калима дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[104] Л. Ф. чашми некӯро гӯянд, ки андак-андак мутаҳаррик шавад ба назар ва ҳоле дорад аз латофат, мисол аз Фаррухӣ ва Имора, с. 356.

[105] Л. Ф. меш бувад, мисол аз Асчадӣ, с. 303.

[106] Л. Ф. даранг бошад, гӯянд: **мамул**, яъне даранг макун, мисоли боло аз Фирдавсӣ, ҷои «шаванд»— шавем, с. 315.

даранг макун». Пас **мул мулиш**-даранг кардан ва истодан бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Бимулем, то иллан Хусрав шаванд,
Ба даргоҳи ӯ лашкаре нав шаванд. 162 б.

**МУЛ**[107] **II** шароби набиз бувад. Унсурӣ гӯяд:

Ба заррииачом андаруи лаъли мул
Фурӯзанда чуи лола бар зардгул. 162 а.

**МУЛК**[108] донаест аз наҳӯд камтар, бипазанду бихӯранд ва ба тозӣ ӯро **ҷулуббон** гӯянд ва ба Озарбойҷон **кулули** сафедфому сияҳфом ва сурх низ гӯяндаш. 161-б.

**МУМУЛ**[109] иллатест дар чашм. 162-б.

**МУНА**[110] хоссаи табиӣ бувад(?) 165-а.

**МУНОВАР**[111] шаҳрест наздики Хутан ва ғуломони хубрӯй аз он ҷо оранд. Шеър:

Эй хурваш буте, ки чу бинанд мар туро,
Гӯянд рӯи ту моҳи муноварӣ. 150 а

**МУНҶ**[112] занбӯри асалро гӯянд. Шоир гӯяд:

Ҳарчанд ҳақирам, суханам олию ширин,
Оре, асали ширин ноянд магар аз мунҷ. 158 а.

**МУНҶАК**[113] шаъбадае, ки мушаъбидон кунанд, чунонки чанд пора оҳан дар нимкоса ниҳанд ва об дар он кунанд, ва ба шӯъбада он оҳанпораҳоро аз он ҷо барҷаҳонанд, ҳамчунин ки калам аз давот ва санг ва тос ва монанди инҳо ба ҳилатҳо. 161-б.

---

[107] Л. Ф. набиз бувад, мисоли боло, с. 322.

[108] Л. Ф. **мулк** кулул бошад, мисол аз Булмуайяд ва дар ҳошия кайди матни нусхаҳои гуногунро оварда, гуфтааст: «Дар «Муҳаззаб-ул-асмоъ» **ҷулуббон-и** арабиро ба **мулк-и** форсӣ тарҷума карда ва зоҳиран мулк ҳамон аст, ки имрӯз **халлар** мегӯем», с. 253. Дар с. 297 **милк** сипедии бунинохун, мисол аз Аҳмади Бармак.

[109] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ:

Тири ту мифтоҳ шуд дар кори фатҳи калъаҳо,
Тири ту мумул шуд дар дидаҳои дидабон, с. 332.

[110] Ин калима дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[111] Л. Ф. **мановарм.** шаҳрест наздики Чин..., мисоли боло аз Хисравӣ... чу бинанд рӯи ту, Гӯянд хубрӯён моҳи муноварӣ, с. 137.

[112] Л. Ф. ҳамин маъно ва ҳамин мисол аз Мунҷик, с. 58.

[113] Л. Ф. **манҷак** он бувад, ки мушаъбидон (бад-ӯ) каламу чизҳо барҷаҳонанд, мисол аз Мунҷик, с. 272.

**МУРОШ**[114] ҳай бошад. 160-а.

**МУРӢ**[115] // **МУРӢ** гунги (кунг — лӯлаи обгузари об) корезҳо бувад, ки аз сафолин кардаанд, ки андар-ӯ ба зери замин гузар дорад, дар ҳам пайваста доранд, то он ҷое, ки об расад. 166-а.

**МУСИЧА**[116] мурғест сафедгун шабеҳи кумрӣ. 165-а.

**МУСТА**[117] тӯъми ошкара бувад, яъне хӯриши шикара бувад. (хӯроки тӯъмаи ҷонварони шикорӣ). Анварӣ гӯяд:

> Гар муштарӣ ҷавс зи ҳавои ту кам кунад,
> Насрин чархро чигари Ҷадӣ муста бод. 165-а.

**МУСТАММАНД**[118] яъне андӯҳгин. 158-б.

**МУСТИМАНД** ва **МАХВАНД**[119] номи ҷойгоҳе аст дар Ҳинд, ки намаки сафед аз он ҷо хезад. 158-б.

**МУТВОРӢ**[120] пинҳонгашта бувад. 166-а.

**МУХ**[121] лигоме бошад сангӣ, ки асбу астари саркашро бадон ром кунанд. 158-б.

**МУХСИНУС**[122] марде фарзона буд ва ҳаким, Унсурӣ гӯяд:

> Ҳакиме буду номи ӯ Мухсинус,
> Ки доиш ҳаме дасти ӯ дод бӯс. 160-б.

**МУШАХТА**[123] ҳалвое бувад софии дурушт ва ба тозӣ **машош** хонанд, ту дар ту бувад. 165-а.

**МУШКӮ**[124] бутхона ва мавзеъе, ки хилватсарои Хисрав — Ширин буд, онро низ **Мушкӯ** гуфтандӣ. 164-б.

**МУҒ**[125] габри оташпараст бувад бар миллати Иброҳим, алайҳиссалом ва гӯянд бар миллати Зардушт бувад, ки вай пайғамбари оташпарастон буд ва ҳакими асри худ, Унсурӣ гӯяд:

---

[114] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[115] Л. Ф. гунги корезҳо бувад, ки об ба чашмаҳо ва ғайра баранд, с. 521.

[116] Л. Ф. ҳамин маъни мисол аз Хисравӣ, с. 468.

[117] Л. Ф. ҷошнӣ додан бошад, чунонки бозро ва шикориҳоро гӯшт диҳанд ва бад-он бинвозанд, мисол аз Бӯнасри Толикон ва Рӯдакӣ, с. 471.

[118] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[119] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[120] Л. Ф. **мутворӣ** — тозаст, яъне пинҳонгашта, мисол аз Фаррухӣ, с. 526.

[121] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунҷик, с. 77.

[122] Л. Ф. айнан ҳамин маънӣ ва мисол, с. 202.

[123] Матн баъд аз зикри **муғамда** омадааст. Дар Л. Ф. ин тафсир барои калимаи **мушахта** с. 458 дода шудааст, ки он дар ин ҷо дар ҷои худ гузошта шуд.

[124] Л. Ф. **Мушкӯй** кӯшк ва оромгоҳ бувад, с. 529.

[125] Л. Ф. габри оташпараст бошад аз миллати Иброҳим, мисоли боло ва мисоли дигар аз Мунҷик, с. 234.

Чу шаб рафту бар дашт пастӣ гирифт,
Ҳаво чун муғ оташпарастӣ гирифт, 161 а.

**МУҒАММО**[126] табоҳа бошад. 157-б.

**МУҒАНДА**[127] чизе бар андом дар гӯшт чун **думмале** падид ояд чанди гавзе ё гӯе ва онро **душбул** низ гӯянд. 165-б.

**МӮЛИДАН**[128] пондан ва дер мондан бувад. 163-б.

**МӮЛИШ**[129] диранг кардан бувад дар корхо. 160-б.

**МӮЯ**[130] гиристан бувад. 164-б.

**МӮЯИ ЗОЛ**[131] навоест, ки мутрибон зананд. 163-а.

## Н

**НАБАРД**[1] — разму ҷанг кардан аст миёни ду тан аз одамӣ ва ғайра 168-а

**НАБАРДА**[2] мубориза ту ҷанг бувад миёни ду тан, **Фирдавсӣ гӯяд:**

Зи Эрон Туҳамтан бувад кинахоҳ,
Далеру набарда ба ҳар ҷойгоҳ. 175 б.

**НАБЕРА**[3] писари писар ва писари духтар бувад. 174-б.

**НАБҚ**[4] заҳи об бувад. 171-б.

**НАБХАТА**[5] **(?)** набахта (?) фурӯмонда ва очиз бошад. 174-б.

**НАВАНД**[6] пайк ва асби тезфаҳми **(?)** бодпои ба зин бувад ва **таковар** ва **бора** ва **борак** ҳама ба як маънист. 167-б.

---

[126] Л. Ф. табоҳӣ бошад, мисол аз Ҳақиқӣ, с. 17.

[127] Л. Ф. **мугунда** думмал бувад, ки бар тани мардум бароянд. Мисоли норавшан аз Асчадӣ, с. 433.

[128] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[129] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[130] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[131] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Манучеҳрӣ, с. 331.

[1] Л. Ф. корзор бошад, мисол аз Фирдавсӣ, с. 98.

[2] Л. Ф. мубориз бувад, мисол аз Асчадӣ, с. 476. Зайли калимаи **сатанба** ба маънии «марде қавӣ ва бузургтан» ин байт аз Фирдавсӣ омадааст:

Аз эрониён буд Таҳам кинахоҳ,
Далеру сатанба ба ҳар кинагоҳ, с. 469.

[3] Л. Ф. фарзанди фарзанд бувад, с. 514.

[4] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 309.

[5] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. дида нашуд.

[6] Л. Ф. пайк ва хабаргир бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Чарх чунин асту бар ин раҳ равад
Лек зи ҳар неку зи ҳар бад наванд.

Рӯдакӣ гӯяд:

Рӯзи ҷастан тозиён ҳамчун наванд,
Рӯзи дан чун шастсола судманд. с. 96.

8—765

**МУРОШ**[114] кай бошад. 160-а.

**МУРӢ**[115] / / **МӮРӢ** гунги (кунг — лӯлаи обгузари об) корезҳо бувад, ки аз сафолин кардаанд, ки андар-ӯ ба зери замин гузар дорад, дар ҳам пайваста доранд, то он ҷое, ки об расад. 166-а.

**МУСИЧА**[116] мурғест сафедгуи шабеҳи қумрӣ. 165-а.

**МУСТА**[117] тӯъми ашкара бувад, яъне хӯриши шикара бувад. (хӯроки тӯъмаи ҷонварони шикорӣ). Анварӣ гӯяд:

> Гар муштарӣ ҷаве зи ҳавои ту кам кунад,
> Насрин чархро ҷигари Ҷадӣ муста бод. 165-а.

**МУСТАММАНД**[118] яъне андӯҳгин. 158-б.

**МУСТИМАНД** ва **МАҲВАНД**[119] номи ҷойгоҳе аст дар Ҳинд, ки намаки сафед аз он ҷо хезад. 158-б.

**МУТВОРӢ**[120] пинҳонгашта бувад. 166-а.

**МУХ**[121] лигоме бошад сангӣ, ки асбу астари саркашро бадон ром кунанд. 158-б.

**МУХСИНУС**[122] марде фарзона буд ва ҳаким, Унсурӣ гӯяд:

> Ҳакиме буду номи ӯ Мухсинус,
> Ки дониш ҳаме дасти ӯ дод бӯс. 160-б.

**МУШАХТА**[123] ҳалвое бувад софии дурушт ва ба тозӣ **машош** хонанд, ту дар ту бувад. 165-а.

**МУШКӮ**[124] бутхона ва мавзеъе, ки хилватсарои Хисрав — Ширин буд, онро низ **Мушкӯ** гуфтандӣ. 164-б.

**МУҒ**[125] габри оташпараст бувад бар миллати Иброҳим, алайҳиссалом ва гӯянд бар миллати Зардушт бувад, ки вай пайғамбари оташпарастон буд ва ҳакими асри худ, Унсурӣ гӯяд:

---

[114] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[115] Л. Ф. гунги корезҳо бувад, ки об ба чашмаҳо ва ғайра баранд, с. 521.

[116] Л. Ф. ҳамин маънӣ мисол аз Хисравӣ, с. 468.

[117] Л. Ф. ҷошӣ додан бошад, чунонки бозро ва шикориҳоро гӯшт диҳанд ва бад-он биниозанд, мисол аз Бӯнасри Толиқон ва Рӯдакӣ, с. 471.

[118] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[119] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[120] Л. Ф. **мутворӣ** — тозист, яъне пинҳонгашта, мисол аз **Фаррухӣ**, **с.** 526.

[121] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунчик, с. 77.

[122] Л. Ф. айнан ҳамин маънӣ ва мисол, с. 202.

[123], Матн баъд аз зикри **муғанда** омадааст. Дар Л. Ф. ин тафсир барои калимаи **мушахта** с. 458 дода шудааст, ки он дар ин ҷо дар ҷои худ гузошта шуд.

[124] Л. Ф. **Мушкӯй** кӯшк ва оромгоҳ бувад, с. 529.

[125] Л. Ф. габри оташпараст бошад аз миллати Иброҳим, мисоли боло ва мисоли дигар аз Мунчик, с. 234.

Чу шаб рафту бар дашт пастӣ гирифт,
Хаво чун муғ оташпарастӣ гирифт, 161 а.

**МУҒАММО**[126] табоҳа бошад. 157-б.

**МУҒАНДА**[127] чизе бар андом дар гӯшт чун **думмале** падид ояд чанди гавзе ё гӯе ва онро **душбул** низ гӯянд. 165-б.

**МӮЛИДАН**[128] пондан ва дер мондан бувад. 163-б.

**МӮЛИШ**[129] диранг кардан бувад дар корҳо. 160-б.

**МӮЯ**[130] гиристан бувад. 164-б.

**МӮЯИ ЗОЛ**[131] навоест, ки мутрибон зананд. 163-а.

## Н

**НАБАРД**[1] — разму ҷанг кардан аст миёни ду тан аз одамӣ ва ғайра 168-а

**НАБАРДА**[2] муборизату ҷанг бувад миёни ду тан, Фирдавсӣ гӯяд:

Зи Эрон Туҳамтан бувад кинахоҳ,
Далеру набарда ба ҳар ҷойгоҳ. 175 б.

**НАБЕРА**[3] писари писар ва писари духтар бувад. 174-б.

• **НАБҚ**[4] заҳи об бувад. 171-б.

**НАБХАТА**[5] **(?)** набахта (?) фурӯмонда ва очиз бошад. 174-б.

**НАВАНД**[6] пайк ва асби тезфаҳми (?) бодпои ба зин бувад ва **таковар** ва **бора** ва **борак** ҳама ба як маъниcт. 167-б.

---

[126] Л. Ф. табоҳӣ бошад, мисол аз Ҳақиқӣ, с. 17.

[127] Л. Ф. **муғунда** думмал бувад, ки бар тани мардум бароял, Мисоли нораншан аз Асҷадӣ, с. 433.

[128] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[129] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[130] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[131] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Манучеҳрӣ, с. 331.

[1] Л. Ф. корзор бошад, мисол аз Фирдавсӣ, с. 98.

[2] Л. Ф. мубориз бувад, мисол аз Асҷадӣ, с. 476. Зайли калимаи **сатанба** ба маънии «марде қавӣ ва бузургтан» ин байт аз Фирдавсӣ омадааст:

Аз эрониён буд Таҳам кинахоҳ,
Далеру сатанба ба ҳар кинагоҳ, с. 469.

[3] Л. Ф. фарзанди фарзанд бувад, с. 514.

[4] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 309.

[5] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. дида нашуд.

[6] Л. Ф. пайк ва хабаргир бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

Чарх чунин асту бар ин раҳ равад
Лек зи ҳар неку зи ҳар бад наванд.

Рӯдакӣ гӯяд:

Рӯзи ҷастан тозиён ҳамчун наванд,
Рӯзи дан чун шастеола судманд. с. 96.

8—765

**НАВАРД**[7] дархуранда бошад. 168-б.

**НАВБОВА**[8] бари нав, яъне мева ва ҳарчи руста шавад ва наврасида бувад ва ба гозӣ **бокура** гӯяндаш. 175-б.

**НАВЗАРА**[9] / / **НАВДАРА** фарзанди азиз бошад. 174-б.

**НАВИД**[10] мужда бошад, яъне огоҳӣ додан ба чизе ва хиромро низ гӯянд. Бадей гӯяд:

Дили марди доно ба бад ноумед,
Хиромиш наёмад падид аз нувид. 167 б,

**НАВИЛ**[11] пешонӣ бошад ва баъзе гуфтаанд **чакод.** 172-б. (*ниг. муқ.* **тавил**).

**НАВО**[12] панҷ маънӣ дорад: аввал тавонгарӣ ва созгорист. Дуюм, сипоҳ аст. Сеюм, сози хуньёгаронро гӯянд. Чорум пардаест аз пардаҳои мусиқӣ. Панҷум, ба маънии гарав аст, ки ба арабӣ онро **рахн** гӯянд. 166-б.

**НАВОЗ**[13] навохтан бувад. Фаррухӣ гӯяд:

Хоҳӣ ту маро навоз, хоҳӣ манвоз,
Маъшуқи манӣ, то накунӣ кисса дароз. 163 а.

**НАВОИН**[14] шигифт ва турфа ва нав падидомада бувад. 174-а

**НАВОН**[15] ба ду маънист: яке шахсеро гӯянд, ки чизе мехонад ва мечунбад ва ё дар фикру андӯҳ ҷунбише мекунад ва дигар асберо гӯянд, ки ранги ӯ миёни зард ва бӯр бувад 173-а.

**НАВОР**[16] риштае бошад, ки бар хайма дӯзанд. 169-а.

---

[7] Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Кисоӣ, с. 86.

[8] Л. Ф. меваи наврасида бувад, мисол аз Фаррухӣ, с. 482.

[9] Л. Ф. **нуда** фарзанде бувад сахт гиромӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 476.

[10] Л. Ф. навонгашта бошад ва касеро, ки касе огоҳӣ диҳад ва ба **навид** гӯяд, мисоли дигар аз Имора, с. 113; **нувид** |ҷунон бошад, ки касеро боумед кунанд, мисол аз Рӯдакӣ, с. 117. (Дар ҳошия аз нусхаи «нун»; **нувид** ваъда додан бувад ба чизе ва пазируфтан ба некӯӣ, мисоли боло аз шоире, с. 117.

[11] Л. Ф. **тавил** пеши пешонӣ бувад, мисол аз Ғавос, (дар ҳошия тафсири муфассалтар аз нусхаҳои гуногун, с. 314). «Ҷаҳонгирӣ»: **тувил.**

[12] Л. Ф. Яке навои хуньёгарон аст, дигар, тавонгарӣ ва сози кору шуғли мардум ва дигар: касе, ки ӯро ба бари касе бигзоранд, гӯянд: фалонӣ наво аст, яъне гарав аст. Дигар номи пардаест аз пардаҳои мусиқӣ: Хаффоф гуфт:

Ба наво нест хеҷ кор маро,
То дилам назди зулфи ӯ ба навост.

(дар ҳошия қайди тафовути нусхаҳо ва мисолҳои дигари мутааллиқи маъноҳои мухталиф, с. 8).

[13] Дар Л. Ф. ин калима наомадааст.

[14] Л. Ф. бадеъ бошад (Мисол аз Имора, с. 379).

[15] Л. Ф. ҷунбидан бувад бар худ монанди ҷуҳудон рӯзи шанбе (Мисол аз Хисравонӣ, с. 380).

[16] Л. Ф. риштае бошад пахн, ҷаҳорпоёнро бад-он устувор кунанд. (Мисол аз Аббосӣ, с. 147).

**НАВЧАБА**[17] хези об бувад. 175-б.

**НАЁИШ**[18] хоҳиш бувад, яъне офарин ва дуои некӯ ва тазарруъ бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба пирӯзӣ андар наёиш кунед,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунед. 170 б.

**НАЁСТУ*** ганддахон. 174-а, (*ниг. муқ.* **баёсту**).

**НАЖАНГ*** ҳам дом ва ҳам таларо гӯянд. 172-б.

**НАЗЗАКОН*** гадоёни шӯхчашмро гӯянд. 173-б.

**НАКЛ*** Навхоста бувад, ки ҳанӯз ҳатташ барнаёмада бошад. 173-а. (*ниг. муқ.*, **тағил**)

**НАЛК//НИЛК*** Киштан (?) олу бошад аз олуи турши кӯҳиро низ гӯянд. 171-а.

**НАМАТК* (?)** зуъӯр? (заърур — кизил) бувад ба тозӣ ва олуча низ гӯяндаш, сурх бувад ва зард низ бошад дар кӯҳ рӯяд аз дарахт 172-а.

**НАМОД**[19] намуд бувад. 167-б.

**НАМУНА**[20] зишт бошад ва намудори чизеро низ гӯянд. Баҳромӣ гӯяд:

Хуб агар сӯи мо нигаҳ накунад,
Гӯ: «макун шав, ки мо намуна шудем». 174 б.

---

[17] Л. Ф. **нуҷаба** сел бошад, хин **низ** гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Ҳуд туро ҷӯяд ҳама хубиву зеб
Ҳамчунон чун нуҷаба ҷӯяд нишеб, с. 462.

[18] Л. Ф. **ниёиш** дуо ва офарин бувад, мисоли дигар аз Фирдавсӣ. (Ҳошия: Байти боло аз нусхаи «син» — қофия: «кунем»; аз нусхаи «ҷим»: матни шеър мисли боло, с. 209).

* Л. Ф. **баёсту** даҳандара бошад, фиҳо (...?) низ гӯянд, мисол аз Маъруфӣ, с. 414.

* Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. дида нашуд.

* Л. Ф. **наррагон** гадоёни шӯхчашм бошанд, мисол аз Қареъуддаҳр: (дар ҳошия аз нусхаи «ҷим»: **баззагон**(?), с. 355).

* Л. Ф. **тагл** (тагал?) марди навчавон бошад, ки ҳанӯз хат наёварда, мисол аз Тайён, с. 321.

* Л. Ф. **нилк** олуи кӯҳӣ бувад сурх ва хурд ва турш мисол аз Булмуайяд: с. 286.

* **наматк** гахр? бошад. (Ҳошия: зоҳиран **кӯж**) ва гӯянд наматк **заърур** бошад ба тозӣ, мисол аз Қареъуддаҳр:

...Наматку бусеад наздикшон яке бошад.
Аз он ки ҳар ду ба гуна шабеҳи якдигаранд, с. 296.

[19] Л. Ф. **нумод** яъне намуд, мисол аз Унсурӣ, с. 114.

[20] Л. Ф. **нобакор** бувад, мисол аз Унсурӣ ва байти боло мансуб ба Кисоӣ, с. 460.

**НАМЧ**[21] нам бошад, яъне полоиши об ва **захи об** низ гӯянд; Унсурӣ гӯяд:

Санге бе намчу оби бе зоиш,
Бех зи нодон бувад ба орозиш. 167 а.

**НАНК**[22] раз бувад, яъне ток. 172-а. (*ниг. муқ.* **вананг**).
**НАРГ**[23] ҷӯе бувад, ки об ба ҷӯи дигар дузданд. 171-б.
**НАРД**[24] ба ду маънист, яке, бунан дарахт бошад, яъне асли вай ва дигар, он бозие, ки маъруф аст. Қисоӣ гӯяд:

Мардум андархури замона шудаст,
Нард чун шох гашту шох чу нард. 167 *б*.

**НАРХАФЧ**[25] (?) кобус бошад, яъне Абдулчанак (?) 167-а. (*ниг. муқ.* **бархафч**).
**НАСАР**[26] соягоҳ бошад, яъне соябоне бувад бар сари кӯҳ аз чӯбу хошок ва ғайри он Рӯдакӣ гӯяд:

Дур монд аз насари хешу табор,
Насаре сохта бар сари кӯхсор. 169 *б*.

**НАСНОС**[27] ҷонваре бувад чорчашм, сурхрӯи дарозболон сабзмӯй, дар ҳадди Ҳиндустон бувад, чун гӯсфанд вайро сайд кунанд ва хӯранд аҳли ҳинд. 170-а.
**НАСРИН**[28] гули мушкбед бошад. 173-б.
**НАТАРВАН** ва **НАСТАРАН**[29] ҳар ду, гули насринро гӯянд ва он гулест сафедранги мушкини хушбӯй. Рӯдакӣ гӯяд:

---

[21] Л. Ф. нам бошад, ҳамин мисол: «Ҳамчу нодон...», с. 69.
[22] Дар Л. Ф. Ин калима ба ин шакл дида нашуд, шояд **вананг** бошад, ки «сари хӯшаи ангур, ки хӯша аз он об хӯрад», тафсир шуда аст, мисол аз Фаррухӣ, с. 289.
[23] Л. Ф. **барак** рӯдест, мисол аз Хисравӣ, с. 298. *Ва муқ.* **набк** — захи об бувад, с. 309. (?).
[24] **Л. Ф.** яке он аст, ки бозанд, дигар танаи дарахтро хонанд, мисоли боло: Нард чун шоху шох ҳамчун нард. (дар ҳошия аз нусхаи «чим» ва «син» матни мисол мисли матни байти боло, с. 96).
[25] Л. Ф. **бархафч** сикле бувад, ки дар хоб бар мардум афтад ва онро ба тозӣ **кобус** хонанд, мисол аз Оғочӣ, с. 54.
[26] Л. Ф. соягоҳ бошад. Рӯдакӣ гӯяд:

Дур монд аз сарои хешу табор
Насаре сохта бар сари кӯхсор. с. 135.

[27] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 201.
[28] Л. Ф. тахти калимаи **настарван** қайд шудааст, с. 369.
[29] Л. Ф. **настарван** гуле бошад **настаран** гӯянд ва гурӯхе **насрин** гӯянд. ..Насими мушк ояд, Насими настарван. с. 369.

Аз гесўи ў насими мушкин ояд,
В-аз зулфаки ў насимаки настарван. 173 б.

**НАСТУҲ**[30] ситеҳидан бувад ё ситеҳанда, чи дар ҷангу чи дар сухану чи дар корхо. 174-б.

**НАСЕН**[31] мухолиф бувад. 174-а.

**НАТОҒ**[32] қадахе бошад, ки аз он шароб хўранд. 170-б.

**НАФОМ**[33] **(?)** чизе тира ва гардиок ва зиштмисол бувад. Дақиқӣ гўяд:

Бихезад яке тирагард аз наём,
Ки рўй андар он гард гардад нафом. 173 а

**НАФОҒ**[34] қихф бувад ба тозӣ. Шомӣ(?) гўяд:

Ба бода зи дил шуст андўху доғ,
Бихўрду ба ёрони ў шуд нафоғ. 170 б.

**НАФРИН**[35] *зидди* **офарин** аст ва он лаънат бошад. 173-б.

**НАФҒ**[36] нанг бувад. 171-а.

**НАФҶ**[37] касе бошад, ки дар вақти сухан гуфтан об аз даҳони ў меравад. 167-а. *(ниг. муқ.* **буфч).**

**НАХ**[38] ба ду маънист, яке зилўи румӣ бувад, Фирдавсӣ гўяд:

---

[30] Л. Ф. ситеҳанда бошад дар сухан ва корхо; Рўдакӣ гўяд:

Або хуршеди солорони гетӣ
Савори размсозу гурди настўх. с. 450.

[31] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[32] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд. Лекин нафоғ **(нифоғ)**, ки баъд аз ин калима омадааст, низ ба маънии қадаҳ аст. *Муқ.* **нафоғ.**

[33] Л. Ф. **нағом** зиштнамову тирагун ва беравнақ бошад. Мисоли боло: ...Яке тундгард аз миён... (Хошия, аз нусхаи «нун» ва «син»: **нафом,** с. 337).

[34] Л. Ф. **Нифоғ** кихф бошад, мисол аз Кисоӣ. Мисоли дигар аз Абўшакур:

Ба бигмоз биншаст ба миёни боғ,
Бихўрду ба ёрони ў шуд нифоғ.

Хошия: **қихф** ба касри «қоф» ба арабӣ ба маънии устухони косаи сар аст ва маҷозан ба зарфе чўбин, ки шабеҳ ба он бошад, низ **қихф** мегўянд, с. 234).

[35] Л. Ф. дуои бад, мисол аз Дақиқӣ, с. 382.

[36] Л. Ф. **нафғ** (?) танг (?) бувад, мисол аз Асҷадӣ: дар мисол маънии «нанг» муносибтар аст.

[37] Л. Ф. **бафч** хеви даҳони мардум бошад, мисол аз Шаҳид. (Дар хошия аз «ҷим»; касе ки ба вақти сухан гуфтан хаза аз даҳан меояддаш, гўянд: бафчаш хамешавад, с. 63).

[38] Л. Ф. **нах** се гуна аст, яке танфаса дигар, **зелў,** дигар, тори ресмон, мисол аз Унсурӣ ва байти якўми боло низ мансуб ба Унсурист, с. 79—80. **Нах**-и дигар, ресмони бофта бувад аз абрешим, мисол аз Фирдавсӣ, байти дуюм, с. 82.

Бичӯшид лашкар чу мӯру малах,
Кашиданд аз кӯх то кӯх нах.

Ва дигаре ба маънии тори ресмон бошад. **Фирдавсӣ гӯяд:**

Гудозанда ҳамчун тирози нахам,
Ту гӯй ки дар пеши оташ яхам. 167 б.

**НАХЕЗ**[39] каминигоҳ бувад. Асчадӣ гӯяд:

Яке аз чаҳони чиҳанда чу боде,
Яке аз нахезе газанда чу море. 169 б.

**НАХЛА**[40] наълайн бошад (?) ва гурӯҳе ассорро гӯянд. 175-а.

**НАХЧИР**[41] шикор. 169-а.

**НАХҶ**[42] гиёҳе бошад ба дашт, ки хоки замин бад-он рӯбанд, мисли ҷорӯб. 167-а.

**НАХЧАЛ**[43] ба сари ду нохун андоми касе гирифтан, чунон-ки ба дард ояд ва ба тозӣ онро **қараз** гӯянд ва ба туркӣ **чимдӣ** ва кирмониён **таранҷӣ** гӯянд ва дар Исфаҳон **нашканҷ** ва дар ҳар шаҳре ба номе хонандаш. 173-а.

**НАХҶИРВОЛ**[44] нахҷирангез бувад. 173-а.

**НАШАЛ**[45] даровехтан бошад аз ҷое. 173-а. *(ниг. муқ.,* **башал).**

**НАШБИЛ**[46] шасти моҳӣ бошад ва олате, ки бад-он хурмо гиранд аз дарахти хурмо, чун қуллоб бувад. 172-б.

**НАШИБ**[47] паст бувад. 166-б.

**НАШИМАН**[48] ошён, яъне ҷою мақоми бошиши боз бувад ва дигар мурғонро низ. 174-а.

---

[39] Л. Ф. ҳамин шакл, маъниву мисол: яке аждаҳои даманда..., с. 170.

[40] Ин калима дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд.

[41] Дар Л. Ф. наомадааст. Калимаи **нахчирвол** ба маънии **нахчирангез** қайд шудааст, с. 320. Дар «Ҷаҳонгирӣ» 1. шикор, 2. ҳар ҷонвари шикорӣ; бузи кӯҳӣ, с. 210-а.

[42] Л. Ф. гиёҳе дурушт бошад, ки хокрӯбон бад-он замин рӯбанд, мисол аз Тайён, с. 70.

[43] Л. Ф. нашканҷ бувад, яъне ба ду ангушт гирифтан ва ба ду нохун фушурдан бувад ва ба тозӣ **қараз** хонанд, мисол аз Оғоҷӣ, с. 314.

[44] Л. Ф. Ҳамин маънӣ, мисол аз Фаррухӣ, с. 320.

[45] Л. Ф. **бишил** биёвез; гӯянд: дарбишил, яъне даровез, мисол аз Бӯшакур ва Абулқосими Муаддаб, с. 317.

[46] Л. Ф. **нашпил** шасти моҳӣ бошад, яъне дом, мисол аз Мунҷик, с. 318.

[47] Ин калима дар Л. Ф.

[48] Л. Ф. **нишеман** ҷой ва мақоми мурғон бувад, мисол аз Фаррухӣ, с. 359.

**НАШҚ** ва **НАШАНГ**[49] дарахти **нож** ва **нуж** бошад. 172-а (*ниг. муқ.* **нуж** ва **нож)**

**НАШКАЛИД**[50] яъне нишону рахнаи сари нохуи ва ангушт афканд. *(ниг. муқ.* **бишкалид).** Шеър:

Ёсумани лаълпӯш, савсани гавҳарфурӯш
Бар заъфҳи пилгӯш нукта заду нашкалид. 168 а.

**НАШКАРДА**[51] дастафзори кафшдӯз ва мӯзадӯз бувад. 174-б.

**НАШКАНҶ**[52] Фаро гирифтан бувад, ба сари ду нохуи аз андом ва тан ва рӯи касе, чунонки дард кунад ва ба тозӣ онро қараз гӯянд. 167-а.

**НАЮША // НИЮША**[53] гӯш фаро доштан ба чое ва ниюшидани чизе бувад аз касе ва ба маънии гиристани нарм-нарм дар гулӯ низ омада. 175-а.

**НАҒЗ**[54] латифу хуб ва чобуку некӯ бошад. 169-б.

**НАҒНАҒ//НУҒНУҒ**[55] тағоре ё чизе бошад, ки бад-он ғалла паймоянд, яъне **кел** ва онро **қафиз** гӯянд, яке аз вай чаҳор харвор бувад ба Мовароуннаҳр. 171-а.

**НАҲАНБАН**[56] сари дегу танӯр. 174-а.

**НАҲАНГ**[57] он аст, ки ба тозӣ **тимсоҳ** гӯянда, дар дарёи Нил бошад ва мардумро ба як бор фурӯ барад. 172-б.

**НАҲИБ**[58] тарсу бим бошад. 166-б.

**НАҲМОН**[59] ба маънии якборагӣ ва ҳамеша бувад. 173-б.

---

[49] Л. Ф. **нашк** дарахти нож бошад. Рӯдакӣ гӯяд:

Он ки нашк офариду сарву сиҳӣ,
В-он ки бед офариду нору биҳӣ, с. 264:

**Нож** ва **нӯж** дарахте бувад монанди сарв, мисол аз Лабибӣ, с. 174.

[50] Л. Ф. **бишкалид,** ҳамин маънӣ ва мисол, с. 109.

[51] Л. Ф. **нишкарда,** ҳамин маънӣ, аз Кисоӣ, с. 54.

[52] Л. Ф. **нишканҷ** ба нохун гирифтан бувад, мисол аз Унсурӣ, с. 65, *ниг.* **нахчал.**

[53] Л. Ф. **ниюш** ва **ниюша** хурӯш бошад, ки аз гиристан хезад нарм-нарм, мисол аз Шокири Бухорӣ ва Тоҳири Фазл; **ниюш** ва **ниюшан** дигар, гӯш додани сухан бошад, мисол аз Фирдавсӣ ва Рӯдакӣ, с. 516—517 ва инчунин дар с. 443.

[54] Л. Ф. чизе бадеъ ва аҷиб бошад, мисол аз Хисравӣ ва Бӯшакур, с. 175.

[55] Л. Ф. **нағнағ** ҳамчун қафизе бошад. Мисол аз Абулаббос, с. 237. (Дар ҳошия аз нусхаи «чим» мисли матни Убаҳист).

[56] Л. Ф. **ниҳанбан** сари дег ва кӯзаҳо ва танӯр бувад, мисол аз Кисоӣ, с. 391.

[57] Дар Л. Ф. наомадааст.

[58] Л. Ф. **наҳиб** тарс бувад, мисол аз Имора, с. 27.

[59] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд. Дар «Ҷаҳонгирӣ» маънои дуюми калимаи «наҳмор» — якборагӣ ва ҳама тафсир шуда, байти зерини Мухторӣ оварда мешавад:

Наҳмори ҷаҳон чун асари хотири ман гашт,
То зевари инъоми ту барбаст басотин. с. 675-б.

**НАҲМОР**[60] азим ва бекарона ва бисёрро гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Гунбази наҳмор бар бурда баланд,
Н-аш сутун аз зеру н-аз бар сар-ш банд, 169 а.

**НАҲНОНА**[61] кулича ва нони сафед бувад. 175-б *(ниг. муқ.* **пиҳнона)**

**НАҲОД**[62] расму оинро гӯянд ё биное созанд ё қондае, ки набуда бошад, ниҳанд. Шоир гӯяд:

Худой арши чаҳонро чунин ниҳод наҳод,
Ки гоҳ мардум аз ӯ шодмону гоҳ ношод. 168 а.

**НАҲОЗ**[63] пешрави рама бувад, яъне бузе бошад, ки дар пеши гала равад ва ба тозӣ **қоил** гӯянд ва сарварону пешравонро низ ба истиорат гӯянд. 169-б.

**НАҲОЛА**[64] чое бувад, ки дар кӯҳ кунанд, ниҳонӣ сайёдон аз барои сайд гирифтан, то нахчир эшонро набинад ва онро **камингоҳи сайёдон** хонанд. 175-б.

**НАҲОЛӢ**[65] он аст, ки ба тозӣ **матраҳ** хонанд ва бар садри сафҳо афкананд ва **дист** низ хонандаш. 175-б.

**НАҲОР**[66] коҳишу гудозиши тан бошад. Баҳромӣ шоир гӯяд:

Малик бирафту аломат бар он сипоҳ намуд,
Бад-он замон ки охир наҳор кард наҳор. 169 а.

**НАҲОРИД**[67] яъне битарсид аз чизе ё аз касе. 168-б.

**НАҲОРӢ**[68] таоми ношто бошад, яъне каммоя таоме бувад, ки пеш аз таоми тамоммоя хӯранд ва гӯянд **наҳорӣ кунем,** то

---

[60] Л. Ф. чун азим бошад агар кор бувад агар чизе ва шигифти бисёр аст ва гоят,ҳамин мисол, с. 123.

[61] Л. Ф. **беҳнона** куличаи нони сапед бошад, яъне нони беҳ, мисол аз Ҳаққоқ, с. 497.

[62] Л. Ф. **ниҳод** расму оин бошад, шеъри боло аз Рӯдакӣ:
«...мардум шодону гоҳ бувад ношод», с. 118.

[63] Л. Ф. **нуҳоз** пешрави рама бошад чун аркоч (?), мисол аз Хисравӣ, с. 167.

[64] Л. Ф. камингоҳ бувад, ки нахчирбонон дар он чойгоҳ созанд, то нахчир набинад, мисол аз Абӯ Тоҳир, Шӯхраи Офоқ ва Фаррухӣ, с. 430.

[65] Ин калима ба ин шакл дар Л. Ф. дида нашуд.

[66] Л. Ф. **ниҳор** коҳиш бувад, байти боло мансуб ба Фаррухӣ... Бад-он замон ки басечи ниҳор кард ниҳор; с. 151.

[67] Л. Ф. **нуҳозид** чунон бошад, ки гӯӣ: битарсид аз касе ё аз чизе, мисол аз Тайён, с. 105.

[68] Л. Ф. андакмоя таоме бувад, ки бихӯранд ва гӯянд **наҳорӣ кунем,** то таоме дигар расидан, чунонки баъзе дигар гӯянд, **сафро бишканем,** аз он сабаб, ки ноҳор бошад, яъне ношто, ки чун он хӯранд, онро наҳорӣ гӯянд, яъне ношто шуд, мисол аз Хаффоф, с. 518.

таоми дигар бирасад ва **нахорӣ** аз он сабаб гӯянд, ки нохор буда бошанд, ки ин таоми каммоя хӯранд. 176-а.

**НАХЧИЗ**[69] печидан бошад. 169-б.

**НАЧОР**[70] **(?)** ғанчор бувад, яъне гулгуна. 169-а.

**НЕВ**[71] марди далер ва мардона бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

> Чи Тӯсу чи Гударзу Гишводи Гев
> Чи Гургину Фарходу Бахроми нев. 174 а.

**НИЕ**[72] падари падар ё падари модар бувад, ки онро **чадд** гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Набера, ки чанг оварад бо ниё,
> Ҳам аз аблахӣ бошаду кимиё. 166 а.

**НИЁЗ**[73] дӯст бувад. 169-б.

**НИЁЗМАНД** ва **ҲОЧАТМАНД**[74] якест ва ҳочатманд муштарак аст миёни тозӣ ва форсӣ, зеро ки **ҳочат** тозист ва **манд** форсӣ. 168-б.

**НИЖАНД**[75] андӯхгин бувад. 168-а.

**НИЖОД**[76] аслу насаб бошад, чуночи Фирдавсӣ гӯяд:

> Бипурсид аз ӯ паҳлавон аз нижод.
> Бар ӯ ик ба ик сару бун кард ёд. 168 а.

**НИЗМ**[77] мег бошад, яъне бухори замин, ки ба тозӣ забоб гӯяндаш. 173-а.

**НИЙРАНГ**[78] нақш ва ҳаюлои ҳар чи бошад ва нақкошон чун нақше бикашанд, аввали нийранг кунанд, баъд аз он нақш ку-

---

[69] Дар Л. Ф. дида нашуд, дар «Чаҳонгирӣ» низ.

[70] Л. Ф. **бухор (бахор)** ғанчор бувад, яъне гулгуна Шоир гуяд:

> Боғро ҳар сол чун хуро биёроянд ба зеб
> Ин бар он созад бахору ӯ бар он молад бухор. с. 159.

«Чаҳонгирӣ»; **начор** гулгуна бошад, ки занон бар рӯй моланд, с. 198-а.

[71] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, ба чои «чи» — «чу», с. 412.

[72] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, ба чои кимиё — кониё, (дар ҳошия аз нусхаи «син» ва «чим»: «кимвё», с. 6).

[73] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 186.

[74] Ин калимаҳо дар Л. Ф. дучор нюмадаанд.

[75] Ин калима дар Л. Ф. дида нашуд.

[76] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол, ва инчунин мисоли дигар аз Абӯшакур, с. 115.

[77] Л. Ф. **назм** он бухор бувад, ки ба тозӣ **забоб** гӯянд, мисол аз Унсурӣ, с. 343.

[78] Л. Ф. **нийранг** нийранч бувад, мисол аз Фаррухӣ. **Нийранги** дигар, ранг бошад, ки нигоргарон зананд, мисол аз Фаррухӣ, с. 288.

нанд (*ниг. муқ.* **перанг**) ва афсуну ҳилат ва ҷодуиро низ гӯянд. Унсурӣ гӯяд:

> Ба гирди гардан нийранг сохтӣ бисёр,
> На бӯй мондат ва на ранг чанд аз ин нийранг. 171 б.

**НИЙРАНҶ**[79] достон. 167-а.

**НИКӮ** ва **НЕКӮ**[80] ҳар ду, маъруф аст. 174-а.

**НИКӮҲИДА**[81] айбкарда бувад ва ба тозӣ онро **мазмум** хонанд. 174-б.

**НИКӮҲИШ**[82] *зидди* **ситоиш**, яъне мазаммату сарзаниш ва маломат кардан бувад. Унсурӣ гӯяд:

> Агар рӯзе аз ту ниҷӯҳиш кунанд,
> Ҳама мардумон-т никӯҳиш кунад. 170 б.

**НИМЛИНГ**[83] камондонро гӯянд, ки **қирбон** бошад. 171-б.

**НИРӮ**[84]//**НЕРУ** зӯр ва қуввату шавкат бошад. 174-а.

**НИСК**[85] ба ду маънӣ аст, яке адас бувад ва дигар ҷузвест аз ахбори китоби габрон ва ҳамчун Қуръон сура-сура аст ва онро ҷузв-ҷузв хонанд дар ҳар вақте. 172-а.

**НИСТА**[86] / / **НЕСТА** Ба ҷои «нест» шояд гуфт; Кисоӣ гӯяд:

> Ос шудам зери осиёи замона,
> Ниста ходам шудан (ҳаме) ба карона. 175 а.

**НИСӮ**[87] / / **НЕСӮ** ништар бувад. 174-а.

**НИЮГ** / / **НИЮК**[88] арӯс бошад ва арӯсиро **нию́конӣ** гӯянд. 171-а. (*ниг. муқ.* **буюк** / / **буюг, буюконӣ**)

**НИЮШ**[89] гӯш кардан ва шунидани чизе бошад, яъне **бишнав**. Шеър:

---

[79] Л. Ф. **нийранг нийранҷ** бувад. «Ҷаҳонгирӣ»: **нийранҷ** ва **нийранг** макру ҳила ва сеҳру афсун. с. 726-б.

[80] Дар Л. Ф. наомадааст.

[81] Л. Ф.**никӯҳида** ғайбаткарда бувад, мисол аз Хоҷа Саноӣ, с. 507.

[82] Л. Ф. никӯҳиш ба тозӣ **замм** бувад, ду мисол, аз ҷумла байти боло мансуб ба Бӯшакур, с. 219.

[83] Л. Ф. **нимланг** камондон бувад, яъне кирбон ва **шаго** тирдон бувад, яъне кеш, мисол аз Фаррухӣ, с. 264.

[84] Л. Ф. зӯру қуват бошад, мисол аз Унсурӣ, с. 416.

[85] Л. Ф. **нуск** адас бувад, мисол аз Мунҷик. **Нуски** дигар, ҷузве бувад аз китоби габрон ва ҳамчун қуръон сура-сура бувад ва он ҷузвро нуск хонанд, мисол аз Хисравонӣ, с. 265.

[86] Л. Ф. ба ҷои **нест** бувад, ҳамин мисол, с. 451.

[87] Л. Ф. **нишу** ништар бошад, мисол аз Абулаббос, с. 416.

[88] Л. Ф. **Баюг** арӯс бувад, мисол аз Рӯдакӣ, с. 278. **Баюгонӣ** арӯсӣ бувад ва баюх арӯсро хонанд, мисол аз Унсурӣ, с. 528.

[89] Л. Ф. **нинюш** ва **нинюша** гӯш додани сухан бошад, мисол аз Фирдавсӣ ва Рӯдакӣ, с. 217.

Он чаҳонро бад-ин чаҳон мафрӯш,
Гар сухандоні, ин сухан бинюш. 170 б.

**НИҲОЛ**[90] шохе бошад тару сабз, ки аз бехи дарахт барчаҳад ва гуфтаанд дарахти хурди навнишонда бувад. Унсурӣ гӯяд:

Ба як моҳ боло гирифт он ниҳол,
Фузун з-он, ки дигар дарахтон ба сол. 172 б.

**НОБ**[91] холису беғаш ва беомезиш бошад. Унсурӣ гӯяд:

Гуфтам: «Зи чист бар рухат он зулфи пур зи тоб»,
Гуфто: «Ба бӯю ранг абир асту мушки ноб».

Ва дандони бузурги мору филу шеру гургро гӯянд ва дандони пеши гурозро низ гӯянд. 166-б.

**НОВ**[92] бастан чӯбин бувад, яъне **нова.** 174-а.

**НОВАРД**[93] **I** разм ва размгоҳ, яъне чанг ва муборизат бошад. 168-а. (*ниг.* **новард**-и дигар).

**НОВАР**[94] **II** низ разму размгоҳ, яъне чангу муборазат бошад ва гирд гаштани асб аст чун доира. Фирдавсӣ гӯяд:

Ниҳоданд овардгоҳе бузург,
Ду чангӣ ба кирдори ораға гург.
Ба овардгоҳ шуд сипаҳ паҳлавон,
Ба қалб андаруи бо гурӯҳи гарон,
Зи нозардч оварди ӯ дар набард,
Расад то ба гардуни гарданда гирд. 168 б.

**НОГУВОР** ва **НОГУЗОР**[95] ҳар ду ба маънии имтилоъ бошад аз бисёр хӯрдан. 169-а.

**НОЗ**[96] карашма бувад. 169-б.

**НОЗАНИН**[97] маъшуқаи бакарашма бувад. 173-б.

**НОИЗА**[98] ба се маънист, яке об чакидан бувад. Унсурӣ гӯяд:

---

[90] Л. Ф. **нахол** дарахти навнишонда бувад, ҳамин мисол, с. 312.
[91] Л. Ф. холис бошад беғаш, мисоли дигар аз Фаррухӣ, с. 23.
[92] Л. Ф. **нова** пуштае бошад чӯбин. Хучиста гуфт:

Баргир каланду табару тешаву нова,
То нова кашӣ, хор занӣ гирди биёбон. с. 499.

[93] *Ниг.* **новард**-и дигар.
[94] Л. Ф. **новард** овард бошад, мисол байти дуюм, аз абёти боло, с. 98.
[95] Л. Ф. **ногувор** тухма (имтилоъ) бошад, мисол аз Зайнабӣ, с. 142.
[96] Дар Л. Ф. қайд нашудааст.
[97] Дар Л. Ф. наомадааст.
[98] Л. Ф. об чакидан бувад, мисол аз Унсурӣ, с. 509.

На аз хобу аз хӯрд будаш маза,
На бигсист аз чашми ӯ ноиза.

Ва дигар наи борики муҷаввафу, ки **мошура** созад ҷулоҳа ва ҷавфи муҷаввафи анбоичаи миҳқадаро низ гӯяд. 175-а.

**НОК**[99] ба ду маънӣ аст, яке олати лафзист ва он «нун» ва «алиф» ва «коф» аст, ки дар охири калимаи асмоъ маънии наът диҳад, чунонки «ханданок» ва «ғамнок» ва «саҳмнок» ва «ҷоман парзнок ва табнок ва хокиранок?», ва дигар, мушке бошад мағшуш ба ҷигари сӯхта, яъне ба ҷигар сиришташуда ва анбару кофур ва ҳар тийбе, ки бувад. 172-а.

**НОЛ**[100] найи борик бошад ва гӯянд дар миёни қалам аст. 172-б.

**НОЛА**[101] овози борик. 175-а.

**НОНИ ҚАШҚИН**[102] он нон бувад, ки аз ҷав ва боқлӣ ва нахӯд ва гандум ва ҳар лавне ба як ҷо ҷамъ карда бувад. 173-б.

**НОНИЮШОН**[103] ба маънии ноғоҳ бошад. 173-б.

**НОРАНГ**[104] норинҷ аст. 173-б.

**НОРВАН**[105] чӯбест сахт ва бештар рост болад ва аз ӯ пешаварон дастафзорҳо созанд ва ӯ бар шакли чинор бувад. 174-а.

**НОРВАНД**[106] норван. 168-б.

**НОЧАХ**[107] синоне бошад, ки сари ӯро ду сурох бувад монанди зӯбин (жӯбин). 167 б.

**НОҒӮШ**[108] сар дар об бурдан бошад. 170 б, *(ниг. муқ.* **поғуш).**

**НОҲИД**[109] Зӯҳра. 168-б.

---

[99] Л. Ф. олати лафз ва мушки мағшушро низ гӯянд. Рӯдакӣ гӯяд:

Кофури ту болус буду мушки ту нок
Болуси ту кофури ту мағшуш бувад.

Ва болус кофури мағшуш бошад. с. 252.

[100] Л. Ф. най бошад ва аз он найза бештар кунанд, мисол аз Фаррухӣ, с. 312.

[101] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[102] Л. Ф. (ноне) аз боқлӣ ва гандум ва нахӯд ва ҷав, аз ҳар навъе ба ҳам карда ва пухта бувад, мисол аз Рӯдакӣ, (дар ҳошия аз нусхаи «нун» шабеҳи матни Ӯбаҳӣ, с. 365).

[103] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[104] норинҷ бувад, мисол аз Фаррухӣ, с. 262.

[105] Л. Ф. дарахтест рост ва чӯбаш сахт, ки пешаварон олот созанд, мисол аз Фаррухӣ, с. 369.

[106] Л. Ф. норван, с. 369.

[107] Ин калима дар Л. Ф. дида нашуд.

[108] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 220.

[109] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 112.

**НОҲОР**[110] ношто бошад ва гуруснан якрӯзаро низ гӯянд, чунонки Фирдавсӣ гӯяд:

Ниходанд хону бихандид шох.
Ки нохор будӣ ҳамоно ба роҳ. 168 б.

**НУВАНДА**[111] тезфаҳм бувад. 175-б.
**НУГУН**[112] Маъруф аст. 173-б.
**НУЖ** ва **НОЖ**[113] дарахтест монанди сарв ва бори ӯ (чун) турунче бувад кӯчак, айба-айба чу айбаи ҷавшан ва гуфтаанд дарахти **коч** аст. 170 а.
**НУЗУР**[114] коригарӣ бувад. 169-а.
**НУКС**[115] ангур бошад. 170-а (*ниг. муқ.* **тагас // такас, такиж**).
**НУН**[116] ба маънии акнун бувад. 173-б.
**НУС**[117] пӯз бувад, яъне гирдогирди даҳон аз берунсӯ ва иборатро низ гӯянд. 170-а.
**НУСА**[118] қавси қузаҳ бувад, яъне камони Рустам, ки дар баҳорон намояд. Хусравонӣ гӯяд:

Аз бод кишт бинӣ чун обӣ мавҷ-мавҷ,
В-аз нуса абр бинӣ чун ҷузъ ранг-ранг 175 а.

**НУФА**[119] овози баланд бошад. 174-б.
**НУҒУШО**[120] мазҳабест дар кеши габрони шомӣ(?) Шоир гӯяд:

---

[110] Л. Ф. ношто бошад, ки ҳанӯз чизе нахӯрда бошад, ҳамин **мисол аз** Фирдавсӣ, с. 123.
[111] Л. Ф. **наванда**, ҳамин маънӣ, мисол аз Юсуфи Арӯзӣ, с. 475.
[112] Л. Ф. **нигун** нигунсор бошад, мисол аз Абӯшакур, с. 383.
[113] Л. Ф. **нож** ва **нуж** дарахте бувад монанди сарв, мисол аз Лабибӣ, (дар ҳошия аз нусхаи «син» ва «нун» мисли тафсири Убаҳӣ, с. 174).
[114] Л. Ф. коргарӣ бувад. Шеър:

Аз нузуре хеш доно бошад ӯй,
Бо кас ӯро роз нест аз хеч рӯй. с. 165.

[115] Л. Ф. **такаж** устухони ангур бувад, баъзе **такас** хонанд, мисол аз Лабибӣ ва Абулаббос, с. 179. **Такас** ва **такаж** донаи ангур бувад, мисол аз Бахромӣ, с. 192.
[116] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Имора, с. 383.
[117] Л. Ф. пӯз бувад, яъне берун ва даруни даҳан, мисол аз Рӯдакӣ, с. 196.
[118] Л. Ф. қавси қӯзаҳ бошад, ҳамин мисол, с. 441.
[119] Л. Ф. овози баланд бувад ва **харнила** низ гӯянд, мисол аз Иброҳими Баазоз, с. 502.
[120] Л. Ф. **Нигушо** — мазҳаби габрон аст, чунонки Дақиқӣ гӯяд:

То майл кард бо мо аз мазҳаби Нигушо
Он Зардиҳушт к-ӯ буд устоди пешдоро.

Дар мисраи охир: «к-эзид буд он на Мушо...» (дар ҳошия қайди тафовути нусхаҳои гуногун, с. 6).

Таъвил кард аз эзид он мубдаи нуғушо,
Аз Зардидушт гуяд устон пеш доро.
Боз омаданду гуфтанд аз умматони Мӯсо,
Қ-эзид буд он ва Мӯсо бар кӯҳи Тури Сино. 165 а.

**НУҒУШОК**[121] ҷуҳудро гӯянд ва касе, ки аз мазҳаби габрон аст ва бар миллати Иброҳим бошад. Шеър:

Сухангӯй гаштӣ, Сулаймон-т кард,
Нуғушок будӣ, мусулмон-т кард.171 б.

**НУҲАМ**[122] бузургию беҳамто ва қоматбаланду сахт захим бувад (*ниг. муқ.* **туҳм** ва **туҳам**).

**НУҲӮР**[123] ба ғазаб нигаристан бувад. 169-а.

**НӮГ**[124] тезии қалам бошад, яъне сари қалам. Шеър:

Агар сим хоҳӣ зи ман ё дирам,
Фароз оварам ман ба нӯги қалам.

Ва сари мижаи чашм ва синон ва оҳане ки бар бинии мӯза зананд, ҷиҳати мӯҳкамӣ, онро низ **нӯг гӯянд**. 171-б.

**НӮДА**[125] фарзанди фарзанд бошад. 175-б.

**НӮЖОН**[126] бонге бошад ба саҳму ҳайбат. 173-б.

**НӮЗ**[127] ба маънии ҳанӯз бошад. Шоир гӯяд:

Бад-ӯ гуфт к-эй пушти бахти ту кӯз,
Касе аз шумо зинда мондаст нӯз? 169 б.

**НӮЛ**[128] нӯс бувад, яъне гирдогирди беруни даҳон. 172 б.

---

[121] Л. Ф. Ниғушок мазҳаби габрон аст, ҳамин мисол аз Бӯшакур, с. 251.

[122] Л. Ф. **таҳм** беҳамто бувад ба бузургии ҷисм ва қомат, мисол аз Дақиқӣ ва Фирдавсӣ, с. 338.

[123] Дар Л. Ф. дида нашуд. «Ҷаҳонгирӣ»: нуҳӯр-ба маънии чашм ва нигоҳ — ҳар ду омада. Ҳаким Сӯзанӣ гуфта:

Ту он сарӣ, ки шуморанд хоки пои туро
Сарону мӯҳташамон тутиёи тул (нурӣ?) нуҳӯр.

(Ва дар баъзе аз нусах ба ҷои «нун» — «ё»-и муваҳҳада марқум аст. с. 676-б).

[124] Л. Ф. **навк** сари каламҳо бошад ва сари тир ва найза ва силоҳҳои бурранда, мисол аз Мунҷик ва байти боло аз Бӯшакур, с. 292.

[125] Л. Ф. Фарзанде бувад сахт гиромӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 476. *Муқ.* **Навзара**(?).

[126] Л. Ф. Рӯд(хонак) бо бонгу саҳм бувад, мисол аз Мунҷик, с. 389.

[127] Л. Ф. ҳанӯз бошад. Мусанниф гӯяд: (Байти боло, с. 171).

[128] Ин калима дар Л. Ф. дида нашуд.

**НӮС**[129] қавси кӯзаҳро гӯянд. Шеър:

Аз бод кишт бинӣ чун оби мавҷ-мавҷ,
В-аз нӯс абр бинӣ чун ҷузъи ранг-ранг. 170 а.

**НӮФ**[130] овозе бошад, ки дар кӯҳ ё ҷои дигар кунанд бинанд ҳамон овоз боз ояд ва ба тозӣ онро **садо** хонанд ва сагро, ки ба шаб овоз кунад, гӯянд: «Менӯфад». Унсурӣ гӯяд:

Аз таки асбу бонгу наъраи мард,
Кӯҳ пурнӯф шуд, ҳаво пургард. 171 а.

**НӮФОҒ**[131] номи шаҳрест. 171 а.

**НӮШ**[132] асал бувад ва ба маънии омадан (?) ва нӯшидан низ омадааст. 170 б.

**НӮҲ** нӯҳ бувад. 174 б.

## О

**ОБАШТАНГОҲ // — ОБИШГОҲ**[1] (ҳар ду) мутаваззоро гӯянд, яъне халоҷой. Шоир гӯяд:

На ҳаме бозшиносанд абир аз саргин
На гулистон бишиносанд з-обаштангоҳ. 21 а.

**ОБГИР**[2] обдон. 13 а.

**ОБИСТАН** ҳомила шудан бувад. 20-а.

**ОБИСТО** ва **ИСТО**[3] ҳар ду, тафсири Занд аст ва Занду Позанд ду китоб аст аз суҳуфи Иброҳим алайҳиссалом. 8 а.

**ОБИШХУР**[4] ҷое бошад, ки мардуму вуҳуш ва ончи бад-ин монад об аз он ҷо хӯранд. Фирдавсӣ гӯяд:

Ҷаҳондор Маҳмуд, шоҳи бузург,
Ба обишхӯр орад ҳаме мешу гург. 14 а.

---

[129] Л. Ф. **нуса** ҳамин маънӣ ва мисол аз Хисравонӣ, с. 441; *ниг. Ӯбаҳӣ:* **Нуса.**

[130] Л. Ф. бонг бувад ва садоро низ гӯянд, мисоли боло, с. 246.

[131] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[132] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[1] Дар Л. Ф. **обиштангоҳ**, мисол аз Каръ-уд-даҳр, с. 424. Дар «Ҷаҳонгирӣ» **обиштан** — нуҳуфта ва пӯшида доштан. (Дар ин сурат маънои луғавии ин калима нуҳуфтгоҳ мешавад, ки халоҷой ё шустангоҳ гуфтан аст. **Мутаваззо**-и арабӣ низ ҷои шустанро ифода мекунад).

[2] Дар Л. Ф. Мисол аз **Имора**, с. 144.

[3] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд. Калимаи **афдсито** — калимаест мураккаби паҳлавӣ: **афд** шигифт бошад ва сито-ситоиш, с. 5.

[4] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд.

Таъвил кард аз зэид он мубдаи нуғушо,
Аз Зардидушт гӯяд устои пеш доро.
Боз омаданду гуфтанд аз умматони Мӯсо,
Қ-эзид буд он ва Мӯсо бар кӯҳи Тури Сино. 166 а.

**НУҒУШОК**[121] ҷуҳудро гӯянд ва касе, ки аз мазҳаби габрон аст ва бар миллати Иброҳим бошад. Шеър:

Сухангӯй гаштӣ, Сулаймон-т кард,
Нуғушок будӣ, мусулмон-т кард.171 б.

**НУҲАМ**[122] бузургию беҳамто ва қоматбаланду сахт захим бувад (*ниг. муқ.* **тухм** ва **туҳам**).

**НУҲӮР**[123] ба ғазаб нигаристан бувад. 169-а.

**НӮГ**[124] тезии қалам бошад, яъне сари қалам. Шеър:

Агар сим хоҳӣ зи ман ё дирам,
Фароз оварам ман ба нӯги қалам.

Ва сари мижаи чашм ва синон ва оҳане ки бар бинии мӯза зананд, ҷиҳати мӯҳкамӣ, онро низ **нӯг** гӯянд. 171-б.

**НӮДА**[125] фарзанди фарзанд бошад. 175-б.

**НӮЖОН**[126] бонге бошад ба саҳму ҳайбат. 173-б.

**НӮЗ**[127] ба маънии ҳанӯз бошад. Шоир гӯяд:

Бад-ӯ гуфт к-эй пушти бахти ту кӯз,
Касе аз шумо зинда мондаст нӯз? 169 б.

**НӮЛ**[128] нӯс бувад, яъне гирдогирди беруни даҳон. 172 б.

---

[121] Л. Ф. Ниғушок мазҳаби габрон аст, ҳамин мисол аз Бӯшакур, с. 251.

[122] Л. Ф. **тахм** беҳамто бувад ба бузургии ҷисм ва қомат, мисол аз Дақиқӣ ва Фирдавсӣ, с. 338.

[123] Дар Л. Ф. дида нашуд. «Ҷаҳонгирӣ»: **нуҳӯр**-ба маънии чашм ва нигоҳ — ҳар ду омада, Ҳаким Сӯзанӣ гуфта:

Ту он сарӣ, ки шуморанд хоки пои туро
Сарону мӯҳташамон тутиёй туи (нурӣ?) нуҳӯр.

(Ва дар баъзе аз нусах ба ҷои «нун» — «ё»-и муваҳҳада марқум аст. с. 676-б).

[124] Л. Ф. **навк** сари қаламҳо бошад ва сари тир ва найза ва силоҳҳои бурранда, мисол аз Мунчик ва байти боло аз Бӯшакур, с. 292.

[125] Л. Ф. Фарзанде бувад сахт гиромӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 476. *Муқ.* **Навзара**(?).

[126] Л. Ф. Рӯд(хонии) бо бонгу саҳм бувад, мисол аз Мунчик, с. 389.

[127] Л. Ф. ҳанӯз бошад. Мусанниф гӯяд: (Байти боло, с. 171).

[128] Ин калима дар Л. Ф. дида нашуд.

**НУС**[129] қавси кӯзаҳро гӯянд. Шеър:

> Аз бод кишт бинӣ чун оби мавҷ-мавҷ,
> В-аз нус абр бинӣ чун чузъи ранг-ранг. 170 а.

**НӮФ**[130] овозе бошад, ки дар кӯҳ ё ҷои дигар кунанд бинанд ҳамон овоз боз ояд ва ба тозӣ онро **садо** хонанд ва сагро, ки ба шаб овоз кунад, гӯянд: «Менӯфад». Унсурӣ гӯяд:

> Аз таки асбу бонгу наъраи мард,
> Кӯҳ пурнӯф шуд, ҳаво пургард. 171 а.

**НӮФОГ**[131] номи шаҳрест. 171 а.

**НУШ**[132] асал бувад ва ба маънии омадан (?) ва нӯшидан низ омадааст. 170 б.

**НУҲ** нӯҳ бувад. 174 б.

## О

**ОБАШТАНГОҲ // — ОБИШГОҲ**[1] (ҳар ду) мутавазорo гӯянд, яъне ҳалочой. Шоир гӯяд:

> На ҳаме бошиносанд абир аз саргин
> На гулистон бишиносанд з-обаштангоҳ. 21 а.

**ОБГИР**[2] обдон. 13 а.

**ОБИСТАН** ҳомила шудан бувад. 20-а.

**ОБИСТО** ва **ИСТО**[3] ҳар ду, тафсири Занд аст ва Занду Поӡанд ду китоб аст аз суҳуфи Иброҳим алайҳиссалом. 8 а.

**ОБИШХУР**[4] ҷое бошад, ки мардуму вуҳуш ва он чи бад-ин монад об аз он ҷо хӯранд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Ҷаҳондор Маҳмуд, шоҳи бузург,
> Ба обишхӯр орад ҳаме мешу гург. 14 а.

---

[129] Л. Ф. нуса ҳамин маънӣ ва мисол аз Хисравонӣ, с. 441; *ниг. Убаҳӣ: Нуса.*

[130] Л. Ф. бонг бувад ва садоро низ гӯянд, мисоли боло, с. 246.

[131] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[132] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[1] Дар Л. Ф. **обиштангоҳ,** мисол аз Карсъ-уд-даҳр, с. 424. Дар «Ҷаҳонгирӣ» **обиштан** — нуҳуфта ва пушида доштан. (Дар ин сурат маънои луғавии ин калима нуҳуфтгоҳ мешавад, ки ҳалочой ё шустангоҳ гуфтан аст. **Мутавазо**-и арабӣ низ ҷои шустанро ифода мекунад.)

[2] Дар Л. Ф. Мисол аз Имора, с. 144.

[3] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд. Калимаи **афдсито** — калимаест мураккаби паҳлавӣ: **афд** шигифт бошад ва **сито**-ситоиш, с. 5.

[4] Дар Л. Ф. ба ин шакл дида нашуд.

**ОБКАНД**[5] роҳгузари сайл (сел) бошад ва ҷое ки об истода бувад. 12-а.

**ОБО**[6] ош бошад. 8-б.

**ОБОД**[7] ба маънии ободону маъмур бувад ва офарин карданро низ гӯянд, яъне «офарин бар фалон бод». 19-б.

**ОБХВАСТ**[8] ҷазираеро гӯянд, ки дар миёни ӯ об турш(?) шуда бошад, Унсурӣ гӯяд:

Тане чанд аз он мавҷи дарё бираст,
Расиданд назди яке обхваст. 9б.

**ОБХӮ** ҷазира бувад. 21-а.

**ОБӢ**[9] биҳӣ бувад, ки онро ба тозӣ **сафарҷал** хонанд. 23-б.

**ОВАНГ**[10] ба маънии овехтан ва гирифторӣ бошад. Шоир гӯяд:

Ҷонам чу ба дори ҳаҷрат оваиг шавад,
Саҳрои ҷаҳон бар дили ман танг шавад. 16 б.

**ОВАНД**[11] кӯзаи об бувад, ва ба маънии бурҳон низ омадааст. Фирдавсӣ гӯяд:

Чунин гуфт бо паҳлавон Золи Зар,
Чи оваид хоҳӣ, ба теғам нигар. 12 а.

**ОВАР**[12] яқин ва таҳқиқ бувад. 13-б.

**ОВАРД**[13] ҷангу мубораӡат бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Ниҳоданд овардгоҳе бузург,
Ду ҷангӣ ба кирдори даррандагург. 23 а.

---

[5] Л. Ф. ҷое бувад, ки роҳи сел буда бошад ва канда шудаву об андар истода; Рӯдакӣ гуфт:

Обканде дуру бас торик ҷой,
Лағз-лағзон чун дар ӯ бинҳанд пой.
(ва низ мисол аз Шаҳид, с. 90).

[6] Л. Ф. **во -бо** (ош) бувад, чунонки гӯянд: **сикбо** ва **сикво**, (мисол аз Абӯшакур, с. 18).

[7] Л. Ф. офарин бувад, мисол аз Мунҷик, с. 104. Ҷои ободон бошад, мисол аз Кисоӣ, с. 116.

[8] Л. Ф. ҷазираро гӯянд..., (Ҳамин байт, с. 40).

[9] Дар Л. Ф. мисол аз Фаррухӣ, с. 520.

[10] Л. Ф. риштае ки ангур ва дигар мева банданд ва овезанд, мисол аз Рӯдакӣ, с. 287.

[11] Л. Ф. ҳамин маъиӣ ва мисол; ва як мисраъ мисоли дигар барои маънии кӯза аз Бӯҳанифаи Аскоф, с. 102.

[12] Л. Ф. якин бошад, мисол аз Фаррухӣ, с. 131.

[13] Л. Ф. арғанда, ва як байти дигар аз нусхаи «син», с. 85.

**ОВО**[14] овоз бошад, ки бишнаванд ё бишнавонанд. Унсурӣ гӯяд:

Моҳу хуршед кавкабони фалак,
Оташу обу хоку боди сабо,
Ҳама ҷумла мусаббеҳони туанд,
Мо надонему нашнавем ово.

Ва ҳазордастонро бад-ин эътибор **ҳазорово** гӯянд. 8-а.

**ОВОР**[15] ситаму ҷавр бошад. 12-б.

**ОВОРА**[16] девони ҳукм бошад. 21-б.

**ОВАХ**[17] ба маънии **овоҳ** бошад. 11-б.

**ОГАНДА**[18] истабл бувад. 21-б. (тавила, аспхона)

**ОГЕШ**[19] овехтан бувад. 16-а.

**ОГУНҶ**[20] амъои ситабри гӯсфанд бувад, ки ба гӯшту пиёз ва ҳар чи расм бошад, пур кунанд ва онро асиб **гӯянд. 22-а.**

**ОЖАРМ** бахт. 19-а.

**ОЖЕХ / / ОЖАХ**[21] ҳар ду, суълулро гӯянд ва он обе бошад ғализ, ки бар мижа хушк шуда бошад ва онро ба тозӣ **рамаз** гӯянд ва ҳоло **пех** мегӯянд. 20-а.

**ОЖИНГ / / ОЖАНГ**[22] чини рӯй бошад, ки аз хашм дар абрӯй афтад ва онро гиреҳи пешонӣ ва гиреҳи абрӯ низ гӯянд. Чунонки гуфтаанд:

Чин дар абрӯ ба сарам омадан, эй бадхӯ, чист?
Гар сари ҷанг надорӣ, гиреҳи абрӯ чист? 16 б.

---

[14] Л. Ф.: мисоли дигар аз Рӯдакӣ:

Эй булбули хушово, ово деҳ,
Эй сокӣ, он қадаҳ бо мо деҳ.

Аз ҳошия: Рӯдакӣ:
Ҳазорово ба бӯстон дар, кунадо кунун ҳазор ово. с. 11.

[15] Дар Л. Ф. дида нашуд. Дар «Ҷаҳонгирӣ» дар шакли **овор//овора.**

[16] Дар «Ҷаҳонгирӣ» ба ин маънӣ наомадааст, яке аз маъноҳои ин калима ҳисоб аст.

[17] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[18] Дар Л. Ф. низ ҳамин маънӣ, мисол аз Фирдавсӣ. Дар «Ҷаҳонгирӣ» ба се маънӣ: 1. пур, 2. тавила (мисол аз Сӯзанӣ). 3. бузург ва фарбеҳ, мисол аз Фирдавсӣ.

Чу он хубрӯ мева андар газид,
Яке дар миён кирми оканда дид.

[19] Л. Ф. биёҳанч, дароҳанч, мисол аз Рӯдакӣ, с. 21б.

[20] Л. Ф.: амъои гӯсфанд бошад ,оганда карда ба гӯшт ё чизе ки расми ӯ бувад, мисол аз Кисоӣ, с. 56).

[21] Л. Ф. **Ожах** ба тозӣ **суълул** бошад ва он чизе бошад чун адас, аз тани мардум барояд ва дер бимонад. **(мисол аз Кисоӣ, с. 79).**

[22] Л. Ф. чини рӯй, мисол аз Фаррухӣ, с. 259.

**ОЖИР**[23] огаҳ ва зирак ва доно ва парҳезкунанда бошад аз бади душман ва он чи бад-ин монад. 13-а.

**ОЖРАНГ**[24] ба маънии димор ва ҳалокат ва ғаме ва меҳнате сахт бошад. Шоир гӯяд:

> Зи фарзанд бар ҷону тан-т **озранг**
> Ту аз меҳри ӯ рӯзу шаб чун наҳанг. 17 б.

**ОЖУР**[25] ҳарис. 13-б. (бояд **озур ё озвар** бошад).

**ОЗ**[26] ҳирс ва орзу бошад, чи ба мардум, чи ба чизҳое ки дил хоҳад. 14-б.

**ОЗАР**[27] оташ. 13-б.

**ОЗАРАХШ**[28] оташи осмон, яъне соика ва сармое (?) бошад, ки мардумро бими ҳалокат бувад. 15-б.

**ОЗАРБАРЗИН** оташгоҳе аст, ки онро яке аз аиммаи Иброҳим алайҳиссалом сохта ва он аиммаро Барзин мегуфтанд. 19-а.

**ОЗАРГУН** гулест зард ва баъзе ба сурхӣ занад ва **говчашм** низ гӯянд. 20-б.

**ОЗАРКЕШ**[29] оташпараст. 16-а.

**ОЗАРТУУС**[30] номи мардест, ки модари Узроро бад-ӯ дода буданд. Унсурӣ гӯяд:

> Падар дода будаш гаҳи кӯдакӣ,
> **Ба Озартуус он ҳакими накӣ,**
> Ба марги худовандаш Озартуус
> Табаҳ кард мар хештан бар фусус. 15 а.

**ОЗАРЮН** гули хайрӣ аст. 19-а.

**ОЗИН**[31] ҳавоза ва ороише бошад, ки дар шаҳрҳо кунанд ба вақти ид ва наврӯз ва нузули ҳукком. 19-а.

**ОЗМУН** имтиҳон бошад. 20-а.

**ОЗОДӢ**[32] шукр гуфтан. 23-б.

**ОЗРАМ**[33] зине бошад, ки намадзини ӯ ду ним бувад. 18-б.

---

[23] Дар «Ҷаҳонгирӣ», низ ин маъниҳо қайд шудаанд. Дар Л. Ф. ба маънои якум мисол аз Фирдавсӣ, с. 141.

[24] Л. Ф. **озранг**, ҳамин мисол мансуб ба Бӯшакур, с. 263.

[25] Дар Л. Ф. ва «Ҷаҳонгирӣ» ба ин шакл ва маънӣ дида нашуд.

[26] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[27] Дар Л. Ф. ҳамчун луғати мустақил наомадааст.

[28] Л. Ф. соика, мисол аз Рӯдакӣ, с. 208; дар «Ҷаҳонгирӣ»: **Озурхуш** номи рӯзи нӯҳум аз моҳи Ҷавзо.

[29] Л. Ф. **озаргашасб** ба маънии оташпараст, с. 29.

[30] Л. Ф. низ ҳамин байтҳо.

[31] Дар «Ҷаҳонгирӣ» зебу ороиш, мисол аз Саноӣ ва Хоқонӣ.

[32] Дар «Ҷаҳонгирӣ» ҳамин маънӣ, мисол аз Фирдавсӣ ва Хоқонӣ.

[33] Л. Ф. намадзин, мисол аз Бӯ Аббос, с. 346.

**ОЙИН**[34] расм ва одат бувад ва ба маънии **наҳра** низ омада ва он чизест, ки бад-он мосту дӯғ аз якдигар ҷудо кунанд. 19-а.

**ОҚИШТА//ОГИШТА** маҳкам баста бошад. 21-б.

**ОКИҶ**[35] қуллобе бувад оҳанин ки фуқонён бар сари чӯб банданд ва бад-он ях дар яхдон андозанд ё берун оранд ва баъзе гуфтаанд чӯбест оҳане бар сари он, ки мардро дар вақти корзор ва ҳарб ба ҷониби худ кашанд. Унсурӣ гӯяд:

> Биҷустанд тороҷу зиштешро,
> Ба окиҷ гирифтанд киштешро 10 а.

**ОЛУФТА** ошуфта аст. 23-а

**ОЛҒУНА**[36] гулгун бошад, ки занон дар рӯй моланд, яъне сурхӣ. 21-б.

**ОМАРҒ**[37] қадар ва миқдор бувад, яъне андак аз чизе. Кисоӣ гӯяд:

> Аз умр намондаст бар ман магар омарғ,
> В-аз киса намондаст ба ман магар охол. 16 а.

**ОМЕЖА** омехта бувад. 21-б. (омеза)

**ОМЕҒ**[38] омезиш бувад, Унсурӣ гӯяд:

> Чу омеғ барпо шуд ороста,
> Ду хафта се бошанд бар хоста. 16 а.

**ОМОДА**[39] сохта бошад, яъне муҳайё ва санҷида. 21-б.

**ОМОР**[40] ба тозӣ **истисқо** бувад. 13-а.

---

34 Л. Ф. расм, мисол аз Юсуфи Арӯзӣ ва Унсурӣ, с. 283.
35 Л. Ф. **окаҷ,** ҳамин маъно ва мисол, с. 55.
36 Л. Ф. гулгуна, шеъри Мунҷик, с. 437.
37 Л. Ф. **омурғ** ,байти Бӯшакур, с. 232.
38 Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол.
39 Л. Ф. мисол аз Рӯдакӣ, с. 458.
40 Л. Ф. Ба тозӣ истиқсо бувад. Рӯдакӣ гӯяд:

> Он гаҳе ганҷур мушк омор кард,
> То мар ӯро з-он бадон бедор кард.

Аз ҳошия: «нун»: омор ба тозӣ истисқо (?) бувад. **Ва ин зоҳиран ғалат** аст ва котиб истиқсо ба истисқо таҳриф карда ва Шамси Фахрӣ низ дар «Меъёри Ҷамолӣ» ҳамин хабт-ро карда ва оморро, ки ба маънии ҳисоб ва шумора аст ва **амора** низ мегӯянд, баъзе аз гӯяндагони қадим ба фатҳи ҳамза низ истеъмол намудаанд. Чунонки Лабибӣ гуфта:

> Агар хоҳӣ сипоҳашро шумора
> Бурун бояд шуд аз ҳадди амора.

(барон калимаи мушкомор, ки дар мисол омадааст, чунин эзоҳ мавҷуд аст: зоҳиран **хушкомор** ба маънии ҳамон калимае ки собиқан гузашт, с. 150).

**ОМОС**[41] Узвг бувад, ки бод гирифта бошад. 14-б.

**ОМОҶ**[42] он хокро хонанд, ки нишонагоҳи тир бувад. Имора гӯяд:

> Сиришки дида ба рухсор-т фурӯ гузарад,
> Ҳар он гаҳе ки ба омоҷгоҳи ӯ гузарӣ. 9 б.

**ОМӮЙ** шаҳрест бар канори Ҷайҳун ва Ҷайҳунро бад-он шаҳр бозхонанд. 23-а.

**ОНИСТА** мурод ё хуни баста ё ҳар чизе ки баста бошад ва душвор ҳал шавад, онро **ониста** хонанд. 22-а.

**ОРАМДА**[43] орамида бувад. Унсурӣ гӯяд:

> Бувад марди орамда дар банди сахт,
> Чу ҷунбида гардид, шавад некбахт.

Фирдавсӣ гӯяд:

> Чу бедор бошӣ ту, хоб оядам,
> Чу орамда бошӣ, шитоб оядам. 23 б.

**ОРАНГ**[44] ҳокими мулкеро гӯянд ва марзабонро низ гӯянд ва ба маънии гуна ва ҳамоно низ бошад. 17-а.

**ОРАНҶ // ОРИНҶ**[45] бандгоҳи (банди) даст бошад миёни соид ва бозу. 11-а.

**ОРЕҒ**[46] нафрате бошад, ки аз қавлу феъли касе дар дили касе падид омада бошад. 16-а.

**ОРУҒ**[47] боди меъда бошад, ки аз гулӯ барояд. 16-а.

**ОРУҒДА, ОЛУҒДА, АРҒАНДА**[48] ба маънии хашмолуд бувад. 22-б.

**ОС**[49] осиё бошад. Унсурӣ гӯяд:

> Осмон осёи гардон аст,
> Халкро орд мекунад чун **ос**.

Ва ба зери санг нарм шудан бувад ва мурӯдро низ ба тозӣ **ос** гӯянд. 15-а.

---

[41] Дар Л. Ф. ба назар нарасид.

[42] Л. Ф. маъруф аст. (Ҳамин мисол, дар байт: «ба рухсори ман» ва «гузарам.» Дар ҳошия, аз нусхаи «син»: **омоч** он хок бошад, ки нишонаи тир бар-ӯ ниҳанд, с. 67).

[43] Л. Ф. мисоли якум аз Унсурӣ.

[44] Л. Ф. ба маънии гуна ва ҳамоно, байти Музаффарӣ, с. 266.

[45] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯшакур, с. 56.

[46] Л. Ф. **озег** сардӣ, ки аз касе ба касе афтад, с. 232.

[47] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ.

[48] Л. Ф. **арғанда** хашмолуд, ошуфта, мисол аз Рӯдакӣ, с. 476.; ва **олуғда** хашмнок, мисол аз Рӯдакӣ, с. 505.

[49] Л. Ф. осиё кардан аст. (Мисол аз Кисоӣ, Лабибӣ ва Муиззӣ, с. 197).

**ОСЕБ**[50] накбат ва ранҷе бувад, ки аз касе ба касе расад, ба ҳар сурат ки бошад. Унсурӣ гӯяд:

Ба осеби нову зонуву даст,
Ҳаме мардум афканд чун пили маст. 9 а.

**ОСПРЕС** ва **АСПРЕС**[51] ҳар ду, ба маънии майдон бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

Нишона ниҳоданд дар Оспрес,
Сиёвуш накард эч бо кас мукес.14 б.

**ОСМОН** яъне сипеҳр. 20-б.

**ОСМОНА**[52] сақфи хона бувад. Шоир гӯяд:

То ҳаме осмон тавонӣ дид,
Осмон бину осмона мабин. 23 а.

**ОСО**[53] ба ду маънӣ аст, яке даҳондара бошад, яъне хамёза ва он аз малолат ва ғалабаи хоб ва коҳилию ғафлат бошад, ки даҳон ба бедорӣ боз кунанд аз ҳам ба нафасе дароз, чунонки Баҳромӣ гӯяд:

Чунон намуд ба мо дӯш моҳи нав дидор,
Чу ёри ман ки кунад гоҳи хоби хуш осо,

ва дигар, монанд ва шакл бошад, чунонки гӯянд: **шеросо** ва **меҳросо** ва он чи бад-ин монад. Шаҳид гӯяд:

Адӯи ӯ шавад рӯҳбоҳи баддил,
Чу шеросо хиромад вай ба майдон. 14 а.

**ОСУҒДА**[54] ҳезуми нимсӯхта. Маъруфӣ шоир гӯяд:

Истода миёни гармоба
Ҳамчу осуғда дар миёни танур. 22 а.

---

[50] Л. Ф. чун ду (кас) ба ҳам расанд ва дӯш бар ҳам кӯбанд ва паҳлӯ бапаҳлӯ кӯфтанро **осеб** хонанд ва ба асл он оҳанг (?) аст, ки аз касе ба касе расад (мисоли боло, с. 25).

[51] Л. Ф. **аспрес,** ҳамин байт (с. 125), дар «Ҷаҳонгирӣ» **оспрес,** низ ҳамин мисол.

[52] Л. Ф. ҳамин маънӣ, байти мазкур ба Имора таъаллуқ дорад, с. 483.

[53] Л. Ф. ҳамин маънӣ, байт аз Шаҳид ба ин шакл аст:

Шавад бадхоҳ чун рубоҳи баддил,
Чу шеросо ту бихромӣ ба майдон. с. 3.

[54] Л. Ф. низ ҳамин маънӣ ва мисол, с. 422.

**ОФАРИН**[55] дуои нек кардан. 20-б.

**ОХОЛ**[56] чизе афгандӣ, яъне олатҳои сақати нобакори хона бувад аз ҳар лавне ки бошад. 18-а.

**ОХТ** теғ баркашидан бошад. 10-а.

**ОХТА** берун кашида. 23-а.

**ОХШЕЧ**[57] ба маънии зид ва мухолиф бошад ва **чаҳор табъро** бад-он сабаб **ошхеҷон** гӯянд, ки ҳар чаҳор зидди якдигаранд. Шеър:

Кучо гавҳаре чира шуд з-ин чаҳор,
Яке охшечаш бар ӯ баргумор.

Бӯшакур гӯяд:

Он кас, ки мар хирадро гавҳар ниҳод ҳаме,
Мэн пеши ӯ кушода нахоҳам ҳаме забон.
Хасту наёям набувам охшечи ӯ,
Қ-аз ҳар ду рӯй суд набинам магар зиён.

Он чи дар афлок ва ситорагон ва офтобу моҳ ва парвин ва банот-ун-наъш тобеъ бувад, яъне **охшеч** гуфта омад ва **ошхеч** низ ба маънии зид аст. Шеър:

Худованди мо к-ин чаҳон офарид,
Баланд осмон аз бар-ш баркашид,
Фароз оварид охшеч ин чаҳор,
Ки ҳар к-андар ӯ баст чандин фигор, (нигор?)
Барин оташ асту фурӯдиниш хок,
Миён об дорад або боду пок. 10а.

**ОШИЕН**[58] хонаи мурғ. 20-б.

**ОШИЕНА** чои мурғ ва мор ва муш. 23-а.

**ОШНО**[59] ба ду маънӣ аст. Яке шиновар бувад. Бӯшакур гӯяд:

Касе к-ӯ дар об асту обошност,
Аз об ар чу оташ битарсад равост.

дигар, шинос 15-а.

**ОШУҒ**[60] касе маҷҳул ва номаъруф бошад. 16-а.

**ОҒИЙЛ** ба ҳашму қахр ба гӯшаи чашм нигаристан. 18-б.

---

[55] Л. Ф. ҳамин маънӣ.

[56] Л. Ф. сакат, байти Фаррухӣ, с. 319.

[57] Л. Ф. зид бошад чун мухолиф (байти аввал аз Бӯшакур); дигар, табоеъ бувад, с. 59.

[58] Л. Ф. маъвои мурғ ва мор. (мисол аз Хаффоф, с. 376).

**РУХБИН**[46] дӯши шутур бошад. 85-а.
**РУХШОН**[47] тобон бувад. 85-а.
**РУҲАЙНО**[48] зидуда бувад. 82-а.

---

[39] Л. Ф. **ракук** карбос бувад. (Мисол аз писари Ромӣ, с. 303). Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **рукук ва руку** латта ва чоман кӯҳнаро гӯянд. (Мисол аз Низории Қаҳистонӣ ва Мири Мағис, с. 448-б).

[40] Л. Ф. **рун баҳри** бошад. (Мисол аз Унсурӣ. Рӯдакӣ. Нусхаи «нун»; чунон бувад, ки гӯй: сабаби он., с. 292).

[41] Л. Ф. нашри Сиёқӣ, ҳамин маънӣ, (с. 160).

[42] Л. Ф. **рус//рас** гулӯбанда бувад, яъне ражд ба хӯрдан. (Мисол аз Абӯшакур, с. 196).

[43] Л. Ф.: ҳамин маънӣ ва мисол, с. 352.

[44] Л. Ф. нашри Сиёқӣ. **Рут** (Рат?) бараҳна ва тиҳӣ бувад. (Мисол аз Лабибӣ, с. 15).

[45] Л. Ф. **рух** се навъ: 1 рӯй, 2 рух, 3 инон; Унсурӣ гӯяд:

Шатранҷи фиребро ту шоҳу мо рух,
Мар асби нишотро рикобӣ бо рух. с. 83.

[46] Л. Ф. **Рахбин** чизе бувад турш чун кашк ва аз дӯғи турши бағоят кунанд ва онро **курут** гӯянд ва **масл** гӯянд. (Мисол аз Имора, с. 393). (Об ки аз панир берун таробад — аз ҳошияи нашри Д. Сиёқӣ).

[47] Л. Ф. **рахшон** дурафшон бувад. (Мисол аз Хисравӣ, с. 389).

[48] Л. Ф. **рухино** шамшери ҷавҳардорро гӯянд. (Дар ҳошия аз нусхаи «нун» мисол аз Саноӣ, с. 13).

**РУҲАНӢ**[49] оҳани ҷавҳардор бувад. **Фирдавсӣ гӯяд:**

Се мигфар зад ӯ чун маҳ аз равшанӣ,
Бар зар шуд паранд ӯ ҳама руҳанӣ. 86 б.

**РӮД**[51] суруд бошад. 83 а.

**РӮЗБОНОН**[51] човушон бошанд, ки бар даргоҳи подшоҳон нишинандаанд. **85-а.**

## С

**САБАДЧИН**[1] бақоёи ангур ва ҳар мевае бувад, ки бар дарахт монда бошад. 102 а.

**САБУРА**[2] муханнаси палид бувад. 115 а.

**САГПӮЙ**[3] **(ПӮЙ)** овози пой бувад вақти рафтан. 104 б. (*ниг. муқ.* **шалбӯй)**

**САДКЕС** ва**САДКИС**[4] ҳар ду, қавси қузаҳро **гӯянд. 98 а.**

**САДОҲИРО**[5] номи мурғе (?) аст ба Луҳовар. (?) 93 б.

**САЙЛОКАНД**[6] селе бошад, ки дар домани кӯҳ истад. 95 б.

**САКИЧ**[7] мавиз бувад. 94 а.

**САКНА**[8] хорпушт бошад ва **роварo** низ гӯянд ва **ташӣ** ва **мазангу** ва **хучу** ва **беҳан** ва **гӯла** низ гӯяндаш, шеър:

Ту ни русуи борисӣ чун **кашӣ**,
Яке сукна хонанду дигар ташӣ.
Ҳама марзаҳон Хуросон бувад,
Мазангӯш хонанду беҳан беном. 103 б.

---

[49] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисол:

Ба зар шуд парандовари рӯҳанӣ, с. 530.

Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **руҳайно** пӯлоди ҷавҳардор. (Мисол аз Саноӣ ва Сайфи Исфарангӣ) ва чизеро, ки аз руҳайно сохта бошанд **рӯҳанӣ** гӯянд, на руҳайно: (мисоли боло аз Асадӣ):

Се мигфар (на) неҳ? аз чун маҳ аз равшанӣ,
Бар зар шуд парандовари руҳанӣ. (с. 594б).

[50] Дар Ҷаҳонгирӣ» дар қатори маъноҳои дигар ба маънии соз низ омадааст, с. 592-а.

[52] Л. Ф. даргоҳнишинон бошанд, ки навбатӣ дар дарбон бошанд. (Мисол аз Фирдавсӣ, с. 387).

[1] Л. Ф. **сабадчин** бақияти ангур бошад, ки дар боғ монда бувад ҷойҷой. (Мисол аз Имора, с. 381).

[2] Л. Ф. **сабуза** муханнаси палид бувад. (Мисол аз Қареъ-уд-даҳр, с. 511).

[3] Л. Ф. **шалпуй.**

[4] Л. Ф. садкес//садкис|қавси кузаҳ бошад. (Мисол аз Булмуайяд, с. 198).

[5] Л. Ф. номи боғест ба Луҳовар (?). (Мисол аз Ҳакурӣ, с. 17).

[6] Л. Ф. **селобканд** сел ки бар домани кӯҳ бинстад, селобканд хонандаш. (Мисол аз Баҳромӣ, с. 101).

Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 72.

[8] Л. Ф. сакна хорпушт бувад ва **дорво** низ гӯяндаш ва **ташӣ** ва **марангу ва чаху** ва **беҳан** ва **гула** низ гӯяндаш. (с. 50б. Дар «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд).

**САЛИСУН**[9] номи мардест, ки бародари шоҳи **Фалакрот** буд Дақиқӣ гӯяд:

Салисуншаҳ фаррух ахтараш буд,
Фалакротшаҳро бародараш буд. 102 б.

**САЛПӮЙ**[10] бонги пой бошад нарм ва дурушт. 104 б (*ниг. муқ.* **шалбӯй**).

**САМАНД**[11] аспи зард бошад ва тирро низ саманд гӯянд. Шеър:

Саманд ар канад худ бари миғфарат,
Ҳам-ӯ нарҳад аз тегу ҳам бар сарат (шашпарат). 95 б.

**САМАНДУР** ва **САМАНДӮР**[12] ҳар ду яке аст ва он карбосаест ки дар оташ равад ва ба се замон дар он ҷо бошад ва оташ ӯро насӯзад ва ӯро **ҷонвари оташхор** гӯянд ва аз мӯи ӯ ҷома кунанд ва подшоҳон фармоянд, ки пӯсташ биканocc ва аз ӯ чатр созанд ва бар сар бидоранд, то гармӣ боз дорад, ва мақоми ӯ оташ аст ва бача дар оташ кунад ва гурӯҳе гӯянд ин самандур мурғест. Шоир гӯяд:

Ба оташ даруи бар мисоли самандур,
Ва об андаруи бар мисоли наҳангон. 97 а.

**САМАНДУР**[13] номи шаҳрест, ки соҷ аз ӯ хезад. 97 а.

**САМАР**[14] афсона бошад. 96 б.

**САМОРУҒ**[15] ба тозӣ **камо** ва **акорис**, ва **ҷулла** ва **дева** ва **зева** ва **хоядес** низ гӯяндаш ва дар Озарбойҷон ӯро **кулоҳи девон** хонанд ва он наботе бувад, ки аз ҷое намнок рӯяд, чун паҳлӯи ҷоҳҳо ва девори гармобаҳо ва дар шӯристонҳо ва саҳроҳо

---

[9] Л. Ф. номи мардест, ки бародари шоҳ Фалакрот буд. (*Мисоли боло аз Унсурӣ*).

[10] Л. Ф. шалпӯй бонги пой бувад нарм-нарм ва эвом гӯянд бонги гулӯи хуфта бувад. (*Мисол аз Бӯшакур*, с. 521). Ниг.: **шалбӯй**.

[11] Л. Ф. саманд — аспи зарде бувад. (*Мисоли дигар аз Мунҷик*, саҳ. 100).

[12] Л. Ф. 1. **Самандар** мурғе аст, ки ба оташ насӯзад. (*Мисоли боло аз Рӯдакӣ*, «нун» — Бухорӣ). 2. **Самандур** номи шаҳрест дар Ҳинд, ки ӯд аз он ҷо оранд. 3. **Самандур** номи шаҳрест ки соҷ аз вай хезад. (*Мисол аз Хисравӣ*, с. 165).

[13] Л. Ф. **Сандур** номи шаҳрест, ки соҷ аз вай хезад. (*Мисол аз Хисравӣ*, с. 165).

[14] Л. Ф. афсона бувад ва саргузашту ҳикоят. (*Мисол аз Унсурӣ*, с. 149).

[15] Л. Ф. **саморуғ** — ... ва онро **хула** низ гӯянд, ки хоядес бошад, он ки дар шуристонҳо рӯяд нахӯранд ва он ки дар ҷои намгин рӯяд, бихӯранд, ба туркӣ ва румӣ **анит маълум** аст. (*Мисол аз Мунҷик*):

Ед надорӣ ба ҳар баҳоре ҷаддат
Тӯбра бардошта зи бахри саморуғ. (*Мисоли дигар аз Унсурӣ* с. 230).

низ рӯяд, мисли олуи бузург бошад ва онро хӯранд ва он чи дар ҷойҳои дигар рӯяд нахӯранд, зеро ки мизоҷи заҳр дорад. Шеър:

Ед паёрӣ ба ҳар баҳоре, ки ҷаддат
Тӯбра бардоштӣ, шудӣ ба саморуғ. 98 б.

**САНА**[16] нафрин ва лаънат бошад. 103 а.
**САНГАК**[17] тагарг бошад, яъне жола. 99 б.
**САНГАЛА**[18] нони говарсин бувад. 103 а.
**САНГЛОХ**[19] замини сангистон бувад. Шеър:

Замине ҳама рӯи ӯ санглох,
Ба дидан дурушту ба паҳно фарох.

Фаррухӣ гӯяд:

Бар санглох дашт фуруд ояде хиҷил,
Андар миёни хораву андар миёни хор. 94 б.

**САНГСОР**[20] захм кардан ба санг бувад ва ба тозӣ **раҷм** гӯяндаш. 96 б.
**САНГХОР**[21] номи мурғест ки ба тозӣ ӯро **қато** (навъе аз кабк) гӯянд. 97 б.
**САНД / / СИНД**[22] вилоятест машҳур ва ҳаромзодаро низ гӯянд. 95 б.
**САНДАЛ**[23] низ кафшро гӯянд, чунонки **сандалакро. Унсурӣ** гӯяд:

Гирифтам ки ҷое расидӣ ба мол,
Ки зарин кунӣ сандалу сандала. 100 б.

**САНДАЛА**[24] низ кафшро гӯянд, чунонки **сандалак ва сандал** гузашт. 204 а.
**САНДАЛАК**[25] кафшро гӯянд. 99 б.

---

[16] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Лабибӣ, с. 447.
[17] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Унсурӣ, с. 271.
[18] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Бӯзар, с. 501.
[19] Л. Ф. **санглох** замини сангистон. (Мисоли боло аз Унсурӣ, дар нусхаи «чим» ба ҷои байти Унсурӣ ду байт аз Фаррухӣ (байти боло) ва Бӯшакур омадааст, с. 76).
[20] Л. Ф. **сангсор** раҷм кардан бошад. (Мисол аз Фаррухӣ, с . 146).
[21] Дар Л. Ф. ин калима зери луғати **лолиҳсор** дар мисол омадааст, с. 156.
[22] Л. Ф. **синд** ҳаромзода бувад. (Мисол аз Мунҷик, с. 93).
[23] Л. Ф. **сандал** кафш бошад ва **сандалак** низ гӯяндаш. (Мисол аз Унсурӣ: ...зи мол, ...сандалу чочала, с. 231). *Ниг.* **чочала**; мисол ҳамин байт бидуни зикри номи шоир ва дар байт ба ҷои **чочала — сандала.**
[24] Л. Ф. **сандал, сандалак,** с. 331.
[25] Л. Ф. сандал кафш бошад, сандалак низ гӯяндаш, (**мисол аз Унсурӣ, с. 331**).

**САНКУР**[26] саллаи (сабади) фуқонён, ки фуқоъ (нӯшокиҳои кайфовар) дар он чинанд. 96 б.

**САНОД**[27] бисёр бошад 96 а.

**САНОР**[28] обе бошад тунуки ба гил наздик ва аз тунукӣ бим бувад, ки киштиро бигирад ва киштӣ дар ӯ бинистад. 96 а.

**САПАРИҒ**[29] хӯшаи ангур бошад пурбор, ки ҳанӯз донаҳои сахт пайдо накарда бошад, яъне резатар аз арзан бувад. 99 а.

**САПАСТ**[30] номи ғандро(?) (номи гандро?) гӯянд, яъне бӯйнок. 94 а.

**САПАҲБАД**[31] // **СИПАҲБАД** сипаҳсолори лашкарро гӯянд. Асадӣ гӯяд:

Сипаҳбад чуз ин кард моро умед,
Ки бар мо шаб орад ба рӯзи сафед. 96 а.

**САПУРДА**[32] // **СИПАРДА(?)** ҳарчиз, ки пой фурӯ гиранд ё поймол кунанд, онро **сапурда** гӯянд. 203 а.

**САРАНҶОМ** поёни кор бувад. 101 а.

**САРВИ САҲӢ** сарви рост руста. 104 а.

**САРВО**[33] ҳадиси дурӯғ ва лол(?) ва афсона бошад. 93 а.

**САРВОД**[34] гурӯҳе шеъри форсиро гӯянд. 96 а.

**САРВОДА**[35] қофия бувад. 103 а.

**САРГАШТА** ва **САРОСЕМА**[36] мутаҳайир ва фурӯмонда ва мадҳушро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

Чунон лашкари гашну чандон савор,
Саросема гаштанд аз корзор. 103 б.

**САРИН**[37] шох бувад ва сururо низ гӯянд ва **саруван** низ гӯянд 102 б.

---

[26] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **санкур** 1 салларо гӯянд, ки фуқонён шишаҳо ва кӯзаҳои фуқоъро дар миёни он чинанд. (Мисол аз Саноӣ ва Абулфараҷи Рунӣ); 2 бодресаи дӯк; 3. номи мурғест, (с. 535-б.)

[27] Дар «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.

[28] Л. Ф. **синор** маънии боло. Мисол аз Унсурӣ, с. 126.

[29] Л. Ф. **супареғ** хӯшаи ангур бошад пурбор. (Мисол аз Шаҳид, с. 238).

[30] Л. Ф. нашри Сиёқӣ: **шапист** гирон ва бағиз (бад, нафратовар) бувад. (Мисол аз Маъруфӣ, с. 76). Дар «Ҷаҳонгирӣ» **сапист** номи гиёҳест... ва **супуст** — бӯи нохуше, монанди бӯи моҳӣ ва ҷомаи намгирифта с. 179 б).

[31] Л. Ф. **сипаҳбад** сипаҳсолор бувад. (Мисол аз Фирдавсӣ; Сипаҳбад чунин кард..., с. 113).

[32] «Ҷаҳонгирӣ: **сипардан** тай кардан ва навардидан, мисол аз Камоли Исмоил, с. 178-б.

[33] Л. Ф. **сарво** ҳадис ва афсона бошад. (Мисол аз Урмуздӣ, с. 7).

[34] Л. Ф. **сарвод** шеър бувад. (Мисол аз Лабибӣ, с. 107).

[35] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Ҳуҷаста, с. 509.

[36] Л. Ф. беоғоҳ ва мутаҳайир бошад. (Мисол аз Унсурӣ ва Фирдавсӣ, с. 492).

[37] Л. Ф. **сарин** аз сӯи сар бошад он ҷо, ки мардум хуфта бусад. (Мисол байте, с. 379).

**САРИХА**[38] мурғи сақко бувад. 103 б.

**САРҚАС**[39] номи мурғест хушовоз. 98 а.

**САРОБ**[40] замини шӯристон бувад, ки дар миёни рӯз аз дур ҳамчун об намояд. Унсурӣ гӯяд:

> Аз паи об агар шавӣ ба сароб,
> Гум кунӣ ҷону з-ӯ наёбӣ об. 94 а.

**САРОЙ** сароидан бувад. 104 а.

**САРПОЕН**[41] дасторро гӯянд ва дасторчаро низ гуфтаанд. 102 б.

**САРПОС**[42] гурз ва лахт бошад, ки олати ҷанг аст ва он силоҳе бошад ки сарҳангон ва қалъадорон ба даст гиранд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Дили саркашон пур ки васвос буд,
> Ҳама кӯс пурбонги сарпос буд.

Унсурӣ низ гӯяд:

> Ту чи гуна раҳӣ ки дасти аҷал.
> Бар сари ту ҳаме занад сарпос. 98 а.

**САРФ**[43] сурфа ва суол бошад. Шомӣ гӯяд.

> Пире маро ба заргарӣ афганд эй шигифт,
> Бегоҳу дуди зардаму (?) ҳамвора сарф-сарф. 99 б.

**САРХОРА**[44] сӯзане заррин бувад, ки занон бар миқнаа заnанд, то аз сар боз нашавад. 102 б.

**САРШОХ**[45] он чӯб бошад, ки хона бад-он пӯшанд. Шеър:

> Афрози хонаам зи паи бому пӯшиш (аш),
> Ҳар чи-м ба хона андар саршоху тир бувад. 95 а.

---

[38] Л. Ф. **сарича** мурғи сакко бувад. (Мисол аз Дақиқӣ, с. 503).

[39] Л. Ф. маънои боло, мисол аз Кисоӣ, с. 204.

[40] Л. Ф. **сароб** замини шӯристон бувад, ки аз дур об намояд, (с. 28).

[41] Л. Ф. **сарпоён** амома бувад. (Мисол аз Дақиқӣ, с. 358).

[42] Л. Ф. **сарпос** лахте бошад, ки ҷангиён доранд, олати харб аст. (Мисоли боло аз Унсурӣ... занад ҳаме сарпос, с. 191).

[43] Л. Ф. **сурф** суол бувад, яъне сурфа. (Мисоли боло аз Кисоӣ, нусхаи «нун» — Қошӣ... ҳамвора сурф-сурф с, 245); нашри Сиёқӣ: сурф ва сурфа — суол бошад ва гӯянд: сурф-сурф будам дӯш, то хастам, яъне дар суол (сулфа) ва азоби суол будам. (Мисоли боло бо иловаи байти дигар):

> Заргар фурӯ фишонд **кирфи сияҳ ба сим,**
> Ман боз барфишондам сими сияҳ ба кирф.
> (**кирф** — кир; сим ва миси сӯхта, с. 84).

[44] Л. Ф. сӯзани заррин бувад, ки занон ба банди миқнаа боз зананд, то мӯҳкам шавад (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 436).

[45] Л. Ф. чӯбҳо бувад, ки боми хона бад-он пӯшонанд ва аз фарасб беруи бувад. (Мисоли боло аз Кисоӣ, с. 77).

**САРҲОЛ**[46] гардон бувад. 100 б.

**САРҶАНГ** сарҳанг бувад. 100 а.

**САТАНОВАНД**[47] суффае бувад, ки ба як сутун бардошта бошад. 96 а (*ниг.* **ситованд**).

**САТИМ**[48] ҷароҳате бувад, ки сари ӯ фароҳам омада бошад ва хун дар вай рим шуда ва чун ништар бад-он зананд онро бикшоянд. Маъруфии Шомӣ гӯяд:

> **Бихалад дил, ки ман аз фуркати ту ёд кунам,**
> Чун ҷароҳат, ки бад-ӯ боз хӯрад гирди сатим. 101 а.

**САТО // ВУСТО** ҳар ду яке аст ва ин тафсири Занд аст ва Позанд ва он ду китоб аз суҳуфи Иброҳим алайҳиссалом. 93 б.

**САТОРӢ** номи мурғест сухангӯй ва сиёҳ. 104 а.

**САФОЛ**[49] маъруф аст, яке аз гили пухта бувад ва дигар пӯсти пиставу бодом ва ҷавзу фундукро ва он чи бад-инҳо монад, **сафол** гӯянд. 100 б.

**САФЧ**[50] харбузаи норасида бошад. Бӯшакур гӯяд:

> Нукли мо хӯшаи ангур бувад, соғар сафч,
> Булбулу сулсул ромишгару бар даст асар. 94 б.

**САФЧА**[51] харбузаи норасида бувад.

**САХ** шӯх ва чирке бувад, ки бар ҷома ва тан нишинад. 95 а. (*ниг.* **шӯх**).

**САХАВОН**[52] устухон бувад. 102 а.

**САХШ**[53] чизҳои кӯҳна бошад, мисли ҷома ва пӯстин. 98 б.

---

[46] **сарҳол** саргардон, саргашта, Бад-он мангар, ки сарҳолам, Ба кори хеш мӯхтолам. (Тайён).

[47] Л. Ф. **сутованд**, с. 99.

[48] Л. Ф. **ситем** он рим ва хун бувад, ки сари ҷароҳат фароҳам оид ва он андар он бимонад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 341).

[49] Л. Ф. **сифол** яке гили пухта чун кӯза ва дег, дигар устухони ҷавзу фундук ва монанди он. (Мисол аз Мунчик, с. 318).

[50] Л. Ф. **сафч** — харбузаи нарасида, (мисоли боло аз Булмасал, с. 61).

[51] Л. Ф. **сафча** — харбузаи хом ва саба аз **колак** низ гӯянд. (Мисол аз Мунчик, с. 427).

[52] Л. Ф. **сухавон (сухвон?)** — устухон бувад. (Мисол аз Асчадӣ, с. 396).

[53] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **шахш** — 1. фурӯ хазидан ва лағзидан; 2. ҷома, пӯстин ва амсоли он ки кӯҳна аст, мисол аз Шамси Фахрӣ; **Шухаш** — номи мурғи кӯчаки хушовоз, шеъри Рӯдакӣ:

> Гургро кай расад салобати шер,
> Бозро кай **расад ниҳеби шухуш.**

Л. Ф. ...расад маломати шот, ...бувад ниҳеби шихеш.

**Шахш** — мурғест, мисол аз Рӯдакӣ. **Шахш**-и дигар — лағзиш; мисол аз Бӯшакур, с. 208, 218, 226.

**САҒАНД**[54] ҳаромзода. 95 б.

**САҒУР** ва **СИҒУР**[55] ҳар ду ҷонварест чун сагбачаи миёна, хорҳо бар тани ӯ руста чун дӯкҳо ва онро бияндозад чун тир бар ҳар ки қасди гирифтани ӯ кунад ва ӯро сиҳул ва ташӣ низ гӯяд:

Чун расантоб зи пас омад (ҳама) рафтор маро,
Ба сағур монам, к-аз боз пас андозам тир. 97 б.

**СИБ**[56] ба маънии саргаштагӣ аст дар шуғл ва кор ва тиб табъи вай аст. Рӯдакӣ гӯяд:

Шеби ту бо фарозу фарози ту бо нишеб,
Фарзанди одамӣ ба ту андар ба сибу тиб. 93 б.

**СИБКОД**[57] ду маънӣ дорад: яке сари кӯҳ, дигаре миёни сар 95 б.

**СИГОЛ**[58] корсозӣ ва андешаи бад бувад. 100 б.

**СИЁБ**[59] ҳаёт бошад. 93 б.

**СИЁВУШ** писари Қайковус буд. 98 б.

**СИЕЛАХ**[60] хасак бувад, ки аз оҳан кунанд. Фирдавсӣ гӯяд:

Чу бо ҷайши хумон баровехтанд,
Сиёлах ба майдон дарун рехтанд. 95 а.

**СИЁМ**[61] кӯҳест ба ҷониби Мовароуннаҳр, ки Муқаннаъ ном касе буда, ки тилисме сохтааст, ки моҳро аз он ҷо баровардааст. Шеър:

На моҳи Сиёмӣ, на моҳи фалак,
Ки инат ғулом асту он пешкор. 101 а,

**СИЕН** ва **САН**[62] парсиён бошад ва он чизе бувад, ки бар дарахт печад ва онро ба тозӣ **ашақа** хонанд. 102 а.

**СИЕР**[63] кашкина бувад. 97 б.

---

[54] Дар «Ҷаҳонгирӣ» дучор наомад.

[55] Л. Ф. **Суғар** — ҷонваре, ки ҷумла андоми ӯ тег бошад, **тишӣ** низ гӯянд. (Мисоли боло аз Бӯшакур, с. 137).

[56] Л. Ф.: **Шеб** ва **тиб** — саргашта ва мадҳуш, қариби якдигаранд. Мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 26).

[57] Дар «Ҷаҳонгирӣ» дучор нашуд.

[58] Л. Ф. Касе ки созгорӣ ҳамекунад ба андеша, гӯянд, ки ҳамесиголад. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 327).

[59] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: амр аз оростан. Мисол аз Фирдавсӣ, с. 709-а.

[60] Дар «Ҷаҳонгирӣ» **саёлих**. 1. Хори хушк, 2. дар баъзе фарҳангҳо хорхасак. Мисол байти боло, с. 709-а.

[61] Л. Ф. ҳамин маъно ва мисол аз Рӯдакӣ, с. 336.

[62] Л. Ф. Сиён парсиён бувад. (Мисол аз Амъақ, с. 399). **Сан** — ашақа бувад, ки бар дарахт печад, **сиранд** ва **кушур** низ гӯянд, (мисол аз Рӯдакӣ, с. 400).

[63] Л. Ф. ҳамин шакл ва маънӣ, мисол аз Дақиқӣ, с. 155.

**СИЛА**[64] галан рамаи асп ва гов ва оху бошад. 103 а.

**СИЛК** ресмоне бошад, ки марворид дар он кашида бошанд. 99 б.

**СИМОБ**[65] ҷева бошад ва ба тозӣ **зайбақ** (зийбак) хонандаш. Фаррӯхӣ гӯяд:

> Шаб ҷахон хуфтаву ду дидаи ман,
> Ҳамчу симоб бар кафи мафлуҷ. 94 а.

**СИМОҚ**[66] номи ғуломест аз ғуломон.

**СИМЕЗА//СИМЕДА** сангест ки сайқалро шояд. 103 б.

**СИНДАРА**[67] ҳаромзода бувад. 103 а.

**СИНМОР**[68] номи маликест, ки сӯи Нӯъмони Мунзир шабдиз тохт(?) ва Нӯмон Мунзир ӯро аз пушти он шабдиз ба зер андохт, то монанди он ҷои дигар накунад. 97 б.

**СИНӢ**[69] тахт ё хон бувад заррин ва рими оҳанро низ гӯянд. 104 а.

**СИПАНҶ**[70] хонаи даштбон ва полизбон ва манзилгоҳиориятӣ ва раҳгузорӣ бошад ва корвонсарой ва работро низ гӯянд ва низ манзилеро гӯянд, ки мақом бисьёр нахоҳанд кард, чун дунё онро **сарои сипанҷ** гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

> Сипанҷӣ саросст дунё дуи,
> Басе чун ту з-ӯ рафт ғамгин буруи.
> Сипанҷест гетиву ту раҳгузар,
> Аз ӯ хоҳадат буд ногаҳ гузар. 65 а.

**СИПАРМ**[71] ҳамешаҷавон бувад. 101 б.

**СИПАРӢ**[72] ночиз шудан ва тамом шудан бошад, яъне мададаш ба моддат дигар нест. 104 а.

**СИПЕҲР**[73] осмон бувад, Унсурӣ гӯяд:

---

[64] Л. Ф. ҳамин маъні, мисол аз Фаррухӣ, с. 480.

[65] Л. Ф. **симоб** — жева бошад. (Мисол аз Огоҷӣ: Шаб бедор в-ин ду дидаи ман,— с. 27).

[66] Л. Ф. низ ҳамин, мисол аз Унсурӣ, с. 254.

[67] Л. Ф. низ ҳамин маъні, мисол аз Ғаввос, с. 423.

[68] Л. Ф. **Синиамор** мардест, ки барои Нӯъмон бинни Мунзир садир бисохт ва Нӯъмон ӯро аз пушти он садир ба зер андохт, то монанди он ҷои дигар бино накунад. (Мисол байте, с. 159).

[69] Л. Ф. **синӣ** ташт ва хон бувад рӯин. (Мисол аз Хисравӣ, с. 523).

[70] Л. Ф. манзили якшаба бувад; нусхаи «нуп»: раҳгузаре бошад ва корвонсарой. Байти якум аз Фирдавсӣ:

...Басе чун ту мерафт ғамгин буруи, с. 65.

[71] Л. Ф. **сипарам** (гули) ҳамешаҷавон бувад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 352).

[72] Л. Ф. тамом шудан бошад. (Мисол аз Рӯдакӣ, нусхаи «нун» — ба маънии боло; с. 518).

[73] Л. Ф. **сипехр** осмон бошад. (Мисол аз Унсурӣ: Барорандат гирдгардони сипехр... (с. 146).

Барорандаи гирдгардон сипехр,
Ҳам ӯ парварандаи моху мехр. 97 а.

**СИПОС**[74] шукр бошад, ки аз касе гӯянд. Унсурӣ гӯяд:

Бар дари кас чаро сипос ниҳӣ,
Чун на ба хештан ниҳӣ ту сипос. 98 а.

**СИРАНГ**[75] симурғ бувад Шеър:

Чуз хаёле надидам мар аз рухи ӯ,
Чуз хикоят надидам мар аз сиранг. 100 б.

**СИРАШК**[76] низ ба маънии сиришк аст, яъне абр(?) ва ашк ва қатраҳои борон ва оби чашмро гӯянд. Фирдавсӣ гӯяд:

БибориД Пирон зи мижгон ашк,
Тани пилсум дар гузашт аз сирашк. 100 б.

**СИРИНД**[77] он аст, ки бар дарахт печад ва онро ба тозӣ ашақа гӯянд. 95 б.

**СИРИР**[78] қавси кӯзаҳ бувад. 97 б.

**СИРИШК**[79] ашк бошад ва абр ва қатраҳои боронро низ гӯянд ва дигар дарахтест, ки гулҳои сафед дорад ва ба сурхӣ занад, онро сиришк гӯянд. Шеър:

Ҳам аз хайриву ғовчашму зиришк,
Бишуста рухи ҳар як об аз сиришк.

Ва дигар анборборис бувад ба тозӣ. 99 б.

---

[74] Л. Ф. **сипос** ва **сипоса** лутф бошад. (Мисол аз Бӯшакур, с. 200).

[75] Л. Ф. **Сӣ ранг** симурғ; Мисолҳои дигар аз Фирдавсӣ ва Фаррухӣ, с. 288. Нашри Сиёқӣ: сиранг (сайранг?) симурғ бошад. Фаррухӣ гуфт: (дар ҳошия аз «Фарҳанги Шуурӣ):

Ҳама олам зи футӯҳи ту нигорин гашта
Ҳамчу оганда ба сад ранг нигорин **сӣйранг** (с. 109).

[76] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Фирдавсӣ...: зи мижгон сиришк, ...дар гузашт аз пизишк, с. 266.

[77] Л. Ф. **сан**— ашақа бувад, ки бар дарахт печад, **сиранд** ва **кушур** низ гӯянд. (Мисол аз Рӯдакӣ,с. 400).

[78] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **сарир** (бе қайди ҳаракат): қавси кузаҳ бошад ва онро **салкес** ва **сарвеса** низ хонанд. Дар Таърихи «Тоҷул-маосир» дар сифати аждаҳое марқум аст, ки: Ҳамонид дум чун камони сарир. Ҳамон нӯги дандон чу пайкони тир. Ва ба тозӣ тахти подшоҳонро гӯянд. 285 б.

[79] Л. Ф. **сиришк** қатраи оби чашм бувад ва яке гуле бувад, ки порае ба сурхӣ занад, дигар дарахти гулро низ гӯянд ва **озоддарахт** низаш гӯянд, дигар қатраи борон ва қатраи ҳар чиз. (Мисол аз Унсурӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ); **Зиришк** ва **сиришк** анбарборис бувад. (Мисол аз Унсурӣ).

**Зиришки** дигар. Гуле бувад дар Ҳиндустон сахт хушбӯй. (Мисоли боло аз Асадӣ, с. 306).

**СИРМОН**[80] ёкути сурх бошад ва ҳарири тунукро низ гӯянд, ки нақш дошта бошад. 101 б.

**СИТАНБА**[81] бағиз ва қавӣ бувад, яъне зишт ва душман дошта. 103 б.

**СИТАНҶ**[82] захира. 94 а.

**СИТЕР**[83] ба ҳаракати маҷҳул, шаш дирам сангу ним бошад. Фирдавсӣ гӯяд:

Хаданге, ки пайкони ӯ даҳ ситер,
Зи тиркаш бароҳехт гурди далер. 96 б.

**СИТЕХ**[84] чизе бошад ростқад ва маҳкам чун найза ва сутун ва ғайра. Фирдавсӣ гӯяд:

Ҳам овард нӯги синони ситех,
Саропарда барканд хафтод мех. 95 а.

**СИТЕҒ**[85] бар пой хоста, яъне чизе бошад ростқад чун найзаҳо ва сутуне ростқад, ки гиреҳ набошад. Дақиқӣ гӯяд:

Бад-он гаҳ, ки гирад ҷаҳон гарду мег,
Сари нӯги румҳи ту гирад ситеғ. 99 а.

**СИТЕҲИДАН** ситеза кардан бошад. 101 б.

**СИТО**[86] ситоиш бошад. 93 б.

**СИТОВА**[87] макр бошад. 103 б.

**СИТОВАНД**[88] суффаи боло бувад, яъне равоқ. Тайён гӯяд:

Ин ҷаҳонест сипанҷӣ, бигузар зуд аз ӯ,
Чи барӣ ранҷ ба коху ба ситованд дар ӯ.

---

[80] Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ ҳамин маънӣ, с. 710-б.

[81] Л. Ф. **ситанба** марде **қавӣ** ва бузургтан бувад. Мисол аз Фирдавсӣ, с. 469).

[82] Дар «Ҷаҳонгирӣ» номи як навъ асбоби ғаллакӯбӣ ва ғалла аз коҳ ҷудокунӣ. 2. захира, с. 189.

[83] Л. Ф. **Ситер** шаш дирам сангу чаҳор донг бувад. (мисоли боло аз Фирдавсӣ ва инчунин мисол аз Саффор, с. 139).

[84] Л. Ф. **ситех** қади рост, чун найза ва сутун. (Мисол аз Фирдавсӣ. Ҳам овард пушти синони ситех, ...**ситеғ** низ гӯянд, с. 76).

[85] Дар Л. Ф. нашри Сиёқӣ, ҳамин маънӣ, мисол аз Бушақур:

Бад-он гаҳ ки гирад ҷаҳон гарду мег,
Кили пушти ҷавгон-т гардад ситеғ, с. 82.

[86] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 15.

[87] «Ҷаҳонгирӣ»: **ситова** макру ҳила бошад, саҳ. 187 б.

[88] Л. Ф. **сутованд** чун суффа бошад болои сутуне бардошта. Мисол аз Тайён:

Ҷаҳон ҷои бақо нест ба осонӣ бигзор,
Ба айвон чи барӣ ранҷу ба коху бистованд, с. 99.

**СИТОИШ**[89] мадху сано ва офарин бошад. 98 б.

**СИТОИШГОҲ**[90] махласи шеър бувад. 103 б.

**СИТОК**[91] токи раз бувад ва шохи дарахтро низ гӯянд ва гӯянд шохе бувад, ки аз дарахт нав берун ояд ё аз бехаш ё аз танаш ва он шохи тоза ва нозук бошад. Шеър:

> Осмон хайма зад аз дебои кабуд,
> Мехи он хайма ситоку суману насрино. 100 а.

**СИТОМ**[29] сарафсор ва олате баҳри зебу зинат аз зару нукра сохта, ки бар асбу уштур ва устур ниҳанд. 101-а.

**СИТОН**[93] ба пушт бозхуфта бувад. 102 б.

**СИТОХ**[94] шохе бувад, ки аз шохи дигар ҷаҳад, 95 б.

**СИТОҒ**[95] аспи тозии зиннокарда аз сабаби куррагӣ. 98-б.

**СИТӢ**[96] оҳане бувад сахт чун пӯлод. Фирдавсӣ гӯяд:

> Замин чун ситӣ бинию оби рӯд,
> Бигирад фарзу биёяд фуруд. 104 а.

**СИХУЛ**[97] ҷонварест ки бар тан хорҳо дорад монанди дук. 100 б.

**СИЯНҶУР**[98] оташпораҳо бувад. Фирдавсӣ гӯяд:

> Сиянҷур чу борони заррин ҷакон,
> Нагун абр борида бар осмон. 97 б.

**СИҒ**[99] нағз ва хуб бошад. 99 а.

**СИҲОН**[100] руди Сайҳун аст. 102 а.

**СО**[101] хироҷ ва бож бошад, ки малике ба подшоҳ фиристад. 93 б.

**СОБУТА**[102] зани пир бошад ба забони осиён 115 а.

---

[89] Л. Ф. **ситоиш** мадҳ бувад. (Мисол аз Бӯшакур, с. 220).

[90] Л. Ф. **ситоишгоҳ** ҷои тахаллуси шеър бувад. (Мисол аз Унсурӣ, с. 465).

[91] Л. Ф. **ситок** 1) Токи раз бувад. (Мисол аз Имора). 2. шохи нав бошад, ки аз буни раёхин бароянд ва дарахти тоза бувад ва нозук (мисоли боло аз Кисоӣ..., с. 299). (**байрам** — як навъ матоъ).

[92] Л. Ф. **ситом** сохти афсори марқаб аст. (Мисол аз Фаррухӣ, с. 346).

[93] Л. Ф. ба пушт бозхуфтаро **ситон** хонанд. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 387).

[94] Л. Ф. **ситоҳ** шохе бувад, ки аз шох барҷаҳад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 84).

[95] Л. Ф. **ситоғ** аспи зиннокарда. (Мисол аз Хаффоф ва Шаҳид, с. 237).

[96] Л. Ф. ҳамин маънӣ ва мисоли боло аз Бӯшакур, с. 523.

[97] Дар «Ҷаҳонгирӣ» низ ба ҳамин маънӣ, с. 710-а.

[98] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **сиянҷур** шарораи оташ. (Мисоли боло аз Фирдавсӣ... боранда дар осмон., с. 712-а).

[99] Л. Ф. **сиғ** рост бувад (мисол аз Бӯшакур, с. 236) (аммо дар мисол ва нусхаҳои дар ҳошия қайдшуда ба шакли **ситеғ** аст, с. 236).

[100] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 399.

[101] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Асҷадӣ, с. 16).

[102] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Қареъ, с. 504.

**СОВ**[103] боҷ ва хироҷ бошад ва дигар хурдаи зар, ки оташ надида бувад. Асадӣ гӯяд:

Ҳам аз зарри сову ҳам аз баста низ,
Ҳам аз дурру ёқут ҳар гуна чиз. 102 б.

**СОВИДАН** судан бувад. 102 а.
**СОД**[104] ба маънии содда аст. Фирдавсӣ гӯяд:

Дарахтони кишта надорем ёд,
Ба дандон ба ду нима карданд сод. 96 а.

**СОЗ** маъруф аст. 98 а.
**СОЛАНҶ** ва **СОРАНҶ**[105] мурғест кӯчак ва сиёҳ ва ба Озарбойҷон **сурон** гӯянд. Шоир гӯяд:

Тору ба хуш (хурӯш) аз ҷанорстон (?)
Соранҷ ба нола аз гули сурх. 94 а.

**СОМ**[106] паҳлавоне буд дар қадим, ки Рустами Зол аз насли ӯст ва ҳикояти ӯ машҳур аст. 101 б.
**СОМОН**[107] ором ва андозаи кор ва нишонагоҳи марз бошад. 101 б.
**СОН**[108] санге бувад, ки ба он корд ва теғро тез кунанд ва ба тозӣ онро **мисан** гӯянд. Дақиқӣ гӯяд:

Хуршед теғи тези туро об медиҳад,
Миррих нӯки найзаи ту сон кунад ҳаме.

Ва расму одатро низ гӯянд. 102 а.
**СОР**[109] номи мурғест сухангӯй ва сиёҳ. Хатирӣ гӯяд:

Пароканда бо мушкдум сангхор,
Хурӯшон ба ҳам (шораку) лоласор. 97 б.

**СОРУНА**[110] раз бувад, яъне ток. 103 а.

---

[103] Л. Ф. **сов** боҷу хироҷ бувад. (Мисоли дигар аз Фирдавсӣ, с. 414).
[104] Л. Ф. **сод** содда бувад. (Мисол аз Фирдавсӣ: дарахтон ки...).
[105] Л. Ф. **соранҷ** мурғе бошад кӯчак. (Мисоли дигар аз Саффори Марғазӣ, с. 68).
[106] Л. Ф. ҳамин маънӣ, с. 353.
[107] Л. Ф. **сомон** андоза ва нишонагоҳ бувад. (Мисол аз Кисоӣ, с. 381).
[108] Л. Ф. 1. фасон бувад, ки корд ва шамшер бад-он тез кунанд. (Мисоли боло аз Дақиқӣ: ...сон занад ҳаме; 2. расм ва ниҳод бувад. (Мисол аз Бӯалии Симҷур, с. 380).
[109] Л. Ф. **сор** номи мурғест сухангӯй ва сиёҳ. (Мисол аз Муҷалладӣ; **лоласор** номи мурғест хушовоз). (Мисоли боло аз Хатирӣ, с. 156).
[110] «Ҷаҳонгирӣ»: рази ангур бошад. Устод Рӯдакӣ фармояд:

Сиришк аз мижа ҳамчу дур рехта
Чу хӯша(е) зи соруна овехта (с. 110-а).

**СОРЕН**[111] номи шаҳрест дар Ғарча. Шоир гӯяд:

Басе Хисрави номвар пеш аз ин
Шудастанд з-ин Сорину Сорён.

**СОС**[112] ба маънии лутф ва латиф бувад. 98 а.
**СОЯД**[113] римн оҳангарон бошад. 95 б.
**СУ**[114] / / **САВ** рӯшноӣ бошад. 102 б.
**СУБУК**[115] чобук бувад. Шеър:

Сабук бош, то кор фармоямат,
Субуквор ҳар ҷой бистоямат. 100 а.

**СУБӮЙ** зарфи сафолин ё ғайри он, ки об дар он ҷо кунанд, ё ғайри об. 104 а.
**СУГОЛА**[116] саргини саг бувад. 103 а.
**СУҚОФИРА**[117] ҷӯбзахмаи муғанниён бошад. 103 а.
**СУЛ**[118] шушро гӯянд. 100 б.
**СУЛА**[119] сӯрох бувад. 103 а.
**СУМ**[120] хонае бошад, ки дар замин кананд дар роҳҳо ва деҳҳо ҷиҳати мусофирон. 101 б.
**СУМУ**[121] тар/р/ан дашт бувад, 103 б.
**СУМЧ**[122] нақбе бошад, ки дар замин канда бошанд чун хонае. Рӯдакӣ гӯяд:

Шав бад-он кунҷ, андарун хуме биҷӯй,
Зери он сумч аст, беруи шав бад-ӯй. 94 б.

**СУМЧА**[123] нақбе бошад, ки дар замин канда бошанд чун хона. 204.

---

[111] Л. Ф. номи шаҳрест дар Ғарча. (Мисол аз Дебоҷӣ: «...пеш аз ӯ», с. 397).
[112] Дар «Ҷаҳонгирӣ»: 1. латиф ва покиза, 2. номи кирмест, с. 111-а.
[113] Дар «Ҷаҳонгирӣ» дучор нашуд.
[114] «Ҷаҳонгирӣ» **сав** номи чашмае. **Су** 1. **маъруф**, 2. **монанд, сон**, 3. **мухаффафи суд**. 4. рӯшноӣ. Мисол аз Ҳаким Асадӣ:

...Вагар гавҳаре, к-ӯ диҳад су ба об
Ба торикӣ андар чу хуршеди тоб (с. 357 б).

[115] Л. Ф. **сабук** чобук бувад. (Мисоли боло аз Мантиқӣ, с. 305).
[116] Л. Ф. **Сагола** саргини мардум бувад. (Мисол аз Имора, с. 447).
[117] Дар «Ҷаҳонгирӣ» дида нашуд.
[118] Л. Ф. **сул** (?) шуш бувад. (Мисол аз Тайён, с. 334).
[119] Л. Ф. **сула** сӯрох бувад дар ҳар чизе (мисол аз Асҷадӣ, с. 434).
[120] Л. Ф. **сум** хонаҳо бошад зери замин канда. (Мисол аз Фирдавсӣ, с. 348).
[121] Л. Ф. низ ҳамин маънӣ. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 419).
[122] Л. Ф. **сумч** ва **сумча** нақб ва ҳафра (ҳуфта) — зада ва ба зери замин андар канда, чун хона низ бошад. (Мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 62).
[123] Л. Ф. **сумҷ** ва **сумча** — ба ҳамин маънӣ. Дигар зери луғати оҳун ки ба маънии сумча аст, с. 362).

**СУПОР**[124] **/ / СИПОР** ба забони Мовароуннахр чархушт бувад ва ба тозӣ **миъсара** гӯянд, ки ангур дар он ҷо афшоранд. Ва дигар он оҳан бошад, ки бад-он заминро шикофанд, яъне ба гов шиёр кунанд ва дигар олати хонаро низ гӯянд. 96 а.

**СУПУХТАН** дарфушурдан бувад. 101-б.

**СУР**[125] арӯсӣ ва хатнаро гӯянд. 96 б.

**СУРУН**[126] суру бувад, яъне фазан. 102 а.

**СУРУШ**[127] фаришта бошад ва баъзе гуфтаанд: Ҷабраил алайҳиссалом. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба фармони яздон хуҷиста сурӯш,
Маро рӯй бинмуд дар хоб дӯш. 98 б.

**СУСАНА**[128] савсан боша. 103 б.

**СУСМОР**[129] ҷонварест мисли росу, лекин ситабртар аз росу бувад ва аз пийҳи ӯ занон хӯранд, то фарбеҳ шаванд ва ба тозӣ вайро **заб** хонанд ва **сафан** низ гӯяндаш. Рӯдакӣ гӯяд:

Сусмор парвардаву бигдохта,
(Сӯс парвардаву пий бигдохта).
Хуб дармони занонро сохта. 96 б.

**СУТАНХЕЗ**[130] ба маънии растахез бувад, яъне рӯзи қиёмат. 98 а.

**СУТОМ**[131] чизи андак ва қалил ва камро гӯянд. Латифӣ гӯяд:

Он чи кардасту он чи хоҳад кард,
Пешам андак намояду сутом. 101 а.

**СУТРАНГ**[132] мардумгиёҳ бувад, яъне дарахти **воқ-воқ** ва ба истиорат занони нозояндаро гӯянд, ки ба арабӣ ақим бошад, бад-он нисбат ва **ябрӯҳ** низ гӯянд. 99-б.

---

[124] Л. Ф. **супор** ба забони Мовароуннаҳр чархушт бувад ва ба арабӣ маъсар. (Мисол аз Рӯдакӣ, **супори** дигар: **говоҳан**, ки замин шикофанд. (Мисол аз Лабибӣ, с. 127).

[125] Л. Ф. **сур** меҳмонӣ бошад ба анбӯҳӣ. (Мисол аз Лабибӣ ва Фаррухӣ, с. 147).

[126] Л. Ф. **сурун** кафалро хонанд. (Мисол аз Шаҳид ва Унсурӣ, с. 379).

[127] Л. Ф. **сурӯш** Ҷабраил ва фаришта бувад ва паҳлавӣ аст. (Мисоли боло аз Фирдавсӣ, с. 210).

[128] Л. Ф. савсан бувад. (Мисол аз Манучеҳрӣ, с. 506).

[129] Л. Ф. **сусмор** ҷонваре бошад, ки ба тозӣ **забба** хонанд. (Мисол аз Лабибӣ, с. 128). Дар«Ҷаҳонгирӣ»: **сус** 1. Кирме ки ба ҷомаҳои абрешим меафтад; (мисол аз Хоқонӣ), 2. Сусмор. Мисоли боло аз Рӯдакӣ: сӯс парварда ва май (?) бигдохта, нек дармоне занонро сохта. (с. 600-а).

[130] Л. Ф. **ситхез** растахез бувад, яъне рӯзи қиёмат. (Мисол аз Тайён, с. 188). Дар «Ҷаҳонгирӣ» **сатанхез** ба ҳамин маънӣ, с. 189-б.

[131] Л. Ф. андак бувад, ба тозӣ қалил. (Мисоли боло аз Фаррухӣ: сахтам андак..., с. 336).

[132] Дар «Ҷаҳонгирӣ» **сатранг** ба ҳамин маънӣ, с. 188 б.

**СУТУДА**[133] маъруф аст. 103 а.

**СУТУДОН**[134] гӯристони габрон бошад. 101 б.

**СУТУРГ**[135] лучуч ва тунд бошад. Мантиқӣ гӯяд:

Ситуда бувад назди хурду бузург.
Ки дар родмардӣ набошад сутург. 100 а.

**СУТӮҲ** ва **СУТУҲ**[136] ҳар ду ба як маънӣ аст ва он ба маънии нуфур ва сер омадан бувад. 103 а.

**СУФОЛ**[137] сӯфори тир бошад. 100 б.

**СУФТА**[138] чизе бошад, ки ба исми бизоат ё такаллуф ба ҷое фиристанд. 103 а.

**СУҒ**[139] сурӯи гов бувад, ки дар ӯ сикӣ хӯранд. Фирдавсӣ гӯяд:

Ба бозиву ханда гирифтан нишаст,
Суғи гову дунболи гурге ба даст. 99 а.

**СӮГ**[140] мотаму таъзият ва мусибат бошад. 99 б.

**СӮЗА** ва **СӮЧА**[141] хиштаки ҷома бошад. 103 б.

**СӮХ**[142] пиёз бувад. 95 а.

**СӮҲОН**[143] маъруф аст. 101 б.

---

133 Л. Ф. **ситуда** мадҳ карда бошад ва **ситудан** мадҳ кардан бувад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 485).

134 Л. Ф. низ ба ҳамин маънӣ. (*Мисол аз Рӯдакӣ, с. 356*).

135 Л. Ф. **ситург** луччуч ва тунд бошад. Аз Фирдавсӣ:

Ситуда бувад назди хурду бузург,
Гаҳи родмардӣ набудан ситург.

(Нусхаи «нун»: Рӯдакӣ, с. 278; нашри Сиёқӣ: ...Агар зод марде набошад сутург (с. 105).

136 Л. Ф. 1 **Ситуҳ** ситухидан ва лучоҷ аст. Мисол аз Бӯшуайб). 2) Ситуҳ дилтангӣ бувад. (с. 470).

137 Л. Ф. яъне сӯфори тир. (*Мисол аз Зайнабӣ, с. 330*).

138 Л. Ф. **суфта** моле бошад, ки ба шаҳре ё ба ҷое касеро диҳанд ва ба ҷои дигар боз ситонанд. (*Мисол аз Чуллоби Бухорӣ, с. 485*).

139 Л. Ф. **шағ** сурӯи гов бошад. (Мисоли боло аз Фирдавсӣ: ...гирифту нишаст, с. 235) *ниг.* шуғ; ҳамин маънӣ ва мисол.

140 Л. Ф. **сук** мусибат, мисол аз Рӯдакӣ, с. 283. **сӯк** хори хӯшаи гандум ва ҷав, **кӯсаро** низ **сӯкриш** гӯянд. Мисол аз Шокири Бухороӣ, с. 287.

141 Л. Ф. хиштча зери каши ҷома аз пӯшидаӣ бошад ва хиштак **низ** гӯяндаш ва мардуми авом **сӯжа** гӯянд. (*Мисол аз Имора, с. 421—422*). Дар «Ҷаҳонгирӣ» **сӯза** тирези ҷома. Мисол аз Шамси Табасӣ ва Хоҷа Амиди Лӯмакӣ, с. 599-а.

142 Л. Ф. **сӯх** пиёз бувад. (*Мисол аз Кисоӣ, с. 84*).

143 Л. Ф. мибрад бошад. (с. 373 **мибрад** — сӯхон).

# Т

**ТАБАНГА**[1] табли нои бошад. 55 б.

**ТАБАНҚУ**[2] сандуқ бошад ва хошокдонро низ гӯянд. 55 а.

**ТАБАНҚУЙ**[3] сандуқ бошад. 56 б.

**ТАБАРХУН**[4] сурхбед бошад ва **беди табарӣ** низ гӯяндаш. 55 б.

**ТАБАСТ**[5] чизе зишт ва суст ва миллате табоҳ бошад ва аз кор шуда. Шоир гӯяд:

Дареғи ман, ки маро маргу зиндагонӣ талх,
Ки дил табасту табоҳ асту дин табоҳу табаст 48 б.

**ТАББОДА** табларза бошад. 55 а.

**ТАБИДАН** ларзидан бошад. 54 б.

**ТАБИР**[6] духул бувад. 49 б.

**ТАБИРА**[7] духул бошад. Рӯдакӣ шоир гӯяд:

Пас табира дид наздики дарахт,
Хар гахе бонге бичастӣ тунду сахт.

Ва Фирдавсӣ низ гӯяд.

Бирафтанд ниме гузашта зи шаб,
На бонги табира, на бӯқу чалаб. 55 б.

**ТАБИШ** гармӣ бошад. 51 б.

**ТАБУК** ва **ТАБУРАҚ**[8] табақи чӯбин бошад мисоли даффе, ки баққолон маъкулот аз дона ва мева ва он чи бад-ин монад, дар он чо кунанд ва холо онро **табанк** гӯянд. 52-б.

**ТАБХОЛА**[9] асари таби гарм бувад, яъне ҷӯшише бошад, киҷ баъд аз таб аз лабу даҳон берун ояд. 55 б.

**ТАВ**[10] ҷои об дар дашт. 54 б.

---

[1] Л. Ф. **табангуй** ноидон ва сандуки нон; чопи Дабири Сиёқӣ, с. 177, 178, *ниг.* **табанку**.

[2] Л. Ф. **табангу**, ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 416.

[3] Л. Ф. **табанку** сандуқ бувад ва хошокдон бувад. (мисол аз Рӯдакӣ, с. 412. **Табангуй** сандуқ бувад. (с. 522).

[4] Л. Ф. **табархун** чӯби сурхе бошад. (Мисол аз Унсурӣ, с. 387).

[5] Л. Ф. чизе бувад суст. (Мисоли мазкур аз Оғоҷӣ; нусхаи «ҷим»: Аҳмадӣ, с. 36).

[6] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 145).

[7] Л. Ф. духул бувад, мисоли дигар аз Фирдавсӣ, нусхаи «Нун»; **Табира** табли ду сар бошад; Луғатҳои дигар ин луғатро надорад. (Қайд аз ҳошияи Л. Ф. с. 439).

[8] Л. Ф. **табук** табақе бошад бар мисоли даф, баққолҳо маъкулҳо дар он ҷо кунанд. (Мисол аз Мунҷик, с. 259).

[9] Л. Ф. мазмунан ҳамин маънӣ, мисол аз Хаффоф, с. 403.

[10] Дар Л. Ф. дида нашуд.

**ТАВИЛ**[11] аз болои пешонӣ он ҷо ки мӯй бар наёяд ва аслаъ бувад. 53 б.

**ТАВОН**[12] ҷунбиш бувад. 54 а.

**ТАВОРА**[13] хонае бошад, ки дар он ҷо саргин ва палидӣ бошад. 55а.

**ТАВҚИ БУҲОР** кавси кузаҳро гӯянд. 115а.

**ТАГАРҚ** жола бувад. 53а.

**ТАГИЛ**[14] марди навҷувон ки ҳанӯз хат тамом бар оразн ӯ бар наёмада **бошад. 53 б.**

**ТАЗ**[15] ба ду маънӣ аст, яке мурғаке бошад кӯчак ва бонге (?) ба ранги гунҷишк бувад ва барҷаҳанда ва нек натвонад паридан ва нишотӣ бувад ва дар гулистонҳо бештар бувад ва навои хуш занад ва дар баъзе мавозеъ ӯро **тазд** гӯянд ва ба забони Исфаҳон **тазанд** гӯяндаш. Ва яке дигар дандонаи калид бошад. Лабибӣ шоир гӯяд:

> Деҳқор бе деҳ асту шутурбон бе шутур,
> Полон бе хар асту калиде тиҳӣ зи таз. 50 б.

**ТАЗА**[16] дандонаи калид бувад. 55 б.

**ТАЗАРВ**[17] мурғе сахт рангин аст. 55 а.

**ТАЙТУ//ТЕТУ** мурғи обист. 115 б.

**ТАҚАС//ТАГАС**[18] донаи ангур бувад, яъне устухони ангур. Шоир гӯяд:

> Он хӯша бин, чунон ки яке хека пуртакас,
> Сарбаставу набурда ба ду даст хеҷ кас. 51 б.

**ТАКИЖ**[19] устухони миёни ангур бошад, яъне донаи ӯ. Лабибӣ гӯяд:

---

[11] Л. Ф. пеши пешонӣ бувад. Мисол аз Ғаввос, с. 314).

[12] Дар Л. Ф. дида нашуд. Дар «Ҷаҳонгирӣ»: **тувон** 1 кудрат, 2. абр.

[13] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[14] Л. Ф. **тагл** марди навчавон бошад, ки ҳанӯз хат наёварда. (Мисол аз Тайён, с. 321.

[15] Л. Ф. **таз** мурғаке бувад кӯчак ва лавнаш хашина бувад ва нек натвонад паридан ва дар гулистонҳо бештар бувад. (Мисол аз Рӯдакӣ, с. 170). **Таж** дандони калидон бувад. (Ҳошия, аз нусхаи «чим»: **таза** ва **маланг** дандонаи калид бошад. Мисол аз Лабибӣ: калидон бе таза, с. 180.

[16] Л. Ф. дандонаи калид бувад, аз чӯб кунанд (хошия: нусхаи «нун»: **тажа** дандонаи калидон бувад, с. 442).

[17] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 420.

[18] Л. Ф. донаи ангур (такаж). Мисоли боло аз Баҳромӣ, ба ҷои «пуртакас-пурнабиз» ва байти дуюм:

> Бар гуна сиёҳи чашм аст гужми ӯ,
> Ҳам бар мисоли мардумаки чашм аз ӯ такас. с. 192.

[19] Л. Ф. **такаж** устухони ангур бувад, баъзе такас хонанд. (Мисол аз Лабибӣ: ...бисӯзанду диҳандат..., Ту ба санг такж... Мисоли дигар аз Абулаббос ва аз Баҳромӣ, с. 192).

Гар биёранду бикӯбанду диҳандат бар бод,
Ту ба санги такиж нон надиҳӣ боби туро. 51 а.

**ТАКОПӮЙ**[20] омад-шуди батаъҷил, яъне давидан ба так. 56б

**ТАКУК**[21] зарфе бошад бар сурати шер, ки аз зару нуқра ва ё сафол созанд ва бад-он шароб хӯранд. Рӯдакӣ шоир гӯяд:

Май гусор андар такуки шоҳвор,
Хӯр ба шодӣ рӯзгори навбаҳор. 52 б.

**ТАЛ** тӯдаи рег бувад ва баландиро дар замин ва ҳомун низ гӯянд. 53 б.

**ТАЛА**[22] дом бошад, зи ҳар навъе ки бошад. Шеър:

Зи қайдаш чунон эмин, к-андар ӯ,
Ҳама дона бинӣ, набинӣ тала. 56 а.

**ТАЛАНГ**[23] гадоӣ кардан бувад ба ҳар ҷое. 53 б.

**ТАЛОТУФ**[24] касеро гӯянд, ки хештанро аз палидӣ пок надорад ва напарҳезад. 52а.

**ТАМАНДА**[25] кажзабон бувад ва ларзон ва ӯро ба тозӣ **фоъфоъ** гӯянд. 56 а.

**ТАМӮК**[26] нишон тир бувад ва тире, ки аз захм бо гӯшту бо хун (нохун?) боз гиранд. Байҳақӣ шоир гӯяд:

Писари хоҷа даст кард ба кӯк,
Хоҷа ӯро бизад ба тири тамук. 52 б.

**ТАМҒОҶХОН**[27] подшоҳи Самарқанд. 115 а.

**ТАМҒУЗ ва ТАБҒУЗ**[28] ҳар ду, мурғонро минқор бошад ва дигар ҳайвонотро беруни даҳон бувад. 50 б.

**ТАНА**[29] содаи дарахт бувад. 56 а.

---

[20] Л. Ф. тагу пӯй бошад. Мисол аз Бӯшакур //ҳошия, нусхаи «нуп»: ба таку пӯй ҳар сӯ давидан ва рафтан бошад ба коре, 525.

[21] Л. Ф. **такук** чизе бошад заррин ё симин, ё руин ё оҳанин бар сурати гов ё моҳӣ ё мург ва бад-он шароб хӯранд. Рӯдакӣ гуфт:

Хӯр ба шодӣ рӯзгори навбаҳор,
Май гусор андак такуки шоҳвор.

(Маклуби мисраъ дар «син» аст, с. 259).

[22] Л. Ф. **тала** масӣ бошад, ки соъӣ кунанд, бе мисол, с. 468.

[23] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯзбеҳ, с. 308.

[24] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Шаҳид, с. 247.

[25] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз шоире, с. 512.

[26] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисоли боло мансуб ба Имора; дар нусхаи «син» бидуни номи шоир, с. 274.

[27] Л. Ф. низ ҳамин шакл ва маънӣ, с. 403.

[28] нig. **батфуз.**

[29] Л. Ф. Сокаи дарахт. (Мисол аз шоире, с. 506).

**ТАНГ**[30] панҷ маънӣ дорад: 1. нимаи хирворе бошад. 2. танги асп аст. 3. танги ҷувол. 4. **фарох** аст. 5. дараи кӯҳ бошад. Шеър:

> Ба зулф танг бибандад бар охуи танге,
> Ба дида дида бидӯзад зи ҷодуи мӯхтол. 52 б.

**ТАНУМАНД** тандуруст ва хуррам. 49 б.

**ТАНҶ**[31] ба маънии танҷидан ва фароҳам фуршурдан бошад ва гӯянд «матанҷ», яъне «фароҳам машкан» хештанро. Рӯдакӣ гӯяд:

> Меҳр мафкан бар ин сарои сипанҷ,
> К-ин ҷаҳон хаст бозиву найранҷ.
> Неки ӯро фасона дору шуд,
> Бади ӯро камар-т сахт битанҷ. 49 а.

**ТАНҶА** шаҳрест, ки дар буни кӯҳи Қоф аст. 116 а.

**ТАПИД**[32] чизе бошад, ки аз ҷое биҷаҳад, чун мурғе ки бикушӣ, битапад. 115 а.

**ТАРАНҶИДА**[33] сахт нек дар ҳам омада бувад. Шеър:

> Ҷои таранҷидаву шикаста дилам,
> Гӯиё аз ғаме фурӯ гусилам. 55 б.

**ТАРБОН//ТАРЕН**[34] чизе бошад мисоли табаке, аз шохи дарахт бофанд. 54 а.

**ТАРГУН**[35] даволи фитрок бошад. 54 а.

**ТАРЗАДА**[36] қибола бувад ва ҳоло **тарда** гӯянд. 55 а.

**ТАРКАШ**[37] тирдон. 51 б.

**ТАРО**[38] деворе бошад, ягонаи сахти азим ва баланд, ки пеши касе ё чизе кашанд. 48 а.

**ТАРОБИДАН**[39] чакидани об аз кӯза бувад. 54 б.

**ТАРСА**[40] қавси қузаҳ бувад. с. 55 б.

---

[30] Л. Ф. *ниддӣ* **фарох**, танги асб, ҷувол, хирвори шакар; мисол аз Фаррухӣ. 5. дараи кӯҳ. Мисол аз Мунҷик (байти боло), с. 279.

[31] Л. Ф. гӯй: «битанҷ», яъне фароҳам фишор, мисоли боло аз Рӯдакӣ, с. 55.

[32] Л. Ф. чизе бошад, ки аз ҷое ҷаҳад. (Мисол аз Оғоҷӣ, с. 116).

[33] Л. Ф. таранҷида ва оғолида ва решида дарҳам омада бувад чун пероҳан ва ғайра, ки ба даст ҷамъ кунанд ва бишкананд, чун шуста бошад. (Мисол аз Рӯдакӣ: Гӯй аз ғам ҳаме фурӯ гуселам, с. 450).

[34] Л. Ф. тарён, с. 357.

[35] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунҷик, с. 378.

[36] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[37] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Имора, с. 218.

[38] Л. Ф. деворе бузург ва сахт бошад, ки бисёр баланд ва азим бувад ва дар пеши чизе ё касе бикашанд. (Мисол аз Шаҳид., с. 14).

[39] Л. Ф. **тароб** тарашшуҳ, с. 22.

[40] Л. Ф. **Нӯс** қавси кӯзаҳ бошад, мисол аз Хисравонӣ; Дар нусхаи дигар **нуса**, Ҷопи Дабири Сиёқӣ, с. 61. Ниг. Убаҳӣ, **Нуса, нӯс**.

**ТАРТ**[41] пароканда ва ба зиён омада бошад, яъне табоҳшуда. 48 б.

**ТАРТОНИЙЮШ**[42] номи он ҷазираест, ки Узро он ҷо афтод ва халос ёфт. Шеър:

Бишуд аз паси ранҷҳои дароз,
Ба я(к)ке ҷазира расиданд боз,
Куҷо номи ӯ буд Тартонийюш,
Дар ӯ подшоҳ номи ӯ Навкаюш.

**ТАРУМИДА**[43] омехта ва андӯхта бувад, 56 а.

**ТАРУҲИДА ва ТАРУМИДА** ҳар ду, ба маънои омехта ва андӯхта бошад 56 а.

**ТАРФАНД**[44] макру ҳилат ва зарку дурӯғ ва муҳол бошад, 49а.

**ТАРФАНҶ**[45] роҳи борик ва душвор бошад. 49 а.

**ТАРОН**[46] подшоҳи Туркистон буд. 115 б.

**ТАРҒ ва ТОҒ** ҳар ду, ҳезумро гӯянд. 51 б.

**ТАРҚАНДА** беҳуда бувад. 56 а.

**ТАТРӢ**[47] сумоқ бувад. 56 б.

**ТАФНА**[48] пардаи анкабут. 55 б.

**ТАФНА//ТАҒНА**[49] бофтаи анкабут. 56 а.

**ТАФОҒ**[50] қадаҳе бошад, ки аз он шароб хӯранд.

**ТАФТА**[51] гарм бошад. 55б.

**ТАФШИЛА**[52] қалияе бошад, ки гӯшту кашниз ва гандано ва ҷазар ва тухми мурғ ва ангубин созанд ва бихӯранд. 55 б.

---

[41] Л. Ф. **тарту март** табоҳ ва табаст бошад. (Мисол аз Хуҷиста, с. 51).

[42] Л. Ф. **тартониюш** номи он ҷазираест, ки Узро он ҷо афтод ва халос ёфт. (Мисол аз Унсурӣ):

Ҳаме аз паси ранҷҳои дароз,
Ба Тартониюш андар омад фароз, с. 225).

[43] Дар Л. Ф. дида нашуд.

[44] Л. Ф. сухани беҳуда бошад, чун муҳол бувад, (мисол аз Фаррухӣ, с. 88).

[45] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Рӯдакӣ, с. 69.

[46] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Муҷалладӣ, с. 399.

[47] Л. Ф. ҳамин маънӣ. (Нусхаи асос ва ҳошияи «нун»; дар фарҳангҳо байти Н. Хисравро мисол овардаанд, с. 521).

[48] Л. Ф. **тафна** пардаи анкабут бувад, ки гирди хеш битанад. Шаҳид гуфт:

Ишқи ӯ **анкабутро монад,**
Битанидаст тафна гирди дилам. Чопи Сиёҳӣ, с. 159).

[49] Л. Ф. тафна, чопи Сиёқӣ.

[50] Ниг. **нафоғ**.

[51] Л. Ф. ҳамин маънӣ, дар нусхаи «ҷим».

[52] Л. Ф. ҳамин маъно, мисол аз Мунҷик, с. 444.

**ТАХЛА**[53] асо ва наълайн бувад. 55 б.

**ТАШ**[54] тешаи бузург бошад, ки бад-он дарахт бурранд ва шикофанд. 51 б.

**ТАШЛЕҲ**[55] саччода бошад. 49 а.

**ТАШИ**[56] сихулро гӯянд, ки бар тан хорҳо дорад монанди дук. 56 б.

**ТАҒАРЧОҚ**[57] ба маънии сохта бувад. 52 а.

**ТАҲАНБАН**[58] сари дег. 54 б (*ниг.* **наҳанбан**).

**ТЕЗФУЗ**[59] перомуни даҳон бувад, аэопи одамӣ ва чаҳорпой ва даду дом. 51 а. (*муқ.* **батфуз**).

**ТЕҒ**[60] се маънӣ дорад; 1 шамшер аст. 2. рӯшоной ва шиои теғу офтобу моҳ. 3 тезии сари кӯҳ. Унсурӣ гӯяд:

> Чу теғи фурӯзанда аз теғи кӯҳ,
> Баромад шаб аз бими ӯ шуд сутӯҳ.

Фирдавсӣ низ гӯяд:

> Бияфтоду Бежан чудо гашт аз ӯй,
> Суви теғ бинҳод бо теғ рӯй.

**ТИБ** саргашта ва мадҳушро гӯянд. 48 а.

**ТИЕБ** таровидани об бошад ва полониши онг .48 а.

**ТИЙҲУ** фарфур ва дуррочро гӯянд. 54 б.

**ТИЛОЧ**[61] бонгу машғала бошад. 48 б.

**ТИМ**[62] корвонсарой бошад ва кужум ва балвосро (парвосро?) низ гӯянд. Шеър:

> Ман зи тими ту ба темор гирифтор шудам,
> Ту ба тимори махал боз ба тим ор маро. 53 б.

---

[53] Л. Ф. наълайн бошад. (Мисол аз Мунчик, с. 428).

[54] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Мунчик, с. 207.

[55] Л. Ф. ҳамин маънӣ, мисол аз Абулаббос, с. 77.

[56] Дар Л. Ф. ин луғат зери калимаи **сугар** омадааст, с. 137.

[57] Л. Ф. ба маънии сохт бувад, мисол аз Начибӣ, с. 249.

[58] Л. Ф. **наҳанбан** сари дег ва кӯзаҳо ва танӯр бувад. Кисой гуфт:

> Биншой рози ишку нуҳуфта мадор ишк,
> Аз май чи фоида аст ба зери наҳанбано. (Чопи Сиёқӣ, с. 158).

